ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

# МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ: НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ




ДУШАНБЕ - 2025

**Ҳайати таҳририя:**
Қодиров Ф.А., Фарайдунов О.Қ.,
Ҳамроев М.И., Худойбердиев Ҷ.М.

**Редакционная коллегия:**
Кодиров Ф.А., Фарайдунов О.К.,
Хамроев М.И., Худойбердиев Дж.М.

Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон, магистрантону докторантон ва донишҷӯён бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардидани солҳои 2025-2030, «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон шудани соли 2025 ва 34-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21-26 апрели соли 2025) – Душанбе, 2025.- 150 саҳ.

Дар маҷмӯа маърӯзаҳои илмии профессорон, омӯзгорон, докторантон, унвонҷӯён ва магистрантону донишҷӯён гирд оварда шудааст. Мақолаҳо палӯҳои гуногуни масоили илми иқтисодӣ аз қабили самтҳои молия, андоз, бонк, суғурта, фаъолияти биржавӣ ва саноатро дар бар мегирад.

Масъулияти муҳтавои илмӣ, далелҳо ва иқтибосҳо ба зиммаи худи муаллифони мақолаҳо вогузор мегардад.

Сборник материалов общеуниверситетской научно-теоретической конференции преподавателей, сотрудников, магистрантов, докторантов и студентов, посвященной объявление 2025-2030 годов «Годами развития цифровой экономики и инноваций», «Международным годом сохранения ледников» объявление года 2025 и 34-я годовщина государственной независимости Республики Таджикистан (21-26 апреля 2025 г.) –Душанбе, 2025. -150 стр.

В сборнике собраны научные доклады профессоров, преподавателей, докторантов, соискателей, магистрантов и студентов. Статьи охватывают широкие аспекты экономической науки, такие как финансы, налогообложение, банковское дело, страхование, деятельность фондового рынка и промышленность.

Ответственность за научное содержание, точность факторов и цитаты несут авторы опубликованных материалов.

**©ДДМИТ, 2025**
**©ТГФЭУ, 2025**

## ИҚТИДОРИ ТРАНЗИТИИ ҶТ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Содиқов Метархон Соқибекович** –доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони ДДМИТ; тел. 935084076. E-mail: metar76@mail.ru

Дар мақола асосҳои назариявии рушди масъалаҳои иқтидори транзитии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ омӯхта мешаванд. Диққати махсус ба муаммоҳои ташкил ва рушди имкониятҳои инфрасохторӣ ва транзитӣ дода мешавад. Ҳамчунин дар мақола масъалаҳои аз бунбасти комуникатсионӣ баровардани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба кишвари транзитӣ табдил додани кишвар баррасӣ мегарданд.

**Вожаҳои калидӣ:** иқтидори транзитӣ, коммуникатсия, маблағгузорӣ, хизматрасонӣ, инфрасохтор, иқтисодиёти бозоргонӣ, Осиёи Марказӣ, ҳадафҳои стратегӣ ва ҳамгироӣ.

## ТРАНЗИТНЫЙ ПОТЕНЦИАЛ РТ И ЕГО ЗНАЧЕНИЕ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ ГОСУДАРСТВ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

**Содиков Метархон Сокибекович** - доктор экономических наук, профессор кафедры мировой экономики ТГФЭУ; тел. 935084076. Электронная почта: metar76@mail.ru

В статье изучены теоретические основы развития транзитного потенциала Республики Таджикистан в условиях рыночной экономики. Особое место уделено вопросам организации и развития транзитных и инфраструктурных возможностей. Также в статье рассматриваются вопросы вывода Республики Таджикистан из коммуникационной изоляции и превращения её в транзитное государство.

**Ключевые слова:** транзитный потенциал, коммуникация, финансирование, услуги, инфраструктура, рыночная экономика, Центральная Азия, стратегические задачи и интеграция.

## TRANSIT POTENTIAL OF RT AND HER VALUES ON DEVELOPMENT OF ECONOMY

**Sodikov Metarkhon Sokibekovich** - Doctor of Economics, Professor of the Department of World Economy of TSFEU; tel. 935084076. E-mail: metar76@mail.ru

There are studied theoretical bases of development transit potential of Republic of Tajikistan in the conditions of market economy in the article. The special place is spared to the questions of organization and development of transit and infrastructural possibilities. Also there are examined the questions of conclusion of Republic of Tajikistan from communication isolations and transformations of her in transit the states in the article.

**Key words:** transit potential, communication, financing, services, infrastructure, market economy, Central Asia, strategic objectives and integration.

Дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодиёти мамлакат рушди фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Мусаллам аст, ки аз бунбасти комуникатсионӣ баровардани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба кишвари транзитӣ табдил додани кишвар ҷиҳати ташаккулёбии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ мусоидат мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои бойи табииро доро мебошад ва худи мавқеи ҷуғрофӣ ва ҳамсоя будан бо якчанд давлат имконият медиҳад, ки қаламрави

мо ҳамчун купруки транзитӣ ба давлатҳои ҳамсояи мо хизмат намуда, ба иқтидори воридотиву содиротии кишвар таҳким бахшад. Аз ин лиҳоз, табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қаламрави транзитӣ барои илми иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидорӣ проблемаи рақами як ба ҳисоб меравад.

Чӣ хеле ки аз Паёми Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, қаламрави Тоҷикистон кӯҳсор аст ва рушд додани инфрасохтори нақлиётӣ яке аз шартҳои асосии рушду пешрафти иқтисодиёт ба шумор меравад.[1] Фақат шоҳроҳҳо метавонанд Тоҷикистони кӯҳиро ба мамлакатҳои дуру наздик бипайванданд. Бе бунёди роҳҳои хуби автомобилгард тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёт, ободонии мамлакат ва ваҳдати милли имконнопазир аст. Бояд қайд кард, ки дар давоми истиқлолият зиёда аз 2000 км роҳҳо бо маблағи беш аз 12 миллиард сомонӣ таҷдиду аз нав сохта шудаанд ва маблағузории ин соҳа аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарчашмаҳои берунӣ давом дорад. Ҳоло дар соҳа татбиқи 14 лоиҳа ба маблағи умумии панҷуним миллиард сомонӣ идома дорад.

Бояд қайд кард, ки дар замони истиқлолият беш аз 190 километр роҳи оҳан бунёд карда шуд. Барои ба сатҳи байналмилалӣ мутобиқ гардонидани роҳи мошингарди Душанбе – Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Хоруғ - Кулма оғози таҷдиди ду қисмати душвортарини он, яъне Кӯлоб - Шӯрообод ба масофаи 32 километр ва Шкев – Қалъаи Хумб ба масофаи 26 километр ба нақша гирифта шуда буд, ки маблағи умумии он беш аз 800 миллион сомониро ташкил медиҳад, ба анҷом расонида шуд.

Ба ғайр аз ин, корҳои омодасозии лоиҳа барои оғози таҷдиди роҳи мошингарди Қалъаи Хумб - Ванҷ ба масофаи қариб 110 километр ва арзиши умумии беш аз 2 миллиард сомонӣ идома дорад. Танҳо дар амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт айни ҳол зиёда аз 3000 нафар коргар кор мекунанд. Дар маҷмӯъ, қариб 510 километр роҳ таъмиру таҷдид ва 140 пул сохта ва барқарор карда шудааст.[1]

Илова бар ин, ба маблағи беш аз 70 миллион сомонӣ таъмиру таҷдиди роҳҳои байни шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои деҳот ба масофаи 324 километр ба анҷом расида, ғайр аз ин, аз ҳисоби Фонди эҳтиётии Президенти мамлакат дар 21 шаҳру ноҳияи кишвар 81 километр роҳҳои байнишаҳрӣ ба маблағи 90 миллион сомонӣ азнавсозиву таъмир шудаанд.

Дар баробари ин аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ ёфтани Тоҷикистон гардиши молҳо бо нақлиёти автомобилӣ афзуда истодааст. Лозим ба ёдоварист, ки гардиши молӣ бо нақлиёти байналмилалӣ дар солҳои охир 9 маротиба ва бо нақлиёти соҳибкорони ватанӣ 12 маротиба афзудааст. Дар заминаи бунёди роҳҳо тиҷорати байни кишварҳои ҳамсоя густариш ёфта истодаат, ки нишондиҳандаҳои омории солҳои охир гувоҳи ин аст. Тайи солҳои охир дар таркиби содирот ба ғайр аз молҳои анъанавӣ ҳиссаи молҳои дигар низ зиёд шуда истодааст, ки ин бештар ба кишварҳои ҳамсарҳади Тоҷикистон (аз ҷумла Афғонистон) рост меояд. Гуфтан мумкин аст, ки дар қатори ин молу ашё як қатор молҳои дигар таркибдиҳандаи тиҷорати наздисарҳадӣ мебошанд.

Шарикони асосии содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба авҷ гирифтани тиҷорати наздисарҳадӣ ва бунеди роҳҳо тағйир ёфта истодаанд. Агар дар даҳсолаи пеш шарикони асосии содироти кишвар Иттиҳоди Аврупо бошанд, солҳои охир Ҷумҳурии Халқии Хитой (37,4%), Туркия (31,5%), Россия (8,5%), Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (4,4%), Латвия (1,7%), Қазоқистон (1,7%) ва Италия (1,4%) ҳиссаи бештар доранд.[4]

Агар 58,8% воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил рост ояд, аз байни кишварҳои ҳамсоя Ҷумҳурии Халқии Хитой (9,0%), Ҷумҳурии Исломии Эрон (5,3%) ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (1,5%) ҳиссаашон афзуда истодааст. Маълум аст, ки афзоиши ҳиссаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар таркиби

ҷуғрофии содирот ва ҳам воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама бо тиҷорати наздисарҳадӣ пайваста аст, ки бештари он ба воситаи пули 670 метраи пайвасткунандаи шабакаи роҳи кишвар бо роҳи Шерхон-Бандари Афғонистон сурат мегирад.

Нахустин роҳ, ки соли 1996 сохта шуд Қароқурум-Қулма-Хитой буд ки Тоҷикистонро бо Шарқ пайваст намуд ва баъди 10-сол бошад нақби Истиқлол шимолу ҷануби мамлакатро наздик кард, ки ин имкон дод дар тамоми фасли сол бозори дохилӣ аз маҳсулотҳои ватанӣ таъмин гардад.

Дигар масъалаи муҳимме, ки барои Тоҷикистон рӯзмарра мебошад, ин сохтмони қубури газ аз Туркманистон ба Чин мебошад. Бояд тазаккур дод, ки сохтмони хати газ, ки аз Туркманистон ба Чин ба воситаи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузарад, барои Тоҷикистон аз ҷиҳати иқтисоди хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Дарозии ин лоиҳа зиёда аз 1000 км мебошад ва дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 400 километрро ташкил менамояд.

Барои сохтмони он дар қаламрави Тоҷикистон зиёда аз 3000 ҳазор коргар ҷалб карда шудааст ва арзиши он ба 3,2 миллиард доллар баробар меояд. Баъди истифодабарии он мувофиқи маълумотҳо ба буҷаи давлат зиёда аз 1 миллиард доллар ворид мешавад, ки барои рушди иқтидори соҳаи иқтисодиву иҷтимоӣ таҳким мебахшад. [2]

Лоиҳаи дигаре, ки барои Тоҷикистон муҳим аст, ин CASA-1000 мебошад. Амалисозии лоиҳа ба интиқоли неруи барқ ба Афғонистону Покистон дар ҳаҷми 1300 МВт дар як сол аз ҷониби Тоҷикистону Қирғизистон имкон медиҳад. Дар лоиҳаи CASA-1000 сохтмони хатти интиқоли барқи минтақавӣ барои дар мавсими тобистон аз Тоҷикистону Қирғизистон ба Афғонистону Покистон интиқол додани неруи барқи зиёдатӣ пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин амалисозии ин лоиҳа ба таҳияи механизмҳои савдои барқ ва таъсиси бозори минтақавии неруи барқ дар Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ (CASAREM) низ мусоидат менамояд.[5]

Дастоварди дигари бузурге, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти стратегӣ дорад, ин сохтмони роҳи оҳани Тоҷикистон-Афғонистон-Туркманистон мебошад. Дарозии умумии ин лоиҳа 123 километр мебошад. Ин роҳи оҳан бисёртар барои Афғонистону Тоҷикистон аҳамияти калон дорад, зеро ин ду давлат ба баҳр роҳ надоранд. Бояд қайд кард, ки баъди ба итмом расидан пайваст шудани Чин, Эрон ва Қирғизистон ба ин шабака аз эҳтимол дур нест.

Аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Ҷумҳурии Тоҷикистон дастоварди ниҳоят муҳим маҳсуб меёбад, ки дар баробари ин масъалаи баромадан ба баҳр ва бандарҳои тиҷоратӣ ҳалли худро хоҳанд ёфт. Ин тақозо менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи ҳамгироии иқтисодии худро дар доираи ҳамкории иқтисодӣ густариш дода, баҳри пайваст шудан ба шабакаи коммуникатсионӣ ва бунёди шабакаи нави ба талабот ҷавобгӯ дар доираи ҳамкориҳо, махсусан шабакаи роҳи автомобилгард ва роҳи оҳан байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Покистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон кӯшишҳо ба харҷ диҳад. Ин раванди барои кишвар ниҳоят муҳим имкон медиҳад, ки дар доираи шабакаи ягонаи роҳҳо Тоҷикистон минбаъд ба як мамлакати транзитӣ мубаддал гардад. [3]

Қайд кардан зарур аст, ки мавриди истифода қарор додани 2000 километр роҳи мошингард, 190 километр роҳи оҳан ва зиёда аз 30 километр нақбҳои мошингузар ба маблағи умумии 11,4 миллиард сомонӣ барои рушди соҳаи нақлиёт такони ҷиддӣ мебахшад.

Дар натиҷа мо ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ-раҳои аз бунбасти коммуникатсионӣ ҷиҳати таъмини рафтуомади доимии нақлиёти мусофирккашу боркаш байни минтақаҳои

гуногуни кишварамон ва давлатҳои ҳамсоя ноил шуда, қаламрави сепорчаи Тоҷикистонро танҳо дар замони истиқлолият ба як кишвари воҳид табдил додем.

Дар марҳилаи муосири рушди муносибатҳои иқтисоди байналхалқӣ таҳкими иқтидори транзитии давлат яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ ба шумор меравад. Ба ғайр аз ин роҳ надоштан ба баҳр ва дур будан аз давлатҳои калони тиҷоратӣ бозори дохилиро маҳдуд мемонад ва беҳтар намудани инфрасохтори транзитӣ яке аз усулҳои ҳал намудани ин проблемаҳо ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз, табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишвари транзитӣ самти афзалиятноки сиёсати берунӣ ва иқтисодӣ ба шумор меравад. Таҳлили имкониятҳои инфрасохторӣ ва транзитӣ исбот менамоянд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давлатҳои абарқудрат пеш аз ҳама на фаққат сарчашмаи об ва гидроэнергетика, балки як купруки транзитие, ки Шарқро ба Ғарб пайваст мекунад, арзёбӣ мешавад.

**Адабиёт**

1. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 22 декабри 2016

2. Гусейнов В., Гончаренко А. Энергический потенциал региона// Центральная Азия. Геополитика и экономика региона. – М., 2010.

3. Дадабаева З.А., Кузьмина Е.М. Процессы регионализации в Центральной Азии: проблемы и противоречия: Научный доклад. – М.: Институт экономики РАН, 2014. – 55 с.

4. Внешнеэкономическая деятельность. Статистический сборник. – Душанбе, 2015. – 552 с.

5. Международные отношения в Центральной Азии. События и документы / под ред. А.Д. Богатурова. М.: Аспект Пресс, 2011. С. 17–19.

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ БАХШИ ҶАМЪИЯТИИ ИҚТИСОДИЁТ ҲАМЧУН НИЗОМИ МУРАККАБИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ

**Ғафуров Ғиёсиддин Садриддинович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.

Дар мақола равандҳои трансформатсионии сектори давлатии иқтисодиёти чумҳурӣ дар давраи гузариш мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар асоси муаяйн кардани муаммоҳои асосии вазъи имрӯзи сектори давлатии иқтисодиёт самтҳои муҳими такмили ташкилу таркиби он баррасӣ шудааст.

**Калимаҳои калидӣ:** сектори давлатӣ, моликияти давлатӣ, танзими давлатӣ гайридавлатигардонӣ, хусусигардонӣ, сиёсати саноатӣ ва, таркибӣ, назарияи иқтисодии ҳуқуқи моликият, уклади технологӣ, сармоягузорӣ, сектори хусусӣ ва ғ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ УПРАВЛЕНИЯ ОБЩЕСТВЕННЫМ СЕКТОРОМ ЭКОНОМИКИ КАК СЛОЖНОЙ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЙ СИСТЕМОЙ

**Гафуров Гиёсиддин Садриддинович** – кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14.

В статье рассматриваются процессы трансформации государственного сектора экономики республики в переходный период. На основе выявления основных проблем современного состояния государственного сектора экономики рассмотрены важные направления совершенствования его организации и структуры.

**Ключевые слова:** государственный сектор, государственная собственность, государственное регулирование, разгосударствление, приватизация, промышленная и структурная политика, экономическая теория прав собственности, технологический уклад, инвестиции, частный сектор и др.

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF MANAGEMENT OF THE PUBLIC SECTOR OF THE ECONOMY AS A COMPLEX SOCIO-ECONOMIC SYSTEM

**Gafurov Ghiyosiddin Sadriddinovich** – Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Economic Theory of the Tajik State University of Finance and Economics. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14.

The article studies the transformation processes of the state sector of the economy of the republic in the transition period. Based on the identification of the main problems of the current state of the state sector of the economy, important directions for improving its organization and structure are considered.

**Keywords:** state sector, state ownership, state regulation, denationalization, privatization, industrial policy and, composition, economic theory of property rights, technological structure, investment, private sector, etc.

Дар иқтисодиёти давраи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши давлат дар идоракунии тамоми равандҳои иқтисодӣ ба таври ҷиддӣ тағйир меёбад. Вобаста ба ин, дар шароити нав зарурати эҷоди системаи чандиртар ва дар айни замон пуриқтидортари идоракунии давлатии иқтисодиёт ба миён меояд, ки мундариҷа ва принсипҳои иқтисоди иҷтимоигарои бозориро тақозо мекунад.

Дар ҷумҳурӣ, ҳанӯз дар давраи ибтидоии барқароршавии иқтисоди бозорӣ, ба камбудиҳо ва хатогиҳо дар танзим ва идоракунии давлатӣ, аз ҷумла дар кор бо бахши ҷамъиятии иқтисодиёти миллӣ роҳ дода шуд. Дар ин раванд, яке аз сабабҳои калидӣ ин идеологияи беасоси иқтисодии танзими давлатӣ буд, ки ба омезиши категорияҳои бунёдии иқтисодӣ такя мекард. Дар ин ҷо мо чунин категорияҳоеро ба мисли бахши давлатӣ ва бахши ҷамъиятӣ, моликияти давлатӣ ва дигар шаклҳои мухталифи моликият, молияи давлатӣ ва ҷамъиятӣ, танзим ва идоракунии давлатӣ, дахолати ҳукумат ва нокомиҳои бозорӣ ва ғайра дар назар дорем. Ҳамаи ин мафҳумҳо, албатта, якдигарро буррида мегузаранд, аммо аз тарафи дигар, ҳамдигарро ивазкунанда мебошанд. Табиист, дар чунин мавридҳо, бештар нофаҳмиҳо ба вуҷуд меоянд. Масалан, ҳангоми муайян кардани моҳияти бахши ҷамъиятӣ ихтилофи беҳадду ҳисоб вуҷуд доранд.

Муаллифони "Модели россиягии бахши давлатии иқтисодиёт" - Е.В. Балатский ва В.А.Конишев[1] дуруст қайд мекунанд, ки мутаассифона ягон равиши ягонашуда барои муайян кардан ва ҷудо кардани бахши ҷамъиятӣ ҳамчун мафҳуми мустақил, вуҷуд надорад. Ҳамзамон, Э.Б. Аткинсон ва Ҷ.Э. Стиглитс низ одилона қайд кардаанд, ки худи мафҳуми бахши ҷамъиятӣ аз меъёрҳои мавриди истифодаи мо вобастагӣ доранд: истеҳсолоти бозорӣ ва ғайрибозорӣ;

[1] Е.В.Балацкий и В.А.Конышев Российский модель государственного сектора экономики, М.: ЗАО Издательство Экономика, 2005. – С. 18.

дарачаи назорати давлат ва ғ. [2] Ҳанӯз дар соли 1995 Л.И. Якобсон нависта буд, ки “бахши давлатӣ – ин на танҳо соҳаи моликияти давлатӣ, балки инчунин буҷет ва дигар захираҳое мебошад, ки бевосита дар ихтиёри давлат қарор доранд.[3] Аммо, муаллифони алоҳида қайд мекунанд, ки дар ин таъриф ба ҷои давлатӣ (ҷамъиятӣ) моликияти давлатӣ ҷамъи молияи давлатӣ (буҷет) омадааст. Чунончӣ, масалан, онҳо қайд мекунанд: «Гап сари он аст, ки аз худи номи «бахши давлатии иқтисодиёт» бармеояд, ки ин як қисмест, “ҳиссаест” аз иқтисодиёти миллӣ ва иқтисодиёти миллӣ аз субъектҳои хоҷагидори бисёре иборат мебошад. Молияи давлатӣ яке аз натиҷаҳои фаъолияти иқтисодиёт ва кулли бахшҳои он маҳсуб ёфта, ҳеҷ гоҳ наметавонанд, ки таҳти таърифи худи бахши давлатӣ қарор гиранд. Моликияти давлатӣ низ айнан натиҷаи андӯхташудаи фаъолияти субъектҳои хоҷагидор буда, онро бо мафҳуми бахши давлатӣ омехта кардан ҳамчунон нодуруст аст»[4]. Ин муаллифон чунин таърифро ҷонибдорӣ мекунанд: «Бахши давлатӣ – ин маҷмӯи корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳои давлатӣ мебошад»[5].

Баъзе муаллифон, баръакс, таҳти мафҳуми моликияти давлатӣ корхонаҳоеро мефаҳманд, ки пурра ва ё қисман ба давлат тааллуқ доранд (моликияти омехта), таҳти мафҳуми бахши давлатӣ бошад, ҳаҷми дахолати давлатро ба ҳаёти иқтисодӣ мефаҳманд. Дар доираи равиши мазкур тафсири васеи бахши давлатӣ баррасӣ мешавад, ки мувофиқи он, бахши давлатӣ маҷмӯи захираҳои иқтисодиест, ки дар ихтиёри давлат қарор доранд. Дар айни ҳол захираҳое, ки дар ихтиёри давлат қарор доранд – на танҳо ташкилотҳои дар моликияти давлатбуда, балки захираҳои молиявии давлат низ мебошанд, ки барои иҷрои вазифаҳои ба зиммагирифтааш заруранд. Дар ин ҷо, дар мавриди аввал, захираҳои эҳтиётӣ, дар мавриди дуюм – ҷараёни онҳо дар назар дошта мешавад[6]. Муаллифони алоҳида қайд мекунанд, ки дар шароити муосир махсусан ба мутааллиқ будани захираҳои информатсионӣ ба бахши давлатӣ диққат додан даркор, ки дар иқтисодиёти муосир ба сифати объекти моликият баромад мекунанд.[7]

Муаллифони дигар, таҳти мафҳуми моликияти давлатӣ тамоми амволи моддӣ ва ғайримоддиеро мефаҳманд, ки дар ихтиёри давлат қарор доранд, таҳти бахши давлатӣ бошад, маҷмӯи ташкилотҳо ва муассисаҳои давлатӣ, ё ки комплекси иншооти хоҷагидориро мефаҳманд, ки пурра ва ё қисман ба мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимият тааллуқ доранд.

Муҳаққиқи ватанӣ Р.М. Бобоҷонов қайд мекунад, «моликияти ҷамъиятӣ озодии дастрасӣ ба объектро яъне, амалан набудани соҳибҳуқуқии мустасноии сабтшударо дар назар дорад. Моликияти давлатӣ бошад, ҳуқуқи истисноии давлатро ба ин ё он объект мефаҳмонад. Дар асл, муносибатҳои моликиятиро аз ҳамдигар фарқ кардан лозим аст, аз як тараф, ба заминҳои холии тадқиқнашудае, ки ба он муҳоҷирон озода ҳиҷрат карда, қитъаҳои азхудкардаи заминро байни худ тақсим мекунанд. Дар мавриди аввал моликияти ҷамъиятӣ ба маънои томи ин калима вуҷуд дорад, дар мавриди дуюм – моликияти давлат. Азбаски дорандаи дилхоҳ салоҳияту ҳуқуқ дар ниҳояти кор одамони мушаххас мебошанд, моликияти давлат пешбинӣ мекунад, ки ҳуқуқҳои ба

[2] Аткинсон Э.Б., Стиглиц Дж.Э. Лекции по экономической теории государственного сектора. М.: Аспект Пресс. 1995 . - С.32.

[3] Ҳамон ҷо. С. 5.

[4] Е.В.Балацкий и В.А.Конышев Российский модель государственного сектора экономики , М.: ЗАО Издательство Экономика, 2005. С. 21.

[5] Ҳамон ҷо. С. 23.

[6] Атаманчук Г.В. Теория государственного управления: Курс лекций. - М.: Юридическая литература, 2002.- С.118.

[7] Асаул А.Н. Роль государства в смешанной системе хозяйствования. Регион: политика, экономика, социология. 2006, № 1-2.

ин мутаносиб мустақиман на ба ҳамаи шаҳрвандон, балки танҳо ба намояндагони қонунии мақомоти давлатӣ, яъне ба шахсони мансабдор, тааллуқ доранд».[8]

Мувофиқи натиҷаҳои муҳаққиқони ватанӣ, имрӯзҳо азбайнравии ҳудуди байни бахшҳои ҷамъиятӣ ва бозории иқтисоди омехта мушоҳида мешавад. Бинобар ин, дар ҷудокунии бахши давлатӣ ва бахши ҷамъиятии иқтисодиёт ҳамчун мафҳумҳои мустақил душворӣ ҷой дорад. [9] Дар робита ба ин, Э.Б.Аткинсон ва Ҷ.Э.Стиглитс қайд мекунанд, ки дарки бахши давлатӣ аз меъёрҳои мавриди истифодаи муҳаққиқон вобастагӣ дорад: истеҳсолоти бозорӣ ва ғайрибозорӣ; дараҷаи назорати давлат ва амсоли он,[10] мушоҳида кардан мумкин аст, ки аз рӯйи аломатҳои алоҳида фаъолияти агентҳои иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ (пеш аз ҳама давлат) ба фаъолияти хусусӣ монанд аст. Бинобар ин, барои ошкорнамоии соҳаи фаъолияти агентҳои иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ, меъёрҳои фоиданокии ҷамъиятӣ ва манфиати умумиро истифода бурдан зарур аст.

**Адабиёт**


1.Послание Президента Республики Таджикистан, 20.04. 2011 г, Душанбе, «Шарки озод»- 2011. С.8.

2.Аткинсон Э.Б., Стиглиц Дж.Э. Лекции по экономической теории государственного сектора. М.: Аспект Пресс. 1995 С.32

3.Э. В. Алехин Государственный и муниципальный сектор экономики в Российской Федерации: Учебник ПЕНЗА 2011 С.43

4. Статистический сборник Агентства по статистике при Президента Республики Таджикистан, Душанбе 2011

5. Ширяева Р.И. Государственная собственность в системе факторов экономического роста// В сб.: «Государство и экономика: факторы экономического роста». М.: Институт экономики РАН. 2002. С.47

6. Содиков, М. С. Ҳамкориҳои мутақобилан судманди сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ИДМ / М. С. Содиков, Ч. М. Худойбердиев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2024. – No. 4. – P. 212-220. – EDN NRPXOG.


## РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ ВУСЪАТЁБИИ БАХШИ ХУСУСӢ ДАР МИНТАҚАИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Убайдов Фахриддин Сайфиддинович** - дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кўчаи Нахимов 64/14 Тел.:(+992) 933-39-81-80, e-mail: F_Ubaidov@mail.ru



Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами низоми иқтисоди бозорӣ, ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун заминаи вусъатёбии бахши хусусӣ дар корхонаҳои хурду миёнаи минтақавӣ бахшида шудааст. Муаллиф нақши давлатро дар шароити муносибатҳои дипломатӣ, самаранокии ҳамкории давлат бо бахши хусуӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ намуда, истифодаи таҷрибаи давлатҳои тарақикардаро мисол овардааст.


[8] Экономика общественного сектора. Курс лекций / Составители – к.э.н., доцент Р.М. Бабаджанов, Ш.А. Пирматов. - Душанбе: «Фарзин», 2014. – С.18. (124 с.)

**Калидвожаҳо:** шарикии давалат ва бахши хусусӣ рушди муносибатҳои иқтисодӣ, рушди минтақа, имтиёзҳои андозӣ, сармоягузорӣ, истифодаи захираҳои молиявӣ, суръати устувори рушд, хусусиятҳои истифодаи захираҳо, фаъолияти хоҷагии минтақа, корхонаҳои муштарак.

## РАЗВИТИЕ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ КАК КОНТЕКСТ РАСШИРЕНИЯ ЧАСТНОГО СЕКТОРА В РЕГИОНАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Убайдов Фахриддин Сайфиддинович** - доцент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. Душанбе, улица Нахимова 64/14 Тел.: (+992) 933-39-81-80, e-mail: F_Ubaidov@mail.ru

Статья посвящена одному из актуальных вопросов рыночной системы хозяйствования, и развитию международных связей как основы расширения частного сектора в регионах страны. Автор анализирует и рассматривает роль государства в контексте дипломатических отношений в эффективном сотрудничестве государства и частного сектора в регионах Республики Таджикистан, приводя в пример опыт развитых стран.

**Ключевые слова:** государственно-частное партнерство, развитие экономических отношений, региональное развитие, налоговые льготы, инвестиции, использование финансовых ресурсов, устойчивые темпы роста, особенности использования ресурсов, региональная экономическая деятельность, совместные предприятия.

## DEVELOPMENT OF INTERNATIONAL RELATIONS AS A CONTEXT FOR THE EXPANSION OF THE PRIVATE SECTOR IN THE REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Ubaidov Fakhriddin Sayfiddinovich** - Associate Professor of the Department of Economic Theory, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14 Tel.: (+992) 933-39-81-80, e-mail: F_Ubaidov@mail.ru

The article is devoted to one of the topical issues of the market economic system, and development of international relations as a basis for the expansion of the private sector in the regions of the country. The author analyzes and considers the role of the state in the context of diplomatic relations in the effective cooperation of the state and the private sector in the regions of the Republic of Tajikistan, citing the experience of developed countries as an example.

**Key words:** public-private partnership, development of economic relations, regional development, tax incentives, investments, use of financial resources, sustainable growth rates, features of resource use, regional economic activity, joint ventures.

Яке аз масъалаҳои мубрам дар низоми иқтисодиёти бозорӣ ин рушди муносибатҳои байналмилалӣ байни давлатҳо маҳсуб меёбад. Муносибатҳои дипломати ҳамчун омили рушди иқтисодиёт дар самти додугирифти байни давлатҳо ба тамоми муносибатҳо метавонад таъсири мусбӣ расонанд. Маҳз дар ин асно Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун шахсияти барҷаста ва роҳбари хирадманд, дар эҳё ва

густариши муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон  нақши муҳим ва назаррас доранд, ки таваҷҷуҳашон бештар дар таъсиси корхонаҳои муштарки хурду миёна бо шарикии давлат дар бахши хусусӣ, назаррас мебошад.

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ шароити муҳими ташаккулёбии заминаҳои инфрасохторӣ ва авҷ гирифтани фаъолияти корхонаҳои хурду миёна баҳисоб меравад. Дар ин самт муносибатҳои байналмилалӣ ва дастгирии давлатӣ дар асоси имтиёзҳои молиявӣ буҷетию андозӣ механизмеро ба миён меорад, ки шароиту иконияттҳои моддию техникиро истифода намуда, заминаи асосии рушди минбаъдаи соҳаҳо гардад.

Айни замон мушоҳида мегардад, ки муносибатҳои давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун заминаи муҳими ривоҷёбии фаъолияти соҳаҳо, дар минтақа инфрасохтори ба шуғл фаро гирифтани аҳолӣ шуда истодааст, ки заминаи афзоиши қисми даромади буҷети маҳаллӣ ба ҳисоб меравад. Тавре, ки аз натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи давлатҳои тараққикарда (Канада, Британияи Кабир) ба назар мерасад, рушд ва тараққӣ ёфтани минтақаҳо маҳз дар натиҷаи муносибатҳои байналмилалӣ, ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ сабаби рушд мегардад. Асоси ҳамингуна ҳамкориро ташаккул ва ривоҷ додани муносибатҳои истеҳсолӣ ва дар ҳамин замина сафарбаркунии имкониятҳо барои васеъ намудани инфрасохтор ва таъмини рушди вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ баҳисоб меравад.

Дар ин масир Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба инкишофи муносибатҳои давлат ва бахши хусусӣ аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намуда, рушди онҳоро тақвият бахшида истодааст. Бо ин мақсад дар Пайёмашон ба Маҷлиси Олиии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намуда буданд: “Дар натиҷаи дастгирии пайвастаи давлату ҳукумат ҳоло бахши хусусӣ бомаром инкишоф ёфта, имрӯз саҳми он дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ беш аз 70%, дар таъмини аҳолӣ бо ҷойи корӣ 68% ва даромадҳои андозӣ ба буҷети давлат 80%-ро ташкил медиҳад”[11].

Доир ба ин масъала ақидаҳои муҳаққиқон гуногун буда, нуктаҳои назари онҳо дар ҳар як низоми иқтисодӣ хусусиятҳои хоси худро доранд. Аз рӯи ақидаи Б.Тағоев, ҳакории мутақобилаи сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва бахши хусусӣ хусусияти дуҷониба дошта, аз натиҷаи таъсири ҳокимият ба тиҷорат ва таъсири тиҷорат ба ҳокимият вобастагии калон дорад[12].

Тавре, ки Т. Зоҳирӣ қайд менамояд, инкишофи муносибатҳои шарикӣ аксаран ба ивазшавии фалсафаи идоракунии лоиҳаҳои давлатӣ алоқаманд мебошад, ки ба солҳои 1980 рост омада, бо пайдоиши консепсияи «идоракунии нави давлатӣ» (New Public Menagement, NPM), робита дошта, бар сохти тиҷоратӣ асос ёфтааст[13]. Инчунин дар ин ҷода татқиқотгарони рус И.Ю.Окольнишникова ва В.Г.Куватов қайд менамоянд, ки ба ғайр аз вазифаҳои иқтисодӣ, барои рушд дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт мақсади шарикии

[11] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 – Душанбе, 2021с. – С.6.

[12] Б. Ш. Тағоев. Ташаккул ва рушди инфрасохторӣ соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз рӯи ихтисоси 08.00.05 –иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёти соҳибкорӣ. Душанбе - 2020. С. 4.

[13] З. Тоҷиддин Шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) ҳамчун шакли нави ҳамкорӣ дар шароити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «20-солагии Рӯзи  ваҳдати миллӣ» ва «Соли ҷавонон», Душанбе-2017с. С. 210.

давлат ва бахши хусусӣ ин ноил гаштан ба ҳадафҳо ва мақсадҳо ба тариққи муколамаи байни давлат ва соҳибкорон мебошад[14].

Таҷрибаи давлатҳои тараққикарда нишон медиҳанд, ки маҳз тавассути муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ, давлат ва бахши хусусӣ дар минтақаҳо манбаъҳои андозситониро афзоиш медиҳанд.

Оид ба ин масъала Т.Г.Морозова ва М.П.Победина чунин ибрози ақида доранд, ки "ба қатори вазифаҳои нав ҳамаҷониба тариқи додани истеҳсоли молҳои содиротию воридотивазкунанда ва ба амал баровардани ислоҳоти иқтисодӣ, муҳаё намуданӣ инфрасохтори бозор, хусусигардонӣ ва инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ муҳим мебошад"[15].

Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои минтақаҳои рушднакарда яке аз сарчашмаҳои асосӣ ин маблағгузории стратегӣ дар якҷоягии шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва ҳамкори бо ширкатҳои байналмилалии муштарак ба ҳисоб меравад. Муносибати зичӣ давлат бо бахши хусусӣ имконият медиҳад, ки соҳибкорони маҳаллӣ лоиҳаҳои тиҷоратии худро бо осонӣ пешниҳод ва дар доираи қонунҳои амалкунанда роҳандози намоянд. Тавре, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Пайёмашон ба Маҷлиси Олии ҶТдар соли 2021 қайд намуда буданд: "Дар раванди хусусигардонии моликияти давлатӣ ва амалисозии лоиҳаҳои инфиродии таҷдиди сохтори субъектҳои инҳисорияи табиӣ ва корхонаҳои азими давлатӣ то 90 %-и дороиҳои давлатӣ ба бахши хусусӣ дода шуданд"[16]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муносибатҳои дуҷониба рӯз то рӯз рушд ёфта, саҳми давлат ва бахши хусусӣ дар таъмин ва ба кор даровардани корхонаҳои истеҳсолӣ ва ба ҷои корӣ таъмин намудани мардум нақши назаррасро мегузорад.

Аз маълумотҳои омори бар меояд, ки танҳо дар 5-соли охир дар Тоҷикистон 92 корхонаи муштарак бо ҷалби сармояи Қазоқистон ва дар кишвари дӯст 89 корхона бо иштироки соҳибкорони тоҷик фаъолият дорад. Давоми 5 соли охир ба иқтисоди Тоҷикистон 700 миллион доллари амрикоӣ аз Қазоқистон сармоя ворид гардидааст[17].

Ҳамкории мутақобилаи шарикии давлат бо бахши хусусӣ метавонад, дар рушди минтақаҳои Ҷумҳурӣ чунин имкониятҳоро фароҳам оварад:

- фароҳам овардани шароит ба имкониятҳои фаъолияти соҳибкорӣ, бе миёнарав ворид гаридидани субектони фаъолияти соҳибкорӣ;
- мусоидат намудан дар шафофият, ба ҳамкориҳои дуҷониба;
- таъмини ҳамкории дуҷониба дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, бе амалҳои коррупсионӣ;
- ташкил намудани форумҳо, мизҳои мудаввар, намоишгоҳҳо ва вохӯриҳо бо соҳибкорони дохилӣ ва хориҷӣ;
- таъсиси гурӯҳи кории ҳукуматӣ барои дастгирии рушди соҳибкории хурду миёна дар минтақа;
- ҳавасмангардонӣ ва додани имтиёзҳои андозӣ барои таъсиси марказҳои тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ;

[14] И.Ю. Окольнишникова, В.Г. Куватов. Внедрение механизмов государственно частного партнерства как фактор развития регильного бизнеса и экономика регионов: Серия «экономика и менеджмент», Вестник ЮУРГУ, -2009г. №21випуск №10.С. 5.
[15] Т.Г. Морозова, М.П. Победина, Г.Б. Поляк, С.С. Шишов,Н.А. Барменкова.. Региональная экономика, учебник, 4- е издание, Юнисти, Москва 2010. – С. 13.
[16] Паёми Пезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи 2021с. С. 5.
[17] https://prezident.tj/ Мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистон ва Қазоқистон 22.08.2024 17.01 шаҳри Душанбе.

- бештар роҳандозӣ намудани соҳибкорони дохилию хориҷӣ ба таъсиси корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ;

- муҳаё намудани фазо барои ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар минтақа;

- ҷалби мутахассисони ҷавон ба ҳамкорӣ дар таъсисдиҳии нақшаҳои дурнамоӣ;

- ҷалб намудани ташкилотҳои қарзии молиявӣ (бонкҳо ва дигар ташкилотҳои мабалағгузории хурд) барои ҳамкориҳои судманди дутарафа бо субъектони фаъолияти соҳибкорӣ;

- рушди туризм дар минтақаҳои мамлакат.

Бо ин мақсад, ҳукумати мамлакат дар «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030» бахши хусусиро ҳамчун нерӯи пешбарандаи рушди босуботи иқтисодӣ, воситаи асосии таъмин кардани ҳадафҳои миллӣ ва дар ин замина, муҳайё намудани шароит ҷиҳати зиндагии арзандаи мардум муайян кардааст[18].

Бо мақсади вусъат бахшидани корҳо дар ин самт инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ" қабул гардидааст, ки қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкили шарикии давлат ва бахши хусусӣ, тартиби татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро дар соҳаи инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ муайян карда, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии давлат ва бахши хусусиро таъмин менамояд[19].

**Ҷадвали 1. - Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои шарикии давлат ва сармоягузорони хусусӣ**

| **Қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқи ва қонунҳо** | **Заминаи асосии меъёрию ҳуқуқӣ** |
|---|---|
| 04.04.2019, №1601 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи моротория ба снҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолот" |
| 26,07,2014, №1107 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" |
| Бо Қарори ҲҶТ аз 30,04,2012, №201 | Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 |
| Кумитаи меъморӣ ва сохтмони ҶТ 06,01,2021 | Барномаи дастгирӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 |
| Бо Қарори ҲҶТ аз 05,02,2013,№34 | "Фонди дастгирии соҳибкорӣ" |

**Манбаъ:** муаллиф аз сомонаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон www.mmk.tj ва Кумитаи меъморӣ ва сохтмонӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон www.tajsohtmon.tj гирдовардааст.

Мақсад аз қабул ва амалӣ намудани қонунгузориҳ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар ин самт таъмин намудани рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар минтақаҳои қафоманда, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва зиёд намудани манбаҳои андозситонӣ ҷиҳати таъмин ва ғанӣ гардонидани буҷети минтақа ва ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Татбиқи амалии қонунгузориҳои мазкур роҳбарони шаҳру ноҳияҳо ва минтақаҳои алоҳидаро уҳдадор

[18] Паёми Пезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи 2021с. Саҳ.-5.

[19] Қонуни ҶТ «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» **(АМОҶТс. 2012, №12, қ.1, м.1001)** 16.04.2017 majmilli

менамояд, ки дар амалӣ кардани лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ муносибатҳоро фаъол гардонад.

**Адабиёт**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 – Душанбе, 2021с. – С.6.

2. Б. Ш. Тағоев. Ташаккул ва рушди инфрасохторӣ соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз рӯи ихтисоси 08.00.05 –иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёти соҳибкорӣ. Душанбе -2020. С.4.

3. З. Тоҷиддин. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) ҳамчун шакли нави ҳамкорӣ дар шароити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «20-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ» ва «Соли ҷавонон», Душанбе-2017с. С. 210.

4. И.Ю. Окольнишникова, В.Г. Куватов. Внедрение механизмов государственно частного партнерства как фактор развития региального безнеса и экоенномик регионов: Серия «экономика и менечмент», Вестник ЮУРГУ, -2009г. №21випуск №10.С. 5.

5. Т.Г. Морозова, М.П. Победина, Г.Б. Поляк, С.С. Шишов,Н.А. Барменкова.. Региональная экономика, учебник, 4- е издание, Юнисти, Москва 2010. – С. 13.

6. Паёми Пезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи 2021с. С. 5.

7. https://prezident.tj/ Мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистон ва Қазоқистон 22.08.2024 17.01 шаҳри Душанбе

8. Паёми Пезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи 2021с. С. 5.

Паёми Пезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи 2021с. Саҳ.-5.

9. Қонуни ҶТ «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» **(АМОҶТс. 2012, №12, қ.1, м.1001)** 16.04.2017 majmilli

## АРЗЁБИИ САРМОЯИ БОНКӢ ДАР ТАШАККУЛ ВА ИСТИФОДАИ САРМОЯИ МОЛИЯВӢ

**Муртазоев Нурулло Абдуллоевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734021, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Сино, 132/4, хуҷраи 32; Телефон: (+992) 918696932; Почтаи электронӣ: nmurtazoev@mail.ru

**Азизқулов Беҳзод** – муаллими калони кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14; Телефон: (+992) 935 887868.

Дар мақола арзёбии сармояи бонкӣ дар ташаккул ва истифодаи сармояи молиявӣ оварда шудааст. Исбот шудааст, ки аз як тараф барои бонкҳо пасандозҳо ҳамчун манбаи сармоягузории қарзӣ ва аз тарафи дигар ҳамчун ӯҳдадориҳо дар назди пасандозгузорон баромад мекунанд. Мукаррар карда шудааст, ки зиёда аз 90 фоизи маблаги умумии карзхои додашуда аз хисоби пасандозхо мебошанд. Аз ин рӯ, ҳангоми муайян кардани ҳиссаи беш аз 90 фоизи пасандозҳо дар қарзҳо, масъалаи тақсими ин маблағҳо дар соҳаҳои гуногуни қарздиҳӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Дар баробари ин, соҳаи асосии қарздиҳӣ корхонаҳои хусусӣ мебошанд. Саҳми пасандозҳои талабшаванда дар ҳаҷми умумии пасандозҳо нисбат ба дигар категорияҳои пасандозҳо зиёд буда, зиёда аз 31 фоизро ташкил медиҳад. Дар ҷои дуюм пасандозҳои мӯҳлатноки зиёда аз як сол қарор доранд - 29%.

Аз ин рӯ, фарқияти байни муштариёне, ки мехоҳанд маблағҳои худро ба муддати кӯтоҳмуддат сармоягузорӣ кунанд ва онҳое, ки омодаанд дар тӯли зиёда аз як сол маблағҳои худро дар бонк сармоягузорӣ кунанд, ночиз аст. Аз ин рӯ, иштирок дар бозори коғазҳои қиматнок барои бонкҳо аз ҷиҳати молиявӣ ва иқтисодӣ хеле муфид аст.

**Калидвожаҳо:** арзёбӣ, сармояи бонкӣ, сармояи молиявӣ, пасандозҳо, кредит, муштарӣ, пули нақд, низоми молиявӣ.

## ОЦЕНКА БАНКОВСКОГО КАПИТАЛА В ФОРМИРОВАНИИ И ИСПОЛЬЗОВАНИИ ФИНАНСОВОГО КАПИТАЛА

**Муртазоев Нурулло Абдуллоевич** – кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансового-экономического университета, 734055,г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14, Республика Таджикистан; тел.: (+992) 918696932, e-mail: nmurtazoev@mail.ru.

**Азизкулов Бехзод Джумабоевич** – старшый преподаватель кафедри финансов Таджикского государственного финансового-экономического университета, 734055, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14, Республика Таджикистан; тел:+992935887868, E-mail:azamat 3562@mail.ru.

В статье дана оценка банковского капитала в формировании и использовании финансового капитала. Доказано, что, с одной стороны, для банков депозиты выступают как источники кредитных вложений, а с другой стороны - как обязательства перед вкладчиками этих депозитов. Установлено, что более 90 % от общей суммы выдаваемых кредитов приходится на депозиты. Поэтому, выявив долю в более чем 90% депозитов в кредитах, особую актуальность приобретает вопрос о распределении этих средств по различным направлениям кредитования.

Вместе с тем, ключевым направлением кредитования являются частные предприятия. Удельный вес депозитов до востребования в общем объеме депозитов является более высоким по сравнению с остальными категориями депозитов – занимает более 31%. Срочные депозиты свыше одного года находятся на втором месте - в 29%.

Следовательно, разность между клиентами, заинтересованными во вложении своих средств на краткосрочный период, и тех, кто готов вложить свои денежные средства в банке свыше одного года, незначительна. Поэтому участие на рынке ценных бумаг для банков в финансово-экономическом аспекте очень выгодно.

**Ключевые слова:** оценка, банковский капитал, финансовый капитал, депозиты, кредит, клиент, денежные средства, финансовая система.

## EVALUATION OF BANK CAPITAL IN THE FORMATION AND UTILIZATION OF FINANCIAL CAPITAL

**Murtazov Nurullo Abdulloevich** - candidate of economic sciences, associate professor of economic theory department Tajik state financial and economic university. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova street 64/14. E-mail: nmurtazoev@mail.ru. tel:+ 918696932

**Azizkulov Behzod Jumaboevich** senior lecturer of the finanse department of the Tajik state university of finance and economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14, E-mail: azamat 3562@mail.ru. tel:+992935887868

The article provides an evaluation of bank capital in the formation and utilization of financial capital. It has been proven that, on the one hand, deposits serve as sources of credit investments for banks, and on the other hand, as liabilities to the depositors of those funds. It has

been established that more than 90% of the total amount of issued loans are backed by deposits. Therefore, identifying the over 90% share of deposits in total loans emphasizes the importance of the distribution of these funds across various areas of lending.

At the same time, the key area of lending is private enterprises. The share of demand deposits in the total volume of deposits is higher compared to other deposit categories—exceeding 31%. Time deposits with a maturity of over one year rank second, accounting for 29%.

Thus, the difference between clients interested in investing their funds for the short term and those willing to deposit their money for more than one year is insignificant. Therefore, participation in the securities market is highly beneficial for banks from a financial and economic perspective.

**Key words:** evaluation, bank capital, financial capital, deposits, credit, client, funds, financial system.

Бозори сармояи молиявӣ дар ҷумҳурӣ дар марҳилаи ташаккули худ қарор дошта, рушди он таҳти таъсири омилҳои зиёд сурат мегирад. Айни замон, бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар муассисаҳои қарзии бахши бонкӣ дар фазо ва муҳити иқтисодии кишвар фаъолият доранд ва зери таъсири омилҳои гуногуни низоми молиявӣ ва қарзӣ қарор доранд. Ташаккул ва рушди намуди нави муносибатҳои иқтисодӣ дар шароити гузариши ҷумҳурӣ ба бозори рушдёбанда боиси тағйири сохтори институтсионалии бозори молиявӣ ва бозори сармояи молиявӣ мешавад.

Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми “бозорҳои рушдёбанда” одатан ба бозорҳои саҳомӣ марбут мешавад ва ҳангоми таҳлили ҷалби сармояи хориҷӣ ба ин бозорҳо истифода мегардад. Аз ин рӯ, яке аз институтҳои пешбари бозори рушдёбанда ин рушди бозори сармояи молиявӣ мебошад, ки ба таҳкими институтҳои бозорӣ, афзоиши сармоя ва мутобиқ намудани бозори миллӣ ба меъёрҳои кишварҳои рушдёфта мусоидат мекунад.

Айни замон, зарурати такмили сохтори институтсионалии бахши молиявӣ, ки ба рушди бозори сармоя мусоидат мекунад, аз як қатор хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ бармеояд. Аввалан, ислоҳоти минбаъдаи институтсионалӣ, пеш аз ҳама, аз равандҳои тағйири шакли моликият сарчашма гирифта, бо хусусисозии моликияти давлатӣ, рушди намудҳои ҷамъиятҳои саҳомии кушода ва пӯшида алоқаманд мебошад, ки дар онҳо саҳмияҳо бояд ба унсури муҳими муносибатҳои тақсимотӣ табдил ёбанд. Дар чунин шароит дар ҷумҳурӣ бозори саҳмияҳо ва муҳити рақобатӣ барои сармоягузорон дар роҳи ба даст овардани саҳмияҳои назоратӣ ташаккул ёфта, рушд меёбад.

Дуюм, ислоҳоти институтсионалӣ бояд бисёр сохторҳои истеҳсолии монополизатсияшуда ва махсусгардонидашударо, ки хусусияти ҳамгироии амудӣ доранд ва зери таъсири мақомоти давлатӣ фаъолият мекунанд, бартараф созад, зеро онҳо ба фаъолияти бозори рушдёбанда мутобиқ нестанд. Савум, рушди муносибатҳои бозорӣ дар ҷумҳурӣ зарурати ҳамгироии нисбӣ байни истеҳсолоти парокандаро тавассути муттаҳидсозии ихтиёрии корхонаҳо, гурӯҳҳои молиявию саноатӣ, холдингҳо, кластерҳо, иттиҳодҳо ва ғайра ба вуҷуд меорад. Ин равандҳо дар асоси моликияти саҳомӣ, гардиши озоди саҳмияҳо ва сармояи корхонаҳо ба воҳидҳои воқеии фаъолият табдил меёбанд.

Муҳим аст, ки ба он соҳаҳои иқтисоди кишвар, ки ислоҳоти бозорӣ пештар оғоз ёфтанд, таваҷҷуҳ зоҳир гардад. Дар ин соҳаҳо майли густариши таъсир ба дигар бахшҳо ва соҳаҳо мушоҳида мешавад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми бонкӣ барвақттар аз бахши истеҳсолоти воқеӣ ба принсипҳои бозорӣ рӯ овардааст. Ин пешсафӣ ба бонкҳо ва институтҳои бахши молиявӣ имконият додааст, ки ба тағйир додани бахшҳои соҳаи воқеии

иқтисодиёт таваҷҷуҳи бештар зоҳир кунанд: дар равандҳои хусусигардонӣ, музоядаҳои гаравӣ, ба даст овардани саҳмияҳои назоратӣ ва ғайра иштирок намоянд.

Илова бар ин, асосҳои объективии манфиатдоршавии бонкҳо ба фаъолгардонии назорат аз болои истеҳсолот низ вуҷуд дорад. Ҳадаф – дастрасӣ ба захираҳои молиявии корхонаҳо, ҷалби сармояҳои онҳо, хизматрасонии гардиши захираҳои молиявӣ ва додани қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат мебошад. Аз ин рӯ, аввалин институте, ки ба ташаккул ва рушди бозори сармоя такон бахшид, бонкҳои тиҷоратӣ буданд.

Мувофиқи таҳлилҳои қисмати қаблӣ, дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҳамчун манбаи ташаккули сармояи молиявӣ рӯ ба афзоиш аст. Пасандозҳо дар асъори хориҷӣ устувории захираҳоро нишон медиҳанд ва яке аз манбаҳои муҳими сармоягузорӣ мебошанд. Вале ҳиссаи ин намуди пасандоз тамоюли коҳиш дорад, ки бо вусъатёбии хусусиятҳои манфии фаъолияти иқтисодии хориҷии кишвар вобаста аст.

Бо зиёд шудани ҳаҷми пасандозҳо дар муассисаҳои қарзӣ, ҳаҷми қарзҳое, ки аз ҷониби низоми бонкӣ ба иқтисоди кишвар ҷудо мешаванд, низ зиёд мегардад. Ин раванд яке аз механизмҳои муҳими табдил додани сармояи қарзӣ ба сармояи молиявӣ мебошад.

**Ҷадвали 1. - Динамикаи сармоягузориҳои қарзии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | *2014* | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | 2020 | 2020 нисбати 2014 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 3905,8 | 4186,2 | 3810,3 | 3537,5 | 3913,3 | 5021,1 | 6370,5 | 163,1 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | | |
| кутоҳмуддат | 2349,0 | 2338,5 | 2284,1 | 2091,6 | 2479,9 | 2720,1 | 2543,2 | 108,2 |
| бо % | 60,1 | 55,8 | 59,9 | 59,1 | 63,4 | 54,2 | 39,9 | -20,2 |
| дарозмуддат | 1556,8 | 1847,7 | 1526,2 | 1445,9 | 1433,4 | 2301,0 | 3827,3 | 245,8 |
| бо % | 39,9 | 44,2 | 40,1 | 40.7 | 36,6 | 45,8 | 60,1 | 20,2 |

Ҳисоб карда шудааст аз рӯи: Солномаи оморӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2021, с. 689.

Дар ин замина, алоқамандии фаъолияти муассисаҳои қарзӣ бо субъектҳои хоҷагидор, робитаҳои мустақим ва ғайримустақим, ҳамоҳангсозии сармояи бонкӣ ва сармояи истеҳсолӣ, ки хусусияти дарозмуддат доранд, қувват мегиранд. Тамоюлҳои сармоягузории қарзӣ ба ташкилотҳои дорои шаклҳои гуногуни моликият хусусияти зиддиятнок доранд. Масалан, дар давраи солҳои 2014–2020 ҳаҷми умумии сармоягузории қарзӣ ба корхонаҳои хусусии тиҷоратӣ коҳиш ёфт, аммо ҳаҷми қарзҳои дарозмуддат дар ин бахш 89,3% афзуд.

Дар корхонаҳои давлатӣ ҳаҷми умумии сармоягузории қарзӣ каме коҳиш ёфта бошад ҳам, ҳаҷми қарзҳои дарозмуддат дар ин бахш беш аз 3,5 маротиба зиёд шудааст, ки ба ташкили захираҳои асосӣ ва фондҳои истеҳсоливу иҷтимоӣ алоқаманд аст. Дар бахши кишоварзӣ коҳиши сармоягузории қарзӣ ба мушоҳида мерасад, зеро сатҳи ҷолибияти сармоягузорӣ паст ва хатари сармоягузорӣ баланд аст. Ҳаҷми қарзҳои дарозмуддат дар бахши кишоварзӣ беш аз 89,3% коҳиш ёфтааст.

Дар ҳамин ҳол, сатҳи баланди сармоягузории қарзӣ ба шахсони алоҳида ба қайд гирифта шудааст – қарзҳои умумӣ тақрибан 5,1 маротиба ва қарзҳои дарозмуддат зиёда аз 2,4 маротиба зиёд шудаанд. Дар ин самт, манфиатдорӣ ва фаъолияти бонкҳо назаррас аст, зеро механизми кафолат муваффақона амал мекунад.

Лизинг (лизингӣ) низ ҳамчун механизми муҳими рушди сармояи молиявӣ баромад мекунад ва ҳаҷми он дар ин давра беш аз 2,4 маротиба афзудааст.

**Ҷадвали 2. - Динамикаи сармоягузории қарзӣ дар ташкилотҳои шаклҳои гуногуни моликият (млн. сомонӣ)**

| Намуди субъектҳои хоҷагидорӣ | *2014* | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | 2020 | 2020 нисбати 2014 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 3905,8 | 4186,2 | 3810,3 | 3537,5 | 3913,3 | 5021,1 | 6370,5 | 163,1 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | | |
| Корхонаҳои тиҷоратӣ-хусусӣ | 898,3 | 1114,2 | 901,6 | 579,4 | 567,4 | 927,6 | 1700,9 | 96,1 |
| аз он дарозмуддат | 619,5 | 756,4 | 584,1 | 424,7 | 330,7 | 737,7 | 1539,9 | 189,3 |
| Корхонаҳои давлатӣ | 368,9 | 265,5 | 172,2 | 294,1 | 258,7 | 261,5 | 281,1 | -23,8 |
| аз он дарозмуддат | 77,6 | 203,3 | 115,8 | 184,8 | 194,6 | 205,0 | 276,6 | 356,4 |
| Корхонаҳои хоҷагии кишоварзӣ | 306,9 | 295,7 | 192,1 | 185,7 | 236,0 | 265,3 | 290,3 | 94,5 |
| аз он дарозмуддат | 104,1 | 98,6 | 30,5 | 21,8 | 20,9 | 10,1 | 11,1 | -89,3 |
| Шахсони воқеъӣ | 1079,1 | 1189,5 | 1183,8 | 1255,7 | 1541,9 | 2027,6 | 2393,4 | 221,8 |
| аз он дарозмуддат | 232,3 | 285,4 | 314,0 | 331,7 | 406,0 | 705,5 | 1194,6 | 514,2 |
| Лизинг | 2,5 | 2,9 | 3,2 | 2,1 | 2,8 | 1,1 | 6,1 | 244 |
| аз он дарозмуддат | - | - | - | 0,7 | 0,0 | - | | - |
| Ғайра | 1250,1 | 1318,4 | 1357,3 | 1220,5 | 1306,6 | 1537,8 | 1698,7 | 135,8 |
| аз он дарозмуддат | 523,4 | 504,0 | 481,7 | 482,9 | 480,5 | 642,7 | 805,1 | 153,8 |

Ҳисоб карда шудааст аз рӯи: Солномаи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2021, с. 689.

Бо ин васила, муассисаҳои қарзӣ ба пояи асосии тақсимоти захираҳои молиявӣ ва муҳаррики табдили онҳо ба сармоя табдил ёфтаанд. Онҳо на танҳо вазифаи тақсими захираҳоро иҷро мекунанд, балки ҳамчун агенти фаъоли бозори молиявӣ инчунин вазифаи назоратиро ба дӯш доранд. Зеро дар раванди қабули қарор оид ба додани қарз, муассисаҳои қарзӣ фаъолияти субъектҳои хоҷагиро бодиққат меомӯзанд ва пас аз додани қарз фаъолияти онҳоро пайгирӣ мекунанд.

Илова бар ин, фаъолияти бонкҳо ҳамчун як нишондиҳанда баромад мекунад, ки зарурати интихоби самти самараноки истифодаи сармоя, муқаррар кардани арзиши дигар намудҳои сармоя (монанди замин, сармояи инсонӣ, иҷораи молу мулк ва ғайра)-ро ба вуҷуд меорад.

Сармояи молиявӣ пайваста зери таъсири бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявие қарор дорад, ки ба амалиёти пасандозию қарзӣ машғуланд. Бахши бонкӣ ҳамчун кафолатдиҳандаи гардиши озод ва бозтақсимоти сармояи пулии кишвар ва инчунин ҳамчун иштирокчии фаъоли таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо пешниҳоди хидматҳои гуногун дар бахши молиявию қарзӣ баромад мекунад.

Хулоса, дар маҷмӯъ, бонкҳо ҳамчун сутуни асосии ташаккул ва рушди бозори молиявӣ ва бозори сармояи молиявӣ дар Тоҷикистон баромад мекунанд. Онҳо ҳамчун унсури калидии низоми молиявӣ дар бозори саҳомӣ иштироки фаъол доранд, гарчанде ки амалиётҳо ҳоло бештар дар бозори ғайрибиржавӣ сурат мегиранд.

**Адабиёт**

1. Банковская система Республики Таджикистан ее элементы и взаимосвязи //https://studbooks.net/1265689/bankovskoe_delo/bankovskaya_sistema_respubliki_tadzhikistan_ee_elementy_i_vzamosvyazi

2. Банковский статистический бюллетень Республики Таджикистан, декабр 2019 №12 (281), с. 86.

3. Банковский статистический бюллетень Республики Таджикистан–2019, № 12 (293) с.92;
4. Банковский статистический бюллетень Республики Таджикистан–2021, № 12 (305) с. 92
5. Отчеты Агентство по развитию рынка ценных бумаг и специализированного регистратора Министерства финансов Республики Таджикистан -2018.
6. Статистический ежегодник Республики Таджикистан – 2021, с 689.

## МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲЛИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ ВА ШАКЛҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХОҶАГИДОРИИ МАНЗИЛИЮ-КОММУНАЛӢ

**Исмоилова Сабоҳат Абдураҳимовна-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.и., маллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ. Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимов, 64/14, e-mail. sabosh_2@mail.ru Тел.: 919 51 26 75.

Дар мақола масъалаҳои таҳлили фаъолияти молиявӣ ва шаклҳои маблағгузории соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ баррасӣ шудааст. Тахлил ва баҳодихии вазъи молиявӣ сифат ва самаранокии ташкил ва идораи фаъолияти молиявии корхонаҳои хочагии манзилию коммуналиро муаян мекунад. Аз ин лиҳоз таҳлили саривақтӣ ва босифаи фаъолияти молиявӣ дар асоси истифодаи усулхои самаранок яке аз роҳхои комили ташкил ва идораи системаҳои молияи корхонаҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ мебошад.

**Калимаҳои асосӣ:** молия, корхонаҳо, хоҷагии манзилию коммуналӣ, усули коэффитсиент, даромад, қарзи дебиторӣ, таносуби пардохтпазирӣ, самаранокӣ.

## МЕТОДИКА АНАЛИЗА ФИНАНСОВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ФОРМЫ ФИНАНСИРОВАНИЯ ЖИЛИЩНО-КОММУНАЛЬНОГО ХОЗЯЙСТВА

**Исмоилова Сабохат Абдурахимовна** – Таджикско государственный финансово-экономический университет, к.э.н., старший преподаватель кафедры экономической теории ул. Нахимова 64/14, 734067
Тел.: 919 51 26 75. e-mail. sabosh_2@mail.ru

Анализ и оценка финансового состояния являются главными составляющими организации и управления финансовой деятельности от качества, которой зависит эффективность функционирования предприятий ЖКХ. В связи с этим своевременный и качественный анализ финансовой деятельности на основе использования действенных и эффективных методов выступает важнейшим направлением совершенствования системы организации и управления финансовой деятельности предприятий ЖКХ.

**Ключевые слова:** финансы, предприятия, жилищно-коммунальное хозяйство, коэффициентный подход, доход, дебиторская задолженность, коэффициент ликвидности, эффективность.

## METHODOLOGY OF ANALYZING FINANCIAL ACTIVITIES AND FORMS OF FINANCING OF THE HOUSING AND COMMUNAL SERVICES

**Ismoilova Sabohat Abdurahimovna -** Tajik state university of finance and economics. Ph.D. senior lecture of the economy theory department, Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14, E-mail: sabosh_2@mail.ru, tel:+992918512675

Analysis and assessment of financial condition is the main component of the organization and management of financial activities of the housing and communal services sector. In this regard, timely and high- quality analysis of financial activities based on the use of effective and efficient methods is the most important direction for the system organization and management of financial activities of the housing and communal services sector.

**Keywords:** finance, enterprises, housing and communal services, coefficient approach, income, accounts receivable, liquidity ratio, efficiency**.**

Предприятия и организации ЖКХ в Таджикистане объединены в составе ГУП «Жилищно-коммунальное хозяйство», который находится в государственной собственности. Соответственно, основными источниками финансирования деятельности предприятий и организаций ЖКХ Таджикистана выступают собственные источники, бюджетные средства и иностранные инвестиции. На данном этапе развития предприятия и организации ЖКХ по определению не могут использовать другие источники финансирования, так как не являются акционерными обществами и не располагают потенциалом частного сектора для привлечения финансовых средств.

Но, несмотря на это, исходя из перспектив и тенденций развития рыночных отношений в сфере ЖКХ, рассмотрим основные инструменты финансирования деятельности предприятий и организаций сферы. В структуре современной системы финансового обеспечения предприятий и организаций ЖКХ различают бюджетное и внебюджетное финансирование. В данном параграфе рассмотрим основные методики финансового анализа финансовой деятельности предприятий ЖКХ и формы их финансирования.

Анализ и оценка финансового состояния являются главными составляющими организации и управления финансовой деятельности от качества, которой зависит эффективность функционирования предприятий ЖКХ. В условиях рынка наличие достаточного объема финансовых средств – это залог успешного и устойчивого развития предприятий и организаций ЖКХ. В связи с этим своевременный и качественный анализ финансовой деятельности на основе использования действенных и эффективных методов выступает важнейшим направлением совершенствования системы организации и управления финансовой деятельности предприятий ЖКХ.

Отсутствие единой содержательной методики анализа финансового состояния предприятий ЖКХ является существенной проблемой оценки финансового управления. На сегодняшний день для анализа финансовых показателей и управления финансовой деятельности используется коэффициентный подход, что не всегда отвечает требованиям современного рынка. Практика показывает, что кроме коэффициентного подхода также широко используются следующие формы анализа: сравнительный и факторный, горизонтальный и вертикальный, а также трендовый анализ.

Следует отметить, что данная проблематика в отечественной теории и практике недостаточно исследована. Обзор показывает, что большинство исследований посвящено макроэкономическому анализу, анализу финансового рынка и отраслевому анализу. Ряд исследований, посвященных теории и методике финансового анализа на уровне предприятий, подчеркивают важность формирования новой системы финансового анализа и разработки индикаторов, так как «финансовые индикаторы должны способствовать

осуществлению мониторинга предприятий во временном и пространственном разрезе.[20] Применение новой методики финансового анализа должно отвечать требования регулирующих органов и соответствовать международным стандартам финансовой отчетности.

Следует отметить, что важность анализа финансовой отчетности рассматривается, прежде всего, с точки зрения управления процессами и развития предприятий ЖКХ. На практике финансовый анализ - это основа эффективного управления финансовой деятельности. Именно поэтому задача финансового анализа состоят в том, чтобы выявить слабые стороны финансовой деятельности предприятий ЖКХ, и предпринять корректирующее воздействие для повышения ее конкурентоспособности. Кроме того, с целью обеспечения финансовой стабильности предприятий ЖКХ, финансовый менеджер должен прогнозировать финансовые показатели. Таким образом, анализ финансовой отчетности создает информационную основу для целей управления, иначе говоря, для принятия решений. По мнению Кован Е.С. «Методика финансового анализа, и система оценки финансового состояния организаций и предприятий позволяют провести градацию финансового состояния, диагностировать основные проблемы финансово-хозяйственной деятельности для того, чтобы оперативно реагировать на изменение обстановки и принимать необходимые управленческие решения».[21]

При осуществлении финансового анализа предприятий ЖКХ необходимо руководствоваться необходимыми принципами, обратить особое внимание на информационное обеспечения и разработать систему требований к тем информационным ресурсам, которые используются при анализе. В данном направлении необходимо учесть особенности предприятий и организаций ЖКХ, так как состав и структура доходов, а также источники финансирования их деятельности отличается от других форм предприятий.

Исходя из этого, при разработке методики оценки финансового состояния предприятий и организаций ЖКХ необходимо, чтобы они отвечали следующим требованиям:

- финансовые коэффициенты должны быть максимально прозрачными, информативными и точными;
- они должны исходит из бухгалтерской отчетности и соответствовать международным стандартам бухгалтерского учета;
- на их основе можно было проводить оценку деятельности предприятий ЖКХ во времени и в пространстве.

На наш взгляд, вышеприведенным требованиям соответствуют показатели, которые активно используются при оценке финансового состояния современных предприятий:

- ликвидность;
- деловая активность;
- показатели финансовой структуры;
- рентабельность;
- рыночная стоимость предприятий и организаций ЖКХ.

Показатель ликвидности показывает способность погасить обязательство в

[20] Калемуллоев М.В. Методика мониторинга финансового состояния предприятия//Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. 2019. № 2 (25). С. 456.

[21] Кован С.Е. Мониторинг финансового состояния и платежеспособности как важнейший инструмент диагностики деятельности предприятий ЖКХ//Эффективное антикризисное управление. 2010. № 3 (62). С. 67.

конкретном краткосрочном периоде. В данном случае, финансовые аналитики используют три индикатора, а именно общую, точную или денежную ликвидность. Целью этого анализа, помимо способности обслуживать краткосрочные обязательства, является поддержание репутации предприятия.

В условиях рыночной неопределенности и сильного влияния негативных факторов финансовый анализ дает количественную оценку и исследует взаимосвязи в базовой финансовой отчетности. Практика современных предприятий показывает, что финансовые менеджеры используют доступные инструменты и методы для своего анализа, которые разделяются на такие формы анализа как горизонтальный, вертикальный, анализ основных финансовых показателей, анализ чистого оборотного капитала и анализ левериджа, т.е. соотношение заёмного капитала и собственного капитала.

Анализ финансового состояния предприятий ЖКХ как правило включает в себя оценку финансовых показателей и позволяет определить финансовую устойчивость и эффективность деятельности предприятия. На основе анализа различных источников можно выделить следующие показатели, которые обычно используются при анализе и оценке финансового состояния предприятий жилищно-коммунального хозяйства:

- Финансовые показатели. Анализ финансового состояния включает в себя оценку таких показателей, как выручка, себестоимость продаж, валовая прибыль, чистая прибыль и денежные потоки. Эти показатели позволяют определить финансовую эффективность деятельности предприятий;

- Оборачиваемость активов. Данный показатель позволяет определить, насколько эффективно предприятие использует свои активы для генерации дохода. Высокая оборачиваемость активов говорит о том, что предприятие эффективно управляет своими финансовыми и другими ресурсами;

- Финансовая устойчивость. Анализ финансового состояния также включает оценку финансовой устойчивости предприятий. Это включает в себя оценку уровня дебиторской и кредиторской задолженности, покрытия процентов по займам, соотношения собственного и заемного капитала. Финансовая устойчивость является важным показателем, поскольку позволяет определить, насколько предприятие способно справиться с финансовыми трудностями и финансовыми обязательствами;

- Показатели оценки эффективность использования ресурсов. Анализ финансового состояния предприятий жилищно-коммунального хозяйства включает также оценку эффективности использования ресурсов, таких как трудовые ресурсы и основные средства. Это позволяет определить, насколько эффективно предприятие использует свои ресурсы для достижения поставленных целей.

В условиях Республики Таджикистан наряду с применением коэффициентного подхода, на наш взгляд, важное значение имеет применение факторного анализа. Применение данного метода позволяет определить степень влияния отдельных факторов на результативные показатели. В данном случае анализ проводится на основе детерминированных или стохастических приемов исследования. Несмотря на то, что в деятельности таджикских предприятий ЖКХ, в силу их монопольного положения, не наблюдается признаки убыточности и финансовой несостоятельности, рост дебиторской задолженности говорит о необходимости активного применения факторного анализа, как эффективного метода определения причинно-следственных факторов.

Как показывает практика, на предприятиях ЖКХ ведущее место занимает система

учета расчетов с внешними контрагентами – населением и другими категориями потребителей. Проведенный нами анализ и опрос на месте показал, что в данном направлении в системе учета финансовых показателей предприятий ЖКХ существуют серьёзные проблемы. К примеру, высокая дебиторская и кредиторская задолженности, которые возникают вследствие неэффективного управления, роста несвоевременной оплаты населением услуг данной сферы, а также отсутствие грамотной политики управления финансовыми результатами на предприятиях, предоставляющих коммунальные услуги.

Полученные в ходе исследования данные подтверждают гипотезу, о том, что сложившейся порядок «классической», т.е. неправильной формы расчетов и сбора оплат оказывает негативное влияние на финансовую деятельность предприятий сферы. Например, обнаружение фактов хищения крупных средств с предприятий водоснабжения и энергоснабжения в г. Душанбе, подчеркивают необходимость скорейшего внедрения инновационных форм оплаты услуг, т.е. на основе использования специальных программных приложений и информационно-коммуникационных технологий. Данный метод позволяет повысить качество, своевременность и скорость оплаты услуг коммунальных предприятий.

**Литература**

1. Ахтариева Л.Г. Организационно-институциональные проблемы развития жилищно-коммунальных хозяйств мегаполиса / Л.Г. Ахтариева, Л.И. Харичкова //Вестник УГУЭС. Наука, образование, экономика. Серия: Экономика. - 2015. - № 1 (11). - С. 33-38.

2. Белюченко А.В. Государственно-частное партнерство в ЖКХ как инструмент модернизации экономики / А.В. Белюченко // ЭТАП. 2011. №2. –С. 24-32.

3. Галкина С.Ю. Возможности применения методов факторного анализа финансовых результатов в ЖКХ//Современные тенденции развития науки и технологий. 2016. № 3-9. С. 42-44.

4. Калемуллоев М.В. Методика мониторинга финансового состояния предприятия / М.В. Калемуллоев //Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. 2019. № 2 (25). С. 455-460.

5. Кодиров, Ф. А. Некоторые вопросы реформирования жилищно-коммунального хозяйства в Республике Таджикистан / Ф. А. Кодиров, С. А. Исмоилова // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2018. – № 4(64). – С. 77-84.

6. Кодиров, Ф. А. Развитие системы финансового планирования промышленных предприятий на основе формирования системы бюджетирования / Ф. А. Кодиров // Экономика Таджикистана. – 2020. – № 4-2. – С. 72-77.

7. Кован С.Е. Мониторинг финансового состояния и платежеспособности как важнейший инструмент диагностики деятельности предприятий ЖКХ / С.Е. Кован //Эффективное антикризисное управление. 2010. № 3 (62). С. 66-73.

## РАҚАМИКУНОНӢ ҲАМЧУН САМТИ АСОСИИ РУШДИ СОҲАИ АГРАРӢ

**Қаюмова Ситора Равшановна** — Муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Тел.: (+992) 988-41-10-74

Мақола ба рақамикунонӣ ҳамчун самти асосии рушди соҳаи аграрӣ бахшида шудааст. Самтҳои интенсификацияи КАС, проблемаҳое, ки ба ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар соҳаи аграрӣ халал мерасонанд, омилҳое, ки ба рақамикунонӣ дар хоҷагии қишлоқ таъсир мерасонанд, баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин дар рафти таҳқиқот муқаррар карда шуд, ки рақамикунонӣ ба аграрчиён имкон медиҳад, ки ба шароити иқлим мутобиқ шаванд, хатари фаъолиятро коҳиш диҳанд, ҳосилнокии зироатҳоро афзоиш диҳанд, занҷираи таъминоти маҳсулотро аз саҳро то ба истеъмолкунанда соддатар гардонад, хароҷоти истеҳсолкунандагонро коҳиш диҳад. Хулосаҳое, ки аз рӯи ин таҳқиқот дар бораи рақамикунонӣ ҳамчун самти асосии рушди соҳаи аграрӣ карда шудаанд, метавонанд дар оянда ҳангоми омӯзиши муфассали проблемаи мазкур истифода шаванд.

**Калидвожаҳо:** рақамикунонӣ, бахши аграрӣ, технологияҳои нав, тиҷорат, иқтисодиёт, зеҳни сунъӣ.

## ЦИФРОВИЗАЦИЯ КАК ОСНОВНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ АГРАРНОЙ СФЕРЫ

**Каюмова Ситора Равшановна –** Старший преподаватель кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Тел.: (+992) 988-41-10-74

Статья посвящена цифровизации как основного направления развития аграрной сферы. Рассмотрены направления интенсификации АПК, проблемы, сдерживающие внедрение цифровых технологий в аграрной сфере, факторы, влияющие на цифровизацию в сельском хозяйстве. Также в ходе исследования было установлено, чтоцифровизация дает возможность аграриям адаптироваться к климатическим условиям, снижает риск деятельности, увеличивает урожайность сельскохозяйственных культур, упрощает цепочку поставок продукции от поля до потребителя, сокращает затраты товаропроизводителей.Сделанные по результатам данного исследования выводы о цифровизации как основного направленияразвития аграрной сферы могут быть использованы в дальнейшем при более детальном изучении данной проблемы.

**Ключевые слова:** цифровизация, аграрный сектор, новые технологии, бизнес, экономика, искусственный интеллект.

## DIGITALIZATION AS THE MAIN DIRECTION OF DEVELOPMENT OF THE AGRARIAN SPHERE

**Kayumova Sitora Ravshanovna** – Senior lecturer at the Department of Economic Theory of the Tajik State University of Finance and Economics. Tel.: (+992) 988-41-10-74

The article is devoted to digitalization as the main direction of development of the agricultural sector. The directions of intensification of the agro-industrial complex, problems hindering the introduction of digital technologies in the agricultural sector, factors influencing digitalization in agriculture are considered. The study also found that digitalization enables farmers to adapt to climate conditions, reduces the risk of operations, increases crop yields, simplifies the supply chain of products from the field to the consumer, and reduces the costs of producers. The conclusions made on the basis of the results of this study about digitalization as the main direction

of development of the agricultural sector can be used in the future for a more detailed study of this problem.

**Keywords:** digitalization, agricultural sector, new technologies, business, economics, artificial intelligence.

Дар вақти ҳозира рақамикунонӣ тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла бахши аграриро фаро гирифтааст. Дар шароити муосир самтҳои калидии рушди минбаъдаи он ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва равандҳои рақамикунонӣ баромад мекунанд.

Дар аксари кишварҳои тараққикарда технологияҳои пешрафта, ки ба зеҳни сунъӣ, автоматикунонӣ ва истифодаи платформаҳои рақамӣ асос шудаанд, фаъолона ҷорӣ карда мешаванд. То ба имрӯз тақрибан 70% хоҷагиҳои фермерӣ дар ИМА, Канада ва мамлакатҳои Европа аллакай ҳалли рақамиро ба равандҳои истеҳсолӣ ворид кардаанд.

Дар мамлакати мо истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ба технологияҳои «оқил» ҳанӯз пурра ворид карда нашудаанд, вале талабот ба онҳо сол то сол меафзояд. Рақамикунонӣ шарти зарурии соҳаи аграрӣ мебошад, зеро он барои ташкили фазои ягонаи иттилоотӣ, аз ҷумла шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ ва системаҳои дорои махзанҳои гуногуни маълумот имконият фароҳам меорад.

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар соҳаи аграрӣ фаъолона кор мебарад. Соли 2019 консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд. Ҳадафи асосии он табдилдиҳии рақамии кишоварзӣ мебошад[1].

Истеҳсолоти кишоварзӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон яке аз ҷойҳои пешкадамро ишғол мекунад. Он тақрибан 24,1 фоизи ММД-и истеҳсолшавандаро ташкил медиҳад ва 60,6 фоизи шумораи умумии аҳолии дар соҳаҳои иқтисодии ҷумҳурӣ машғули кор дар ин раванд кор мекунанд [2, с. 51].

Хоҷагиҳои аз ҳама бештар ояндадор, аз нуқтаи назари имкониятҳои ҷорӣ намудани комёбиҳои прогресси илмӣ-техникӣ ташкилотҳои кишоварзӣ мебошанд. Маҳз онҳо ба ҷорӣ намудани технологияҳои нав бештар таъсирпазиранд, зеро барои ин захираҳои зарурӣ (молиявӣ, меҳнатӣ, идоракунӣ ва ғайра) доранд.

Ҷорӣ намудани технологияҳои «оқил» дар КАС-и Тоҷикистон ҳанӯз ночиз аст, ки бо проблемаҳои муайяне, ки ба рақамикунонӣ халал мерасонанд, алоқаманд аст:— дар соҳаи аграрӣ қисми зиёди молистеҳ-солкунандагон ба шаклҳои хурди хоҷагидорӣ (хоҷагиҳои аҳолӣ ва деҳқонӣ (фермерӣ)) тааллуқ доранд, ки имкониятҳои молиявии онҳо барои ҷорӣ намудани воситаҳои гаронбаҳои ҳозиразамони механиконӣ ва автоматикунонӣ имконият намедиҳанд; - маҳдудияти имкониятҳои ташкилотҳои кишоварзӣ барои харидани техникаи ҳозиразамон; - мавҷудияти миёнаравҳои зиёд дар пешбурди маҳсулот аз истеҳсолкунанда ба истеъмолкунанда ва диг.

Барои суръат бахшидан ба рушди рақамикунонӣ ташаккули инфрасохтори иттилоотӣ-коммуникатсионӣ зарар аст, ки дар таркиби он бояд махзани донишҳо, захираҳои иттилоотӣ ва ҷомеаҳои интерактивӣ, шабакаи васеи тиҷорат-платформаҳои муттаҳидшуда, муҳити рақамӣ ва кадрҳое, ки дар шароити нав қобилияти кор кардан доранд, зарур аст.

Рақамикунонӣ дар соҳаи аграрӣ гирифтори таъсири омилҳои гуногун мебошад: - асосҳои табиӣ ва биологии кишоварзӣ; - хусусиятҳои рушди ҳудудҳои деҳот; -

инфрасохтори сустинкишофёфта; —ташкили меҳнат; - технологияҳои идоракунии истифодашаванда; —тайёрии касбии коркунони кишоварзӣ; - ва диг. [5]. Дар Тоҷикистон ҳоло технологияҳои рақамиро субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ истифода мебаранд, ки ин бо имкониятҳои ночизи молиявии аграрчиён алоқаманд аст.

Ҷузъҳои ҷудогонаи иқтисоди рақамӣ қодиранд мониторинги самараноки захираҳои замин ва майдонҳои киштро таъмин намояд, ба муносибкунии ҳисоббаробаркуниҳои байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон мусоидат намояд, инчунин самаранокии системаҳои сармоягузорӣ, қарздиҳӣ ва суғуртаи иҷтимоиро баланд бардорад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ барои ташаккули бозори рақамии аграрӣ имконият фароҳам меорад, ки дар он амалиёти савдоӣ бо истифода аз шабакаҳои компютерӣ ва таъминоти махсусгардонидашудаи барномавӣ амалӣ карда мешавад.

Рақамикунонӣ ба аграрчиён имкон медиҳад, ки ба шароити иқлимӣ мутобиқ шаванд, хатари фаъолиятро коҳиш диҳад, ҳосили зироатҳои кишоварзиро баланд бардорад, занҷири гузоштани маҳсулотро аз саҳро то истеъмолкунанда соддатар мекунад[4], хароҷоти молистеҳсолкунандагонро кам мекунад[3]. Дар ҷаҳони муосир имкониятҳои модернизатсияи соҳаи аграрзӣ хеле зиёданд, онҳо имкон медиҳанд, ки онро аз як соҳаи анъанавӣ ба соҳаи баланди технологӣ, ки қодир ба ташкили бозорҳои нав барои ҳалли инноватсионӣ ва коркардҳо барои ҳалли шумораи зиёди масъалаҳои амалӣ мебошад, табдил диҳад.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки ҳамгироии технологияҳои рақамӣ ба соҳаи аграрӣ барои табдили он ба бахши баланди технологӣ дар иқтисодиёт замина фароҳам меорад. Ин аз ҳисоби кам кардани хароҷоти бемаҳсул ва хеле баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат имконпазир мегардад. Бо як қатор сабабҳои объективӣ, табдили рақамии бахши аграрӣ дар Тоҷикистон дар марҳалаи аввали рушди худ қарордорад. Давлат заминаи қонунгузориро ташаккул медиҳад ва барномаҳои рақамикунонии иқтисодиётро дар маҷмӯъ, инчунин барои соҳаҳои алоҳида тасдиқ мекунад. Рақамикунонӣ ба баланд бардоштани самаранокии корхонаҳои аграрӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти онҳо, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва ҷалби сармоягузорӣ ба соҳа нигаронида шудааст. Технологияҳои рақамӣ иқтидори таъмини амнияти озуқавориро дар маҷмӯъ дар кишвар доранд.

**Адабиёт**


1 Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642.

2. Косимов Т.А. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди зеркомплекси сабзавоту картошка дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – 178с.

3. Липатова Н.Н. Экономия затрат в сельском хозяйстве за счет внедрения цифровых технологий / Н. Н. Липатова Л. П. Федорова, Т. Н. Шлыкова // Развитие агропромышленного комплекса в условиях цифровой экономики : сб. науч. тр. – Кинель : РИО СамГАУ, 2019. – С. 31-34.

4. Мамай О.В. Управление информационным и правовым обеспечением организаций агропромышленного комплекса региона в условиях инновационной экономики / О.В. Мамай, А.Г. Волконская, Н.Н. Галенко, О.И. Курлыков, И.Н.Мамай, С.В. Машков, О.В. Пашкина, М.Н.Купряева, Е.С. Казакова, А.В. Ермакова, Н.С. Шустова // Отчет о НИР № АААА-А17-117070620017.

5. Мамай О.В. Организационные формы трансфера технологий в аграрном секторе экономики // Проблемы развития предприятий: теория и практика: материалы 12-й Международной научно-практической конференции. – Самара, 2013. – С. 144-147.

## ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАКАВӢ ВА ҶАҲОНИШАВӢ: БА ПРОБЛЕМАИ АЛОҚАМАНДӢ

**Саидмахмадова Садбарг Муродалиевна** - Муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Тел.: (+992) 918-58-84-13

Мақола ба проблемаи робитаи иқтисоди минтақавӣ ва ҷаҳонишавӣ бахшида шудааст. Хусусиятҳои калидӣ ва тафовутҳои ҳамгироии муосири минтақавӣ дар муқоиса бо марҳалаҳои қаблии он нишон дода шудаанд. Муносибати байни иқтисоди минтақавӣ ва ҷаҳонишавӣ баррасӣ карда мешавад. Муқаррар карда шудааст, ки ҷаҳонишавӣ ба иқтисодиёти минтақавӣ дар ҷанбаҳои гуногун – аз ташаккули шароит дар бозори меҳнат то таҳияи стратегияҳои истеҳсолии ҳудудӣ таъсири назаррас мерасонад. Он дар иқтисодиёти минтақавӣ як қатор тағйиротҳоро ба вуҷуд меорад, пеш аз ҳама тавассути афзоиши фаъолнокии гардиши сармояи фаромарзӣ, ки ба тақсимоти самараноки захираҳои ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

**Калидвожаҳо:** иқтисоди минтақавӣ, ҷаҳонишавӣ, иқтисодиёт, захираҳои меҳнатӣ, қонуният, нобаробарии ҳудудӣ.

## РЕГИОНАЛЬНАЯ ЭКОНОМИКА И ГЛОБАЛИЗАЦИЯ: К ПРОБЛЕМЕ ВЗАИМОСВЯЗИ

**Саидмахмадова Садбарг Муродалиевна** - Старший преподаватель кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Тел.: (+992) 918-58-84-13.

Статья посвящена проблеме взаимосвязи региональной экономики и глобализации. Выделяются ключевые особенности и различия современной региональной интеграции по сравнению с предыдущими её этапами. Рассматривается взаимосвязь между региональной экономикой и глобализацией. Установлено, чтоглобализация оказывает значительное воздействие на региональную экономику в различных аспектах - от формирования условий на рынке труда до разработки стратегий территориального производства. Она вызывает ряд изменений в региональной экономике, прежде всего за счёт усиления активности трансграничных потоков капитала, что способствует более эффективному распределению мировых ресурсов.

**Ключевые слова:** региональная экономика, глобализация, экономика, трудовые ресурсы, закономерность, территориальное неравенство.

## REGIONAL ECONOMY AND GLOBALIZATION: TOWARDS THE PROBLEM OF INTERCONNECTION

**Saidmakhmadova Sadbarg Murodalievna** - Senior lecturer at the Department of Economic Theory of the Tajik State University of Finance and Economics Tel.: (+992) 918-58-84-13

The article is devoted to the problem of the relationship between regional economy and globalization. Key features and differences of modern regional integration compared to its previous stages are highlighted. The relationship between regional economy and globalization is considered. It has been established that globalization has a significant impact on regional

economies in various aspects - from the formation of conditions in the labor market to the development of territorial production strategies. It causes a number of changes in the regional economy, primarily due to the increased activity of cross-border capital flows, which contributes to a more efficient distribution of global resources.

**Keywords:** regional economy, globalization, economy, labor force, regularity, territorial inequality.

Дар шароити иқтисодиёти муосир ҷаҳонишавӣ тамоюли калидии динамикаи иқтисодии минтақавӣ мегардад, ки ба шарофати он воридшавии бо суръати иқтисодиёти минтақавӣ ба системаи муносибатҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ таъмин мегардад. Бо вуҷуди ин, он ҳануз аз тарафи илми иқтисодии минтақавӣ диққати даркориро соҳиб нагаштааст.

Таъсири мусбати раванди ҷаҳонишавӣ ба ҳалли яке аз проблемаҳои калидии иҷтимоӣ-иқтисодӣ – нобаробарии ҳудудии даромадҳо байни минтақаҳои гуногуни иқтисодии кишвар барои таҳқиқоти махсус дар соҳаи ҷаҳонишавии динамикаи минтақавӣ аҳамияти камтар надорад [4, с. 153].

Ба ғайр аз он, аз нуқтаи назари мазмуни объективии иқтисодӣ ҷаҳонишавӣ раванди мусбӣ мебошад, зеро он воситаи муассир барои коҳиш додани қисми зиёди нобаробарии байниминтақавӣ хизмат мекунад, зимнан бо мурури замон аҳамияти ин функсияи ҷаҳонишавӣ торафт меафзояд.

Ин проблема дар шароити афзудани тақсимоти байналмилалии меҳнат[2], ки натиҷаи ҷаҳонишавӣ буда, фарқияти ҳосилнокии меҳнатро зиёд мекунад ва ба афзоиши минбаъдаи бекорӣ дар минтақаҳои канорӣ мусоидат мекунад, боз ҳам шадидтар мешавад. Дар баробари ин дар шароити минтақавӣ амиктар шудани тақсимоти меҳнат ба кам шудани бекорӣ мусоидат мекунад.

Ҷаҳонишавӣ ба иқтисодиёти минтақавӣ дар ҷанбаҳои гуногун –аз ташаккули шароити бозори меҳнат то таҳияи стратегияҳои истеҳсолии ҳудудӣ таъсири назаррас мерасонад. Он дар иқтисодиёти минтақавӣ як қатор тағйиротҳоро ба вуҷуд меорад, пеш аз ҳама, аз ҳисоби афзоиши фаъолнокии гардиши сармояи фаромарзӣ, ки ба тақсимоти самараноки захираҳои ҷаҳонӣ мусоидат мекунад [1, с. 395]. Аммо дар ин фаъолнокии гардиши сармояи байналмиллалӣ хатари оқибатҳои пешгӯинашаванда ва номатлуб ҷой дорад.

Раванди ҷаҳонишавӣ ҳамкориҳои зичи кишварҳоро дар сатҳи минтақавӣ акс мекунад. Зимнан, ин ҳам ба мамлакатҳои хеле тараққикарда ва хам ба давлатҳои тараққикардаистода дахл дорад. Кишварҳои пасошӯравӣ ва бахусус Тоҷикистон раванди ҷаҳонишавиро бо оғози табдили на танҳо низоми сиёсӣ, балки низоми иқтисодӣ низ пешвоз гирифтанд [3, 152].

Ҷаҳонишавӣ ба рафъи тафовут дар таъмини минтақаҳо бо захираҳои меҳнатӣ ва аз нав ба шакли муайян даровардани махсусгардонии истеҳсолоти иқтисодиёти минтақавӣ фаъолона мусоидат мекунад, ки ин ҳам таваҷҷӯҳи бештарро ба таъсири он ба рушди иқтисоди минтақавӣ тақозо мекунад.

Ҳамаи ин муҳимияти омӯзиши доираи васеи проблемаҳои марбут ба ҷаҳонишавиро нишон медиҳад. Вобаста ба ин ба масъалаҳои консептуалии моҳият ва хусусияти сохтори ташкилию идоракунӣ ва фаъолияткунии иқтисодиёти минтақа асарҳои бисёре аз иқтисодшиносони ватанӣ ва хориҷӣ бахшида шудааст.

Аммо таҳлили системавии проблемаҳое, ки дар сатҳи иқтисодиёти минтақавӣ дар раванди рушди он тахти таъсири ҷаҳонишавӣ ҳамчун тамоюли калидии ташкили ҳудудии системаи макроиқтисодии миллӣ ба вуҷуд меоянд, дар назарияи иқтисодиёти минтақавӣ самти нокифоя омӯхташуда боқӣ мемонад. Зарурати кор карда баромадани заминаи илмӣ-назариявии тезонидани тараққиёти иҷтимоию иқтисодии иқтисодиёти минтақавӣ дар шароити таъсири рузафзуни равандҳои ҷаҳонишавӣ мубрамияти масъалаи мазкурро муайян мекунад.

Ба назари мо, ташаккул ва инкишофи иқтисодиёти минтақавӣ ба системаи мушаххаси тамоюлҳо, қонуниятҳо, омилҳо ва шароити фаъолияткунӣ, ки дар якчоягӣ ташкил, самт ва динамикаи истеҳсолоти ҳудудиро муайян мекунанд, вобастааст. Дар ин система нақши пешбарандаро тамоюли ҷаҳонишавӣ бозӣ мекунад, ки ҳамчун асос барои ташаккули зерсистемаи нави қонуниятҳо, омилҳо ва шароитҳое баромад мекунанд, ки рушди интенсивӣ-устувории иқтисодиёти минтақавиро таъмин менамояд. Амалан ин аз блоки ташкилию идоракунӣ афзалияти дарккардашудаи татбиқи он омилҳо ва шароитҳоеро талаб мекунад, ки ба истифодаи самараноки имкониятҳои ҷаҳонишавӣ дар ҳаракати иқтисодиёти минтақавӣ мусоидат мекунанд.

Нақши пешбарандаи ҷаҳонишавӣ дар системаи тамоюлҳои рушди муосири иқтисодиёти минтақавӣ бо табиати объективии он шарҳ дода мешавад, ки онро бо ҳеҷ гуна муқовимат паси сар кардан ва ё бекор кардан мумкин нест. Моҳияти ҷаҳонишавӣ, ки мавқеи бартаридоштаи онро таъмин менамояд, дар ҳамгироии зерминтақавии (ҷаҳонӣ) захираҳои минтақавӣ ва бозорҳои маҳаллӣ иборат мебошад, ки бевосита ба ташаккули шаклҳои самарабахши ташкили ҳудудии истеҳсолот мусоидат мекунад.

Механизми минтақавии татбиқи тамоюли ҷаҳонишавиро таҳлил намуда истода, бояд онро ба назар гирифт, ки барои татбиқи он нисбат ба раванди минтақавигардонӣ вақти бештарро талабмекунад. Ин бо он алоқаманд аст, ки ҷаҳонишавӣ аз рӯи моҳияти худ заминаи ибтидоии ташаккули ҳамкориҳои иқтисодиро дар сатҳи ризоияти ҷаҳонӣ пешбинӣ мекунад, дар ҳоле ки ризоияти иқтисодии дохилиминтақавӣ ва байниминтақавӣ хелезудтар ба даст оварда мешавад.

Ҳангоми таҳлили механизми робитаи ҷаҳонишавӣ ва иқтисод дар сатҳи минтақавӣ ду гурӯҳи бахшҳои иқтисодиро дар истеҳсолоти ҳудудӣ ҷудо кардан муҳим аст. Якум, бахшҳои ҷаҳонишуда, ки дар савдои байналмилалӣ фаъолона иштирок мекунанд ва дуюм, бахшҳои ғайриҷаҳонигардонидашуда, ки маҳсулоташон барои фурӯш дар бозори минтақаи мазкур нигаронида шудааст. Ба он нигоҳ накарда, ки ҳарду бахш дар таъмини самаранокии системавии фаъолияткуни иқтисодиёти минтақа нақши муҳим бозӣ мекунанд, маҳз бахшҳои ғайриҷаҳонишуда ба истеҳсоли маҳаллӣ барои истеъмоли дохилӣ бо истифода аз захираҳои маҳаллӣ асос ёфтаанд. Ин бахшҳо ба маънои қатъӣ «иқтисодиёти минтақавӣ»-ро ташкил медиҳанд.

**Адабиёт**

1. Фролова Е.Д. Мировая экономика и международные экономические отношения: современное состояние, проблемы и основные тенденции развития// Учебное пособие // Е.Д. Фролова [и др.]; под общ. ред. Е.Д. Фроловой, С.А. Лукьянова. - Екатеринбург: УрФУ, 2016. — 184 с

2. Хайдаров Р.Дж. Таджикистан в орбите глобализационных и геополитических процессов. -Душанбе: Ирфон, 2005

3. Ярцева Н.М., Норматова Ш.М. Хусаинов М.К. Зарубежная практика повышения качества оказания услуг в сфере розничной торговли: опыт Республики Таджикистан (Россия - Таджикистан)// Российский внешнеэкономический вестник. 2022. №12. С.45-54

## МЕХАНИЗМИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ФАРҲАНГӢ ДАР ҶУМҲУРИ ТОҶИКИСТОН

**Рофизода Саидбек Ҳасан** – муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодии донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Сино, Муҳамадиев 16/4. Телефон: 93-523-06-66. E-mail: Saidbek. rofizoda@mail.ru.

Азбаски дар мамлакати мо аксарияти муассисаҳои фарҳангӣ манбаъҳои даромади худро надоранд, ё сатҳи онҳо паст буда, барои пӯшонидани хароҷоти зарурӣ кифоя нестанд, аз ин рӯ онҳо ё аз ҳисоби буҷети давлатӣ (ҷумҳуриявӣ ё маҳаллӣ) пурра маблағгузорӣ карда мешаванд, ё аз он маблағҳои заруриро барои пӯшонидани қисми хароҷот мегиранд. Дар мақола таъминоти захиравии рушди хизматрасониҳои фарҳангии мамлакат дида баромада шудааст. Ҳамзамон сарчашмаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетии маблагузории субъетҳои соҳаи фарҳанг дарҷ гардида, ёдовар гардидааст, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти муштариён бо истироҳати пурарзиши пурмуҳтаво мувофиқи талаботи бозор воридот аз буҷет, маблағҳои шахсии шаҳрвандон, хайрияҳои сарпарастон ва шахсони алоҳидаро сафарбар кардан зарур аст.

**Калидвожаҳо:** амсила, маблағгузорӣ, буҷет, хизматрасонӣ, муассисаҳои фарҳангӣ, захира, таъмин, хароҷоти зарурӣ, хайрия, сарпарастон, манбаъ.

## МЕХАНИЗМ ФИНАНСИРОВАНИЯ УСЛУГИ КУЛЬТУРЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТА

**Рофизода Саидбек Хасан** – старший преподаватель кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово – экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе Сино, Мухамадиев 16/4. E-mail: Saidbek. rofizoda@mail.ru Телефон: 93-523-06-66.

Поскольку в нашей стране большинство учреждений культуры не имеют собственных источников дохода, либо их уровень низок и недостаточен для покрытия необходимых расходов, то они либо полностью финансируются за счет государственного бюджета (республиканского или местного), либо получают из него необходимые средства для покрытия части расходов. В статье рассматривается ресурсное обеспечение развития культурных услуг страны. При этом были указаны бюджетные и внебюджетные источники финансирования субъектов сферы культуры, а также отмечено, что для удовлетворения потребностей клиентов с ценным и значимым отдыхом в соответствии с требованиями рынка необходимо мобилизовать поступления из бюджета, личные средства граждан, пожертвования спонсоров и частных лиц.

**Ключевые слова**: модель, финансирование, бюджет, услуги, учреждения культуры, резерв, обеспечение, необходимые расходы, пожертвования, спонсоры, источник.

# FINANCING MECHANISM OF CULTURAL SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Rofizoda Saidbek Hasan** – senior lecturer of the economic theory department in Financial and Economic University of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino, Muhammadiev 16/4. E-mail : saidbek. rofizoda@mail.ru. Phone: 93-523-06-66.

Since most cultural institutions in our country do not have their own sources of income, or their level is low and insufficient to cover the necessary expenses, they are either fully funded from the state budget (republican or local), or receive the necessary funds from it to cover part of the costs. The article considers the resource provision for the development of cultural services in the country. At the same time, budgetary and extra-budgetary sources of financing for cultural entities were indicated, and it was also noted that in order to meet the needs of clients with valuable and meaningful vacations in accordance with market requirements, it is necessary to mobilize budget revenues, personal funds from citizens, donations from sponsors and individuals.

**Key words:** model, financing, budget, services, cultural institutions, reserve, provision, necessary expenses, donations, sponsors, source

Дар амалияи маблағгузории муассисаҳои фарҳанги тобеи давлатӣ ва маҳаллии ҷумҳурӣ амсилаи зерин ташаккул ёфтааст: як қисми хизматрасониҳои иҷтимоию фарҳангӣ (таҳсилотӣ, бадеию тамошобоб фароғатию бозингарӣ, солимгардонӣ) - ро ҳар як муассиса дар доираи маблағгузории пурра ё қариб пурраи буҷетӣ истеҳсол, иҷро ва таъмин мекунад. Қисми дигари хароҷотро муассиса аз ҳисоби худмаблағгузорӣ мепӯшонад. Дар таомули муассисаҳои фарҳангӣ ин хизматрасониҳо пулакӣ ё воридоти ғайритиҷоратӣ (хайриявӣ) мебошанд. Ҳамин тавр, барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти муштариён бо истироҳати пурарзиши пурмуҳтаво мувофиқи талаботи бозор ҳам воридот аз буҷет, ҳам маблағҳои шахсии шаҳрвандон, ҳам хайрияҳои сарпарастон ва шахсони алоҳидаро сафарбар кардан зарур аст.

Ба манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ даромадҳо аз фаъолияти мустақилонаи истеҳсолии муассисаҳо ва ташкилотҳои иҷтимоию фарҳангӣ бо истифодаи методҳои худҳисобкунӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ мансубанд. Самтҳои фаъолияти мустақилона оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои пулакӣ гуногунанд: ташкили фароғат; фаъолияти истеҳсолӣ; фаъолияти миёнаравӣ.

Як соҳаи махсуси идоракунии касбӣ бо стратегия ва тактика, принсипҳо ва технологияҳои худ - фандрайзинг – ҷустуҷӯи воситаҳои пулӣ барои муассисаҳои фарҳангӣ ташаккул ёфтааст. Ҳангоми ҳисобкунии буҷетӣ хароҷоти ҷории корхона қисман ё пурра аз буҷети соҳибмулк, ки ба сифати он аксар вақт давлат баромад мекунад, пӯшонида мешаванд. Такрористеҳсоли густурда низ аз ҳисоби воситаҳои соҳибмулк амалӣ карда мешавад. Дар асоси ин принсипҳо ташкилотҳои буҷетӣ, ки аз ҳисоби буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, корхонаҳои аз ҷиҳати нақшавӣ зиёновар, ки молҳову хизматрасониҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро истеҳсол мекунанд, кор мекунанд.

Ҳисоби хоҷагӣ - ин мустақилона пӯшонидани хароҷоти ҷорӣ ва ба даст овардани фоида мебошад, ки аз ҳисоби он такрористеҳсоли густурдаро амалӣ месозанд. Дар ин зимн манбаъҳои фоида дар дохили корхона ҷойгиранд. Онҳо аз афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва кам кардани арзиши аслии маҳсул аз ҳисоби беҳтар кардани истифодаи ҳама намудҳои захираҳои дохилӣ иборат мебошанд. Манбаъҳои берунаи фоида (тағйирёбии нархҳои

маҳсулоти истеҳсолшуда, дарёфт кардани таъминкунандаи беҳтарин ашёи хом ва мавод, истеъмолкунандагони беҳтарин, муассисаҳои беҳтарини молиявию қарздиҳӣ) аз ҷониби давлат ба танзим дароварда шуда, барои корхонаҳое, ки дар шароити ҳисоби хоҷагӣ кор мекунанд, амалан дастнорасанд.

Ҳисоби тиҷоратӣ масъулияти пурраи ташкилию иқтисодӣ ва молиявии субъекти хоҷагидор, идоракунии истеҳсолот дар асоси ҳисоби мутаносиби пулии хароҷот ва натиҷаҳои амалиёт бо мақсади ба даст овардани фоидаи устувор; истифодаи фишангҳои иқтисодӣ ва воситаҳо, ба монанди нархгузорӣ, хароҷоти истеҳсолот, маблағгузорӣ ва қарзгирӣ маҳсуб меёбад.

Азбаски дар мамлакати мо аксарияти муассисаҳои фарҳангӣ манбаъҳои даромади худро надоранд, ё сатҳи онҳо паст буда, барои пӯшонидани хароҷоти зарурӣ кифоя нестанд, аз ин рӯ онҳо ё аз ҳисоби буҷети давлатӣ (ҷумҳуриявӣ ё маҳаллӣ) пурра маблағгузорӣ карда мешаванд, ё аз он маблағҳои заруриро барои пӯшонидани қисми хароҷот мегиранд. Дар ин ҳолат, маблағгузорӣ мувофиқи сметаи хароҷоти ҷорӣ мавҷуд аст. Вобаста ба татбиқи принсипи барномавии маблағгузорӣ дотатсияҳои буҷетӣ дар шакли кафолати ҳадди аққали пойгоҳи моддию техникӣ ва таъминоти иқтисодии муассисаҳои фарҳанг боқӣ мондааст. Ин маоши кормандони доимӣ, хароҷот барои гармӣ, қувваи барқ ва дигар моддаҳои «муҳофизатшаванда» -и сметаи буҷет мебошанд, ки ҳадди аққали маблағҳои ҷории нигоҳдорӣ, дастгирии фаъолияти шабакаи муассисаҳо, хусусан шабакаи давлатиро кафолат медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки дар солҳои аввали бозсозӣ буҷети ҷумҳуриявӣ ва мутобиқан буҷетҳои маҳаллӣ хеле ноустувор буданд, дер қабул шуда, бо касри зиёд иҷро карда мешуданд, ки ин низ имкон надод, ки муассисаҳои фарҳанг фондҳоро ташаккул дода, аз механизмҳои мусбати дар ғояи шароити нави хоҷагидорӣ гузошташуда пурра истифода баранд. Ба таври воқеӣ шароити нави хоҷагидорӣ танҳо дар муассисаҳои бузурги давлатии фарҳанг, ки воситаҳои худиро доштанд, ҷорӣ карда шуда, ҳалли муваффақонаи худро ёфтанд.

Аз бисёр ҷиҳат таҳияи бесифати механизмҳои маблағгузории фарҳанг аз масъалаи таъминоти нокифояи захиравӣ ва технологии мақомоти идоракунии соҳаи фарҳанг дар маҳалҳо вобаста аст. Якчанд ҷанбаҳои идоракунии захираҳоро, ки ба таври кофӣ истифода нашуда, ба сифат ва дурнамоҳои қарорҳои идоракунӣ таъсир расонданд, мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Принсипи квотавӣ дар тақсимоти молия, механизми танзимнашудаи интиқоли ҳуқуқи идоракунии фаврии маҷмӯаҳои амволӣ ва дигар омилҳои манфӣ, аз ҷумла «вазни дастгоҳӣ» -и роҳбар ва қудрати лоббигардонии идораҳои иқтисодӣ имкон намедиҳанд, ки чунин вазифаҳои муҳими идоракунӣ ба монанди таҳлил ва пешбинӣ истифода шаванд.

Масъалаи дигари таъмини захиравӣ истифодаи нокифояи захираҳои рамзӣ мебошад. Лоиҳаҳои имиҷӣ (мавқеъгирии фарҳанг, аз ҷумла хусусиятҳои миллӣ, ҷузъҳои манзаравӣ ва таърихии он, ҳамчун имиҷи ҷолиби қаламрав), ки ба муаррифии субъектҳо дар фазои ҷамъиятӣ нигаронида шудаанд, дорои имкониятҳои амалан тамомнашаванда барои сармоягузориҳо мебошанд, аммо то ба ҳол онҳо хусусияти ҷузъӣ доштанд.

Дар шароити ислоҳоти худидоракунии маҳаллӣ, ки дар қатори дигар тадбирҳо «буридани» сарҳадҳои маъмурии минтақаҳои кишварро пешбинӣ мекунад, истифодаи захираҳои фазоию ҳудудӣ, аз ҷумла идоракунии инфрасохторҳои фарҳангӣ ва объектҳои

навро бо назардошти фарогирии функсионалии хизматрасонӣ, зудҳаракатии арзаи онҳо ба истеъмолкунанда, дастрасии ҷуғрофӣ ва нархӣ ба мақсад хеле мувофиқ мебуд.

Захираҳои ташкилӣ омили муҳими таъминоти сифатии навсозии фаъолияти муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ мебошанд. Ин, пеш аз ҳама, сохторҳои нави ташкилӣ (муассисаҳо ва ташкилотҳои шаклҳо ва навъҳои нав), инчунин робитаҳои ташкилӣ мебошанд, ки маҷмӯи хизматрасониҳои давлатиро дар соҳаи фарҳанг таъмин мекунанд. Дар асоси эҷоди сохторҳои нави фаъолияти фарҳангӣ бояд технологияи ҳамбастагии функсионалӣ ва буҷетии муассисаҳо ва ташкилотҳои алоҳида бо назардошти хизматрасониҳои байниминтақавӣ дар соҳаи фарҳанг қарор гирад.

Дар навбати худ, захираҳои заифи инсонӣ сабаби рушди сусти захираҳои технологӣ мебошанд, ки муайян кардани намудҳои фаъолият ва технологияҳои афзалиятнокеро дар бар мегиранд, ки қобиланд вектори рушди фаъолияти фарҳангиро эҷод кунанд.

Камбудии хоси амсилаҳои кунунии идоракунӣ ихтилофот байни ваколатҳои мақомоти ҳокимият ва манбаҳои воқеии маблағгузории фаъолияти он буданд.

Сабабҳои чунин ихтилоф инҳоянд:

- объективӣ - пойгоҳи сусти манбаъҳои буҷети маҳаллӣ, мавҷуд набудани меъёрҳои давлатии таъминоти моддию молиявӣ;

- субъективӣ - номутобиқатии амалҳои сохторҳои идоракунанда бо талаботи қонунгузорӣ, мавҷуд набудани қобилияти мубориза бурдан барои буҷет дар менеҷмент.

Яке аз вазифаҳои асосии низоми ташкилотҳо вазифаи иқтисодӣ мебошад, ки доираи татбиқи он таъмини захиравии фаъолияти ҷорӣ ва ояндаи ташкилот ва баланд бардоштани самаранокии он мебошад. Маҳз ҳамин вазифа асоси воқеии иҷрои як қатор вазифаҳои дигари институтсионалӣ аз ҷониби ташкилотҳо мебошад.

Вазни иқтисодӣ ва зудҳаракатӣ, дар навбати аввал, аз ҳисоби захираҳои ташкилот муайян карда мешаванд. Дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт онҳо ҳам аз ҷиҳати ҳаҷм, ҳам аз ҷиҳати мухтаво фарқ мекунанд. Маҳз мавҷуд набудани захираҳо ба муассисаҳои фарҳангӣ имкон намедиҳад, ки стратегияи корпоративиро бомуваффақият таҳия ва амалӣ карда, вазифаҳои институтсионалиро ҳатто баъзан дар шароити мусоиди беруна иҷро кунанд.

Нақши захираҳо на танҳо аз он ҷиҳат муҳим аст, ки бидуни онҳо субъект ҳадафи стратегиро ба даст намеорад. Захираҳо иқтидори ташкилот маҳсуб меёбанд. Аҳамияти стратегии онҳо, аввалан, аз имкониятҳои дар он мавҷудаи таҳияи стратегияи барои субъект оптималӣ (манбаи ташаккулёбӣ), дуюм, аз таъсири ба таври принсипиалии имконпазир ба муҳити берунии ташкилот (хусусияти истифода), сеюм, дар муайян кардани ҳадафи мушаххаси стратегии субъект (самти амал) – ро иборат аст.

Таъмини захиравӣ ба тамоми соҳаҳои фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ таъсир расонда ва, моҳиятан, ҳамеша аз объекти идоракунӣ иборат буд. Аммо, ақибмонии таҳияҳои назариявӣ аз амалияи идоракунӣ дар марҳилаи муосир бо пайдоиши босуръати намудҳои нави захираҳо, манбаъҳои ташаккулёбии онҳо ва усули арзёбӣ тавзеҳ меёбад. Захираҳои нав методҳо, технологияҳо ва қоидаҳои муносибро барои дастгирии захиравии фаъолияти ташкилотҳо талаб мекунанд.

Дар айни замон дар ҷумҳурӣ субъектҳои хоҷагидорӣ ба шароити нави мубодилаи захираҳои худ гузаштанд ва маҷбуранд, ки барои қарорҳои қабулшудаи идоракунӣ бо дороиҳои худ пурра ҷавоб диҳанд. Бо вуҷуди ин, оид ба назарияи таъминоти захиравӣ ҳанӯз ягон ақидаи ягона ташаккул наёфтааст. Аксари иқтисодчиён моҳияти ин категорияро маҳдуд намуда, онро танҳо бо таъмини молиявии ягон хел равандҳо шарҳ

медиҳанд. Дигарон масъалаи идоракунии захираҳоро бо мубодилаи захиравӣ, ҳаракати ҷараёнҳои моддӣ маҳдуд мекунанд, ки объекти он маҳсули истеҳсолшуда буда, соҳаи таҳқиқот бошад салоҳияти логистика мебошад.

Таъминоти захиравӣ яке аз вазифаҳои муҳимест, ки татбиқи он сатҳи рушди ҳар як субъекти хоҷагидор ва самаранокии фаъолияти онро муайян мекунад. Таҳқиқи қонуниятҳои он барои ташаккул ва тақсимоти оқилона, самаранок ва саривақтии захираҳое, ки барои кор дар тамоми давраҳо заруранд, талаб карда мешавад.

Сарфи назар аз аҳамияти аввалиндараҷа, таъминоти захиравӣ ҳамчун «чизе дар худ» ҳадафи ташкилот ба шумор намеравад. Вазифаи фаъолият ноилшавӣ ба натиҷаҳои назарраси ҷамъиятӣ ё маҳаллӣ зимни хароҷоти камтарин, бо шумули ду зервазифа мебошад. Аввалӣ аз ташаккули мақсадҳо ва самтҳои стратегии фаъолияти иҷтимоию иқтисодӣ, ба ҳадди аксар расонидани натиҷанокии он иборат аст. Дуюм - таъминоти захиравӣ ба истеҳсол ва такрористеҳсолкунӣ, тақсимоти захираҳои зарурӣ, ба ҳадди ақал расонидан ва оқилонасозии хароҷот дахл дорад.

Таъминоти захиравиро танҳо бо ташаккули манбаъҳои фаъолияти субъекти хоҷагидор маҳдуд кардан мумкин нест. Ин раванд нисбатан васеътар буда, нисбати идоракунии стратегии фаъолият вогузар мебошад. Аз стратегияи таъминоти захиравӣ бавуҷудоӣ ё рафъи масъалаҳои муҳимтарини менеҷменти ташкилот, масалан, пешгирии ташаккули монеаҳои ташкилӣ ё бархурди манфиатҳо, ҳавасмандгардонии баланд бардоштани самаранокӣ вобаста аст.

Таҳқиқи механизмҳои таъминоти захиравии фаъолияти ташкилот заминаи зарурие барои таҳияи консепсияи идоракунии захираҳо фароҳам меорад. Механизми таъминоти захиравӣ низоми унсурҳои институтсионалиест, ки барои тақсимот ва аз нав тақсимоти захираҳо аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор ва воҳидҳои сохтории онҳо, инчунин таҳаввули захираҳо аз як шакл ба шакли дигар зарур аст.

Самтҳои таъминоти захиравии фаъолияти ташкилот, аз як тараф, бо он захираҳои молиявӣ, кадрӣ, моддӣ ва дигар муайян карда мешаванд, ки онҳоро имрӯз дар ихтиёри худ дорад, аз тарафи дигар, он бо захираҳо ва зеҳнӣ ва инноватсияҳо, инчунин бо имкониятҳои ҷалби манбаъҳои сармоягузорие муайян карда мешаванд, ки он пешбинӣ мекунад, ки дар оянда ҷорӣ кунад.

Таъминоти захиравии фаъолияти ташкилот раванди маҷмӯии сафарбаркунӣ, ҷамъоварӣ, тақсимоти захираҳо, инчунин амалисозии банақшагирӣ, назорат, мониторинг ва тартиботи дигар мебошад, ки ба истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳо ва коҳиши хавф дар фаъолияти ташкилот нигаронида шудаанд.

Рушди мавзӯи нерӯи захиравӣ дар доираи самтҳои ташаккулёфтаи банақшагирӣ ва идоракунии стратегӣ, аз қабили менеҷменти молиявӣ, идоракунии кормандон, логистика, банақшагирии соҳибкорӣ ва ғайра ташаккул меёбад. Дар натиҷа, барои арзёбии имкониятҳои ташкилот дар соҳаҳои мухталифи фаъолияти он миқдори зиёди абзорҳо ҷамъ оварда шудаанд, аммо дар айни замон, норасоии пуррагии фарогирӣ ва муносибати низомбандишуда барои муаррифии сохтори нерӯи захиравӣ эҳсос мешавад.

Ҳамин тавр, зарур аст, ки дар асоси абзорҳои ҷамъшудаи бозаргонӣ амсилае пешниҳод карда шавад, ки тамоми моҳияти нерӯи захиравии ташкилотро пурра ва возеҳ инъикос карда, имкони муаррифии сохтори унсурии онро фароҳам орад. Гумон кардан мумкин аст, ки захираҳои аз ҷиҳати миқдор ва сифат якхела метавонанд дорои нерӯи гуногун вобаста аз дараҷаи истифодаи онҳо бошанд. Ҳамин тариқ, нерӯи захиравӣ на танҳо

намудҳои мухталифи захираҳо, балки инчунин дараҷаи истифодаи онҳо, имконияти онҳоро дар эҷоди таъсири муфид тавсиф медиҳад.

Дар натиҷаи амали муштараки блокҳои низоми идоракунӣ, захираҳо ва блоки фаъолият соҳаҳои функсионалие ташаккул меёбанд, ки имкон медиҳанд, то ки муқоиса бо сохтори ташкилӣ ва хати робитаи мутақобила бо вазифаҳои воҳидҳои гуногуни ташкилӣ гузаронида шавад. Ҳамин тариқ, сохтори мазкур имкон медиҳад, ки маҷмӯи мукаммали вазифаҳои ин ё он воҳиди сохтории ташкилот муайян карда шавад. Ҳамзамон, тамоми самтҳои фаъолият, аз тадқиқот шурӯъ карда, то истифодаи абзорҳои маркетингии ҳамкорӣ бо бозор ва фаъолияти иҷтимоӣ, ки, алалхусус, барои ташкилотҳо асосӣ мебошад, пурра фаро гирифта мешаванд.

Дар раванди амалисозии фаъолияти хоҷагидорию молиявӣ аз ҷониби ташкилот захираҳои он якҷоя амал карда, зимнан натиҷаҳои муайянро дар шакли маҳсули истеҳсолшуда, хизматрасониҳои пешниҳодшуда, корҳои иҷрошуда ва фоида аз фурӯши онҳо; даромад, фоида ва ғайра ба бор меоранд. Натиҷаҳои бадастомада барои рушди раванди ташаккули захираҳо дар сатҳи сифатан нав ва барои рушди иқтисодии ташкилот заминаи воқеӣ мебошанд.

Дар марҳилаи аввал ташкилот хароҷоти маҷмӯии марбут ба ташаккули манбаъҳои ташкили захираҳоро эҷод мекунад. Ин метавонад хароҷоти марбут ба хизматрасонии намудҳои гуногуни қарз, ифтитоҳи ташкилот, амалисозии гуфтушунидҳо оид ба ташаккули манбаъҳои захираҳо, хароҷоти яквақта дар шакли сармоягузориҳо, хароҷот барои хариди ашёи хом, мавод ва ғайраро дар бар гирад.

Дар бораи захираҳо ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ (ғайридавлатӣ) ба монанди сарпарастӣ, патронаж ва эҳсонкорӣ, аллакай дар боло қайд карда шуд. Аз ин рӯ, илова ба гуфтаҳои боло, бояд чунин манбаи имконпазири маблағгузории муассисаҳои соҳаи фарҳанг, ба монанди лоиҳаҳо ва барномаҳои байналмилалӣ қайд карда шавад. Дар Тоҷикистон дар айни замон ташкилотҳои байналмилалӣ ба монанди ЮНЕСКО, ИКОМОС, фондҳои маликаи Бритониёи Кабир, шоҳзода Уэлс, Фонди Сорос, Фонди байналмилании илмӣ хеле фаъоланд. Грантҳо барои маблағгузорӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҷудо карда мешаванд. Иттилоот оид ба муҳлати пешниҳоди дархостҳо, хусусият ва самтҳои дастгирии имконпазир дар ВАО интишор карда мешавад.

Тамоюлҳои муосири маблағгузории буҷетии истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасониҳо ва неъматҳои фарҳангӣ ва иштироки мустақими давлат дар ҳаёти фарҳангии мамлакат барои нерӯ гирифтани иқтидори иқтисодии ин соҳа хеле муҳим аст ва минбаъд ин тамоюл бо сабаби нақши фарогир доштани он дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ бояд нерӯ гирад. Пайваста ба болоравии фарҳанг ва хизматрасониҳои фарҳангӣ иштирокдорони муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодии кишвар, институти эътимод, ки муҳимтарин омили рушди ҷомеа мебошад, инкишоф меёбад. «Эътимод ва боввариро метавон ҳамчун интизорие, ки дар дохили ҷомеаи дар бораи рафтори муқаррарӣ ва поквиҷдонона будани аъзоёни он, ки изҳори омодагии фардро ба кумаки мутақобила мутобиқи тамоми меъёрҳои эътирофшуда сураът мебахшад, муаяйн намуд»[3, с. 198]. Инкишофи фарҳанг ва шаклгириву рушди иқтисоди эҷодӣ таъсири фарогири худро ба ҳама соҳаҳои иқтисодӣ дар доираи густариши хусусиятҳои институтҳои эътимод таъсир расонида, ба рушди шаклҳои нави ташкили иқтисодӣ дар доираи муносибатҳои интегралӣ, эҷоди ассосиатсияву иттифоқҳо ва ғайраҳоро, ки ба уклади иқтисодии панҷум, шаклҳои муосири ташкиливу технологӣ маҳсуб меравад, мусоидат мекунад. Дар ин раванд, нақши

давлат ҳамчун метаинститут барои таъмини рушди соҳаи фарҳанг ва иқтидори иқтисодии он хеле муҳим мебошад. Бо дастгирии соҳаи фарҳанг давлат ҳамзамон нақши танзимкунии ҳаёти иҷтимоиву иқтисодиро низ ба иҷро мерасонад. Масалан, болоравии сатҳи фарҳангии аъзоёни ҷомеа маблағҳо барои муқовимат ба ҷинояткориҳо сарфа мешавад. Яъне ҳаҷми маблағҳои дастгирӣ маротибаҳо сарфаи маблағи буҷетро таъмин менамояд, ҳамин тариқ самаранокии хароҷоти буҷети давлатӣ баланд мегардад. Илова бар ин, чуноне, ки дар боло қайд намуда будем, дар шароити рушди инноватсионӣ ва боло гирифтани нақши қишри зеҳнии ҷомеа дар рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, соҳаи фарҳанг ба як соҳаи бунёдии иқтисоди миллӣ табдил меёбад. Яъне хароҷоти буҷет ба соҳа пайваста бо иштирок истеҳсоли арзиши нав дар иқтисодиёти мамлакат, тадриҷан боз мегардад. Чуноне, ки маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳад дар давраи солҳои 2018-2023 бо арзиши наве, ки соҳаҳои санъат, хушнудӣ ва истироҳат дар истеҳсоли ММД -ии мамлакат саҳмгузор шудааст, аз 328,2 то 816,5 млн. сомониро ташкил додааст, яъне дар ин давра қариб 2, 5 маротиба афзудааст. Аммо, давлат вобаста ба муҳимияти неъматҳои соҳаи фарҳанг барои рушди ҷомеа маблағузории худро афзун намудааст.

**Ҷадвали 1. Маблағгузории давлатии соҳаи фарҳанг ва иштироки соҳа дар истеҳсоли ММД (коэффисиенти тамоюлоти давлат ба соҳаи фарҳанг).**

| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Соли 2023 нисбат ба 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД | 71059,22 | 79109,8 | 83958,3 | 101076,3 | 118181,7 | 130791,5 | 184,1 |
| Аз он ҷумла: санъат, хушнудӣ ва истироҳат | 328,2 | 366,0 | 408,0 | 525,4 | 571,5 | 816,5 | 248,8 |
| Дар % ба ММД | 0,46 | 0,46 | 0,48 | 0,52 | 0,48 | 0,62 | 0,16 бф |
| Хароҷоти буҷет ба чорабиниҳои фар-ҳангӣ – оммавӣ, солимгардонӣ ва динӣ, бо млн с. | 744,1 | 335,6 | 987,1 | 1162,4 | 1078,1 | 1471,7 | 197,8 |
| Дар % ба ММД | 1,1 | 0,4 | 1,2 | 1,2 | 0.9 | 1,1 | - |
| **Коефисиен-ти тамоюлоти давлат ба соҳаи маориф** | 2,4 | 0,86 | 2,5 | 2,3 | 1,9 | 1,8 | -0,6 |

**Ҳисоб карда шуд аз рӯи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, С.218,358**

Соли 2023 харочоти буҷет ба чорабиниҳои фарҳангӣ - оммавӣ, солимгардонӣ ва динӣ 1471,7 млн сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2018 97,8 фоиз зиёд шудааст. Дар замони муосир сифати рушди иқтисодиву иҷтимоии кишварҳо ва хусусиятҳои давлат бо индикатори иҷтимоигардии он тавсиф дода мешавад. Давлати мо мутобиқи конститутсиямон “Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад”[1] маҳсуб мешавад. Бинобар он қариб 50 фоизи буҷети давлатамон ба соҳаи иҷтимоӣ равона мегардад. Гувоҳи ин раванд дар соҳаи фарҳанг низ мушоҳида мешавад. Чуноне, ки мебинем аз маълумоти ҷадвали

коэфисиенти тамоюлоти давлат ба соҳаи фарҳанг (таносуби ҳиссаи маблағгузории буҷетии соҳа ба ҳиссаи иштироки он дар истеҳсоли ММД) дар ин давраи таҳлилӣ ба ҳисоби миёна ба 1,9 баробар аст. Яъне маблағгузории буҷетӣ қариб 2 маротиба зиёдтар нисбат ба оне, ки соҳа ба истеҳсоли арзиши нав иштирок менамояд. Аммо, маблағузории соҳа нафъи худро дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ меорад, ки бо ҳисоби миқдорӣ чен кардан душвор аст.

Бинобар он дастгирии молиявии давлат барои нерӯ гирифтани иқтидори иқтисодии муассисаҳои фарҳангӣ дар марҳилаи рушди индустриаликунониву инноватсионии мамлакат, бахусус дар мавриди эълон намудани солҳои 2025-2030 солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия хеле муҳим мебошад. Зеро, рушди соҳаи фарҳанг ҳамчун омили иҷтимоӣ ба рушди инноватсионии иқтисодиёт хидмат менамояд. Таҳлили даҳ соли охири маблағгузории соҳа нишон медиҳад, ки ҳарчанд ҳаҷми маблағгузорӣ соли 2023 нисбат ба соли 2014 аз 476,0 то 1471,7 млн. сомонӣ, яъне беш аз 3 маротиба зиёд шудааст, аммо тағйироти солонаи он, бахусус фарқияти аз нишондиҳандаи миёнаи ин даҳсола хеле калон мебошад. Яъне ноустувории маблағгузорӣ мушоҳида мешавад.:

Ҳамин тариқ, дастгирии давлатии фарҳанг ва санъат дар мамлакат хусусияти устувор ва динамикаи мусбӣ надорад, ки инро таҳлили ҳаҷми он ба таври воқеӣ, ҳиссаи хароҷот ба фарҳанг ва санъат дар хароҷоти буҷети давлатӣ нишон дод. Ин рушди иқтисодиро дар соҳаи фарҳанг суст карда, боиси коҳиши иқтидори он ҳам гардидааст.

Барои рушди соҳаи фарҳанг дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ манбаи анъанавии ғайрибуҷетии маблағгузорӣ аниқтараш фаъолияти тиҷоратии худи муассисаи фарҳангӣ мебошад. Таъкид кардан муҳим аст, ки сухан дар бораи самтдиҳии дақиқ ба ниёзҳои мизоҷон, ба он намудҳои фаъолияте меравад, ки аз талаботи баланд бархӯрдоранд. Илова бар хизматрасониҳои анъанавии пулакии фарҳангӣ, ин метавонад депозити бонкӣ, истифодаи муштараки биноҳо ва ғайра бошанд. Истифодаи фаъоли нерӯи муассисаҳои фарҳанг барои фаъолияти соҳибкории субъектҳои хоҷагидорӣ, иштирок дар пешбурди фурӯш, аксияҳои рекламавӣ ва ғайра, ки дар боло зикр гардид, хеле самаранок аст.

Натиҷаҳои назаррасро метавонад инчунин фаъолияти мустақилонаи соҳибкорӣ, ташкили устохонаҳои ёрирасон, мактабҳо ва дигар «корхонаҳои шамъӣ» ба бор оранд, ки даромад аз фаъолияти онҳо метавонад ба таъмини фаъолияти асосии ташкилот ё муассиса равона карда шавад[2, с.147]. Дар миқёси минтақавӣ ба таъсиси як бонки фарҳангӣ - оддӣ чизе халал намерсонад, аслан, бонке танҳо бо он фарқият, ки он меъёри тарофавии имтиёзнок дошта бошад, фарқи онҳо - масалан, бо меъёри вазни миёна - метавонад ба эҳтиёҷоти дастгирӣ ва рушди соҳаи фарҳанг, аз ҷумла аз тариқи Фонди рушди фарҳанг ва санъат равона карда шавад. Рушди фаъолияти суғуртавӣ дар соҳаи фарҳанг низ хеле умедбахш аст - бар хилофи амалияи хориҷӣ, дар ҷумҳурӣ амалан суғуртаи фаъолият дар соҳаи фарҳанг вуҷуд надорад. Маълум аст, ки фаъолият дар иқдом ва ҳавасмандгардонии фаъолияти суғуртавӣ кори мақомоти идоракунии давлатии соҳа мебошад, зеро қисми даромад аз суғурта низ метавонад ба эҳтиёҷоти фарҳанг равона карда шавад.

Аллакай аз рӯйхати дар боло номбаршудаи манбаъҳои имконпазири маблағгузории фаъолияти муассисаҳои фарҳанг якчанд саволҳои возеҳе ба миён меоянд, ки барои менеҷменти амалӣ дар соҳаи фарҳанг муҳим мебошанд. Аввалан, ин муайян кардани таносуби байни маблағгузории буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ мебошад. Ба ибораи дигар, чӣ чизро дар асоси тиҷоратӣ ва чӣ чизро танҳо дар асоси маблағгузории буҷетӣ таъмин кардан мумкин аст. Сониян, ин муайян кардани афзалиятҳо барои маблағгузории буҷетӣ мебошад:

ба кӣ ва чӣ чиз дар соҳаи фарҳанг бояд аз ҷониби давлат кафолат дода шавад. Сеюм, чӣ гуна маблағҳоро аз манбаъҳои гуногун ҷалб ва андӯхтан мумкин аст.

Баланд бардоштани самаранокии хароҷоти буҷетӣ дар соҳаи фарҳанг инҳоро пешбинӣ менамояд:

- татбиқи пайдарҳами методҳои мақсадноки барномавӣ, шартномавӣ ва сармоягузории маблағгузории муассисаҳои фарҳанг;
- тамаркузи воситаҳои буҷетӣ дар самтҳои афзалиятноктари сиёсати фарҳангӣ ва рушди кинематография, ки ба ҳадафҳои стратегӣ дар соҳаи фарҳанг ҷавобгӯ ҳастанд;
- гузаштан ба низоми шартномавии кирояи роҳбарони муассисаҳои фарҳанг ва кормандони эҷодӣ, васеъ намудани мустақилияти муассисаҳои фарҳанг дар муайян кардани ҳаҷм ва шартҳои пардохти музди меҳнат, ки дар шароити афзоиши пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи фарҳанг имкон медиҳад, ки тафовути беасос дар сатҳҳои пардохти музди меҳнат дар бахши воқеии иқтисодиёт ва соҳаи фарҳанг тадриҷан бартараф карда шавад;
- беҳтарсозии шабакаи муассисаҳои буҷетии фарҳанг;
- ҷорӣ намудани низоми банақшагирии молиявӣ, ки баҳисобгирии ҳамаи манбаъҳои даромади муассисаҳои давлатӣ ва шаҳрдории фарҳанг ва самтҳои истифодаи онҳоро таъмин менамояд;
- эҷоди низомҳои миллии мониторинги ҳолат ва истифодаи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, маснуняти ашёҳои фондҳои осорхонавӣ ва бойгонӣ, фондҳои китобхонаҳо; самарабахшии кори муассисаҳои фарҳанг;
- ҷорӣ намудани методҳои муосири назорати сарфи мақсаднок ва самарабахши маблағҳои буҷетӣ;
- таъмини шаффофияти ҷараёнҳои молиявӣ дар соҳаи ғайритиҷоратии фарҳанг, бо шумули интишори ҳатмии ҳисобот аз ҷониби мақомоти идоракунӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва шаҳрдории фарҳанг дар бораи сарфи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷҷетӣ;
- таъсиси шӯроҳои парасторӣ, ки вазифаҳои назорати ҷамъиятии фаъолияти молиявию хоҷагидории муассисаҳои фарҳангиро амалӣ мекунанд.

Хулоса, азбаски маънои самтҳои пешниҳодшудаи ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии идоракунии фарҳанг аз корбасти бошууронаи онҳо ба воқеияти иҷтимоӣ иборат аст, моҳият ва таъйиноти пешниҳодҳо аз беҳтарсозии раванди идооракунӣ, яъне кам кардани хароҷоти идоракунӣ ва баланд бардоштани самараи иҷтимоию иқтисодӣ иборат мебошад.

**Адабиёт**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (6 ноябри соли 1994)
2. Брезе О.Э., Салий В.В. Прогнозирование продовольственного спроса региона,основанное на методах математической статистики// Техника и технология пищевых производств. 2014. № 3 с. 145-150 ISSN 2074-9414
3. Мирсаидов А.Б. Инкишофи матритсаи институтсионалии Точикистон (ҷанбаҳои иқтисоди сиёсӣ) – Душанбе, «Дониш», 2021, 300 с.
4. Рофизода С.Ҳ., Аҳамияти иҷтимоию иқтисодии идоракунии хизматрасонӣ дар бахши фарҳанг [Матн] / С.Ҳ. Рофизода // Ахбори академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Бахши илмҳои иқтисодӣ). Душанбе. – 2022. - №2 саҳ; 122 – 126.

## НАҚШИ ҚАРЗИ БОНКӢ ДАР РУШДИ СОХИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Рахимова Махина Пиримикуловна** - Таджикиский государственный финансово экономический унверситет, ассистенти кафедры экономической теории. Адрес Республики Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимов, 64/14. E-mail: dilovarochildiev377@gmail.com. Телефон +992882226596

Дар шароити имрӯза қарздиҳои бонкӣ яке аз механизмҳои асосии руши таммоми бахшҳои асосӣ ва афзалиятноки рушди иқтисодиёт мебошад. Яке аз муҳимтарин омилҳое, ки ба рушди соҳибкорӣ таъсири мусбат расонида, онро ҳавасманд менамояд ва ба рушди минбаъдаи он бевосита мусоидат менамояд механизми қарздиҳӣ, аз ҷумла қарздиҳии бонкӣ ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба шумор меравад.

**Калидвожаҳо:** қарзҳои бонкӣ, соҳибкорӣ, иқтисодиёт, соҳибкории хурду миёна, иқтисоди миллӣ, маблағгузорӣ.

## РОЛЬ БАНКОВСКИХ КРЕДИТОВ В РАЗВИТИИ МАЛОГО И СРЕДНЕГО БИЗНЕСА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Рахимова Махина Пиримикуловна** — ассистенти кафедраи назарияи иктисодиёти Донишгохи давлатии молиявию иктисодии Точикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Наҳимов, 64/14. Почтаи электронӣ: dilovarochildiev377@gmail.com. Телефон +992882226596

В сегодняшних условиях банковское кредитование является одним из основных механизмов развития всех основных и приоритетных секторов развития экономики. Одним из важнейших факторов, положительно влияющих на развитие бизнеса, стимулирующих его и непосредственно способствующих его дальнейшему развитию, является механизм кредитнования, в том числе банковское кредитование субъектов предпринимательской деятельности.

**Ключевые слова:** банковские кредиты, предприниматель, экономика, малого и среднего бизнеса, национальной экономики, финансирования.

## THE ROLE OF BANK LOANS IN THE DEVELOPMENT OF SMALL AND MEDIUM BUSINESSES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Rakhimova Makhina Pirimqulova**-Tajik state universiry of finance and economics, assistant department of economic theory. Address: Republic of Tajikistan, the city of Dushanbe, Nakhimov 64/14, E-mail: dilovarochildiev377@gmail.com. Telephone +992882226596

In today’s conditions, bank lending is one of the main mechanisms for the development of all major and priority sectors of the economy. One of the most important factors positivtly influencing business development, stimulating it and directly contributing to its further development, is the mechanism of lending, including bank lending to business entities.

**Keywords**: bank deposits, entrepreneur, economics, small and mesium business, national economy, finance.

Дар шароити имрӯза, муносибатҳои қарзию бонкдорӣ яке аз шартҳои асосии пешрафти тамоми шохаҳои иқтисодиёти бозорӣ ба ҳисоб меравад. Айни замон пешравии иқтисодиёт ва фаъолияти соҳибкорӣ бе истифодаи қарзҳои бонкӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Ҷаҳони муосирро бидуни корхонаҳои хурду миёна тасаввур кардан душвор аст. Соҳибкории хурд як қатор вазифаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ, аз қабили ташкили ҷойҳои корӣ, афзоиши рақобат ва пур кардани бозорро бо маҳсулоти беҳтар иҷро мекунад, ки дар ниҳоят ба паст шудани сатҳи бекорӣ, нархҳо оварда мерасонад ва заминаи хуб барои таъсиси босуръати соҳаҳои нав мебошад. Таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ аз фаъолияти босамари соҳибкорони ватанӣ вобаста аст. Махсусан рушди соҳибкории истеҳсолӣ яке аз омилҳои фаровонии бозорҳои кишвар бо маҳсулоти баландсифати ватанӣ ба шумор меравад.

Бо дастгириҳои ҳамаҷонибаи давлат фазои соҳибкории хурду миёна тайи солҳои охир дар мамлакат шумораи корхонаҳои хурду миёнаву бузурги саноатӣ афзуда ба зиёд гардидани маҳсулоти ватанӣ мусоидат намуд. Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти нақши калидӣ доштани соҳаи номбурда дар пшрафту шукуфоии мамлакат зимни вохуриҳои худ бо соҳибкрони ватанию хориҷӣ иброз менамоянд, ки соҳибкорони бонангу номус, ҳамеша иқдомоти Ҳукумати мамлакатро бо дарки амиқи масъулият самимона пуштибонӣ намуда, барои имрӯзу ояндаи кишвар ва пешрафти давлат кӯшиш карда, дар раванди ташкили коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ, бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандон, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, дар таҳкими иқтидори иқтисодии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ саҳмгузор бошанд.

Айни замон бо мақсади рушди соҳибкории хурд ва таъмини дастгирии давлатии соҳибкорӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун ва қарорҳои махсус қабул намуда тавассути онҳо имкониятҳои рушди соҳаро фароҳам овардааст. Дар доираи ин санадҳо дастгирии давлатӣ ва рушди озоди соҳаи соҳибкории кишвар муайян гардида, шаклу усулҳои ҳавасмандгардонию танзими дурусти фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ муқарар карда шудааст. Имрӯз шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ба 300 ҳазор расидааст, ки ин нисбат ба давраи то оғози ислоҳоти бақайдгирӣ қариб 85 фоиз зиёд мебошад, ки аз онҳо бонувони соҳибкори мамлакат қариб 22 фоизи субъектҳои соҳибкории кишварро ташкил медиҳанд ва роҳбарони 10 фоизи корхонаҳои хурду миёна занону бонувон мебошанд.

Фаъолият ва инкишофи фаъолияти соҳибкориро бе маблағгузорӣ ба он тасаввур кардан тамоман имконнопазир мебошад. Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон, ҳиссаи бахши хусусӣ дар ММД-и Тоҷикистон дар охири соли 2022 қариб 70% -ро ташкил додааст. Бахши хусусӣ 67% аҳолии кишварро бо кор таъмин мекунад ва 78% воридоти андоз ба буҷети давлат. Ва ин аз тамоми афзалиятҳое, ки корхонаҳои хурду миёна дорои сатҳи кофии амнияти молиявӣ доранд, дур нест.

Аксарияти корхонаҳои хурд аз сабаби маҳдудияти маблағҳои худ аксар вақт ба дастгирии молиявии ҷонибҳо ниёз доранд. Имкониятҳои кофӣ барои гирифтани пули нақд аз корхонаҳо мавҷуданд. Корхонаҳои хурд метавонанд аз ҳисоби субсидияҳо, маблағгузории буҷетӣ, кафолатҳои давлатӣ оид ба ӯҳдадориҳо, грантҳо ва ғайра дастгирии молиявӣ гиранд, аммо қарзҳо ба бонкҳои тиҷоратӣ манбаи муҳими маблағгузории тиҷорати хурд мебошанд.

Қарзи бонкӣ қарзест, ки дар шакли пулӣ аз тарафи бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои молиявӣ ба шахсони ҳуқуқӣ, аҳолӣ ва давлат пешниҳод карда мешавад. Қарзи бонкӣ нисбат ба қарзи таҷоратӣ аз ҷиҳати ҳисоби маблағ, мӯҳлат ва соҳаи истфодабариаш бартарият дорад. Соҳаи истифодабарии қарзи бонкӣ хеле васеъ мебошад. Қарзи бонкиро дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ васеъ истифода мебаранд. Дар шароити муосир рушди соҳибкории хурду миёна, соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва ғайраро бе гирифтани қарзи бонкӣ тасавур кардан имконнопазир мебошад.

Ҳамчунин барои татбиқи лоиҳаю барномаҳои рушди соҳибкорӣ дар мамлакат соли 2013 муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» таъсис дода шуд, ки дар соли 2020 ба он аз ҳисоби буҷети давлатӣ 133 миллион сомонӣ гузаронида шуда, маблағи он бояд то соли 2022 ба 1 миллиард сомонӣ баробар гардидааст.

Фонди мазкур аз оғози фаъолияти худ дар соли 2015 ба 117 субъекти соҳибкорӣ бо фоизи паст дар ҳаҷми беш аз 95 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат ҷудо карда шуда буд, ки 47 шаҳру ноҳияи кишварро фаро гирифтааст.

Барои дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ аз ҳисоби захираҳои қарзии низоми бонкӣ дар соли 2018 ба соҳибкорон ба маблағи қариб 9 миллиард сомонӣ ва дар соли 2019 дар ҳаҷми 7 миллиард сомонӣ маблағҳо ҷудо карда шуда буданд. Инчунин мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сармоягузорон кафолатҳо ва имтиёзҳои зиёдро муқаррар намудааст, аз ҷумла дар доираи Кодекси андоз барои пешрафти соҳибкории хурду миёна беш аз 240 номгӯй имтиёзу сабукиҳо пешбинӣ гардидаанд.

Дар солҳои 2020-2022 ҳаҷми умумии манбаъҳои андозбандие, ки нисбат ба онҳо имтиёзҳои андозӣ татбиқ шудаанд, қариб 60 миллиард сомонӣ ва маблағи имтиёзҳои воқеан истифодашуда 9 миллиард сомониро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда қариб 30 фоизи маблағи андозҳои дохилии дар ин давра ба буҷет воридгардидаро ташкил медиҳад.

Инкишофи бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузори дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии таъмин намудани ҳадафҳои миллӣ муайян гардидааст.

Хулоса карзҳои имтиёзноки бонкӣ имконият медиҳанд, ки соҳибкорону сармоягузорон молу маҳсулоти рақобатпазирро дар мамлакати азизамон истеҳсол карда, бо кишварҳои гуногуни олам содирот намоянд. Амалигардонии дастгирии корхонаҳои соҳибкории хурду миёна, ки дар самтҳои афзалиятнок кор мекунанд, инчунин соҳибкорони навкор бо шартҳои қарздиҳии имтиёзнок. Кӯмаки ҳукумат ба муассисаҳои молиявие, ки қобилияти кафолатдиҳандаи маблағгузории тиҷорати хурдро доранд. Амалисозии ин ҳама соҳаҳо ба роҳбарияти кишвар имкон медиҳад, ки барои ҳамкориҳои мутақобилаи соҳибкорон ва ташкилотҳои қарзӣ дар соҳаи қарздиҳӣ ба тиҷорати хурд фазои мусоид фароҳам оваранд.

**Адабиёт**

1.Фаррух Раҳимбердӣ. Асосҳои соҳибкорӣ. Маводи таълимӣ. Душанбе:«Ирфон»,2009-112 саҳ.

2.Нақши "Равзанаи ягона" дар пешбурди соҳибкорӣ-Душабе, 2015.

3.Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Душанбе 22 декабри соли 2017.

4. Форуми байналмилалии соҳибкорӣ - 2018 таҳти унвони «Рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва равандҳои муосири иқтисодӣ».

15.10.2018,шаҳри Душанбе.

5.Сомонаҳои интернетӣ.

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ САВДОИ ХОРИҶӢ БАРОИ ТАТБИҚИ БОМУВАФФАҚИЯТИ СТРАТЕГИЯИ ИВАЗКУНИИ ВОРИДОТ

**Шарипов С.Б. -** доктор PhD, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. E-mail: S_sadriddin91@mail.ru. Тел: +992938883773

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои назариявии сиёсати савдои беруна дар ҷодаи амалигардонии стратегияи воридотивазкунӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Қайд карда мешавад, ки назария ва амалияи танзими давлатии савдои беруна муносибатҳои гуногунро дар доираи савдои озод ва амалигардонии сиёсати ҳифзкунандаи савдо бо унсурҳои протексионизм нишон медиҳад. Ҳалли танзимкунии нишондодҳои савдои беруна на танҳо хислати иқтисод, инчунин хислати сиёсиро бодарназардошти манфиатҳои мавҷудбуда ва пайдошавандаи агентҳои иқтисодӣ низ дорад. Муайян карда шудааст, ки сиёсати савдои озод танҳо дар ҳолате ба иқтисодиёт таъсири мусбат мерасонад, ки агар бозори дохили молҳои истеҳсоли ватанӣ бо молҳои хориҷӣ рақобатнок бошанд.

**Вожаҳои калидӣ:** сиёсати савдои беруна, ташкилоти умумиҷаҳонии савдо (ТУС), тавозуни амалиётҳои ҷорӣ, содирот, воридот, стратегияи воридотивазкунӣ, истеҳсолоти дохилӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ ВНЕШНЕТОРГОВОЙ ПОЛИТИКИ ДЛЯ УСПЕШНОЙ РЕАЛИЗАЦИИ СТРАТЕГИИ ИМПОРТОЗАМЕЩЕНИЯ

**Шарипов С.Б. -** доктор PhD, доцент, заведующий кафедрой мировой экономики Таджикского государственного финансово-экономического университета. E-mail: S_sadriddin91@mail.ru. Тел: +992938883773

В данной статье рассматриваются теоретические вопросы внешней торговой политики в области реализации стратегии импортозамещения. Отмечается, что теория и практика государственного регулирования внешней торговли указывают на многообразие подходов в рамках свободной торговли и реализации политики защиты торговли с элементами протекционизма. Решение по регулированию внешнеторговых показателей имеет не только экономический характер, но и политический характер с учетом существующих и возникающих интересов экономических агентов. Установлено, что политика свободной торговли оказывает положительное влияние на экономику только в том случае, если внутренний рынок товаров отечественного производства конкурирует с иностранными товарами.

**Ключевые слова:** внешнеторговая политика, Всемирная торговая организация (ВТО), баланс текущих операций, экспорт, импорт, стратегия импортозамещения, внутреннее производство.

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE FORMATION OF FOREIGN TRADE POLICY FOR THE SUCCESSFUL IMPLEMENTATION OF THE IMPORT SUBSTITUTION STRATEGY

**Sharipov S.B.** - PhD, Associate Professor, Head of the Department of World Economy, The Tajik State University of Finance and Economics. E-mail: S_sadriddin91@mail.ru Phone: +992938883773

This article discusses the theoretical issues of foreign trade policy in the implementation of the import substitution strategy. It is noted that the theory and practice of state regulation of foreign trade indicate a variety of approaches within the framework of free trade and the implementation of trade protection policies with elements of protectionism. The decision to regulate foreign trade indicators is not only economic in nature, but also political in nature, taking into account the existing and emerging interests of economic agents. It has been established that the policy of free trade has a positive impact on the economy only if the domestic market of domestically produced goods competes with foreign goods.

**Keywords:** foreign trade policy, World Trade Organization (WTO), current account balance, export, import, import substitution strategy, domestic production.

Ташаккулёбии сиёсати иқтисодӣ дар кишварҳои пасошӯравӣ, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ибтидоӣ бештар аз рӯи принсипи рӯйбардор намудани институтҳо амалӣ карда мешуд. Дар асоси чунин институтҳо принсипҳои савдои озод хобида буданд, ки барои табуддулоти иқтисодӣ аз низоми маъмурӣ-фармондеҳӣ ва бозорӣ мусоидат карданд.

Истифодабарии принсипҳои номбурда дар савдои беруна дар амал ҳамчун омили зарурӣ барои як қатор иқтисодиётҳо баромад мекунад, ки ба вазъияти бозор таъсири маҳдуд расонида, ҳамзамон зери таъсири ҷараёнҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт қарор дорад. Дар натиҷа дар кишварҳо пасошӯравӣ механизмҳои нисбатан устувори бозорӣ пойдор гардиданд, ки пеш аз ҳама аз тамоюл ва вазъияти бозори ҷаҳонӣ вобастагӣ доранд. Боиси таъкид аст, ки барои иқтисодиёти нисбатан калон масъалаи озодшавии савдои беруна бо баланшавии рақобатпазирии корхонаҳои миллӣ ва инкишофи истеҳсолоти худӣ вобастагӣ дорад. Дар чунин ҳолат интихоби сиёсати савдои беруна на танҳо манфиатҳои истеъмолкунандагон, инчунин манфиатҳои истеҳсолкунандагонро дар ҷодаи дастрасии бозори беруна, ҷалби техноология ва инвеститсияҳо ба инобат мегирад.

Назария ва амалияи танзими давлатии савдои беруна муносибатҳои гуногунро дар доираи савдои озод ва амалигардонии сиёсати ҳифзкунандаи савдо бо унсурҳои протексионизм нишон медиҳад. Ҳалли танзимкунии нишондодҳои савдои беруна на танҳо хислати иқтисод, инчунин хислати сиёсиро бодарназардошти манфиатҳои мавҷудбуда ва пайдошавандаи агентҳои иқтисодӣ низ дорад.

Танқиди сиёсати савдои берунаи давлат ибтидои худро аз асари А. Смит "Тадқиқот оиди табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо" (соли 1976) [11] мегирад. Интихоби сиёсати савдои беруна мавриди баҳси на танҳо иқтисодчиён, инчунин сиёсатмадорон, файласуфон ва сотсиологон мегардад, зеро чунин сиёсат қисми таркибии сиёсати умумидавлатӣ баромад карда, дастрасгардии мақсадҳои зарурира дар назар дорад. Дар ин ҷода беҳтаргардонии вазъи некуаҳволии шаҳрвандон дар мадди аввал қарор дода мешавад. Баҳсҳои зиёд оид ба сиёсати савдои беруна асосан ду ҷиҳатро фарогир мебошад: 1) асосноккунии афзалият ва хароҷот аз сиёсати савдои озод; 2) зарурати муайян намудани самтҳои сиёсати савдои беруна аз тарафи давлат бо дарназардошти меъёрҳо ва қоидаҳои байналмилалӣ.

Дар “Стратегияи Иттиҳоди Аврупо 2020”, ки аз тарафи комиссияи Арупо дар соҳаи сиёсати беруна таҳия гардидааст, чунин омадааст: “Оид ба мусоидат намудани савдои озод ба тараққиёт, баландшавии сатҳи зиндагонӣ ва афзоиши мутасили даромадҳои аслӣ бисёр мисолҳо овардан мумкин аст. Лекин таҳлилҳо собит менамоянд, ки савдои озод ба пайдоиши ғолибон ва мағлубшудагон низ оварда мерасонад. Савдои озод на танҳо тараққиётро таъмин мекунад, инчунин ин ҷараён метавонад ба пайдоиши нобаробарӣ оварда расонад. Ба замми ин савдои озод ба соҳаи коркард дар ҳолати дучор шудан ба ҳодисаҳои демпингӣ ва тағйироти қурби асъор таъсири манфӣ расониданаш мумкин аст. Дар ин ҷода қайд намудан ба маврид аст, ки низоми савдо барои амалияи савдои ноадолатона воситаҳои ҳимояро пешбинӣ менамояд. Новобаста ба ин дар ҳолати пойдор гардидани нархгузории нодуруст, низомҳои иқтисодӣ дар асоси нархҳои бозорӣ амал намекунанд, муайян намудани ҳудудҳои маблағгузории давлатӣ ва демпинг мушкил мегардад [8].

Озодшавии савдои беруна дар нимаи дуюми асри XX фаъолона амалӣ карда шуда, қисми таркибии ҷаҳонишавӣ гардид. Дар ин марҳила савдои озод барои офаридани арзишҳои иловагӣ ва ҷоришавии тарафайнии сармоя мусоидат намуд, ки кишварҳоро бо ҳам алоқаманд ва вобаста гардонид. Ин ҷараён дар ҳолати азоишёбии ширкатҳои фаромиллӣ ба миён омада, сиклҳои истеҳсолиро дар тамоми гӯшаи ҷаҳон мутаҳид намуд [9].

Ҷоиз ба гуфтанист, ки афзоиши савдои байналмилалӣ ба зарурати ҳамгироии зич бо бозорҳои нав барои васеъшавии фаъолияти иқтисодӣ мусоидат менамояд, ки дар натиҷаи он ҳамкориҳои иқтисодӣ васеъ ба роҳ монда мешаванд. Бо баробари зарурат ва омодагии субъектони хоҷагидорӣ вусъатёбии ҳамгироӣ то марҳилаи иттиҳоди гумрукӣ, бозори ягона ва ё иттиҳоди иқтисодии комил бо фазои ягонаи макроиқтисодӣ ва асъори умумӣ ба назар расиданаш мумкин аст.

Назария ва амалияи савдои берунаи озод дар доираи вусъатёбии ҳамгироии иқтисодӣ як қатор унсурҳои фарқкунандаро дорад, аз он ҷумла омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ғайраҳо. Чунин фарқият пеш аз ҳама аз фарқгузории низомҳои иқтисодӣ ба миён меояд. Мавҷудияти чунин омилҳо барои таъсисдиҳии монеъаҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ мусоидат менамояд, ки ба савдои озод маҳдудият эҷод менамоянд. Мавҷудияти савдои берунаи озод ба дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ диққати махсус зоҳир менамояд, зеро дар шароити васеъ паҳн гаштани озодии савдои беруна ҳодисаҳои рақобати ноадолатона ба назар мерасад. Бинобар ҳамин ҳамгироии кишварҳо ба низоми алоқаҳои хоҷагиҳои ҷаҳонӣ бо дарназардошти бартараф намудани монеъаҳо, ишғол намудани мавқеъи мувофиқ дар бозори ҷаҳонӣ ва дастгирии истеҳсолкунандагони ватантӣ аз таъсироти рақобати ноадолатонаи беруна амалӣ гаштанаш зарур ва ҳатмӣ ба ҳисоб меравад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилии чунин ҳамгироиро дар маълумоти шомилшавии кишвар ба ТУС (ташкилоти умумиҷаҳонии савдо) баҳо додан мумкин аст (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. - Мӯҳлат ва нишондодҳои ӯҳдадориҳои низомии ҳамроҳшавии як қатор кишварҳои хориҷӣ ба ТУС баъд аз соли 1995**

| Мамлакат | Соли ҳамроҳшавӣ | Давомнокии ҳамроҳшавӣ | Ҳаҷми маъруза (саҳифа) | Шумораи ӯҳдадориҳо дар маърӯза |
|---|---|---|---|---|
| Қирғизистон | 1998 | камтар аз 3 сол | 62 | 29 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Гурҷистон | 2000 | 4 сол | 57 | 29 |
| Молдавия | 2001 | 7,5 сол | 83 | 28 |
| Хитой | 2001 | 15,5 сол | 183 | 82 |
| Арманистон | 2003 | зиёда аз 8 сол | 80 | 39 |
| Арабистони Саудӣ | 2005 | 12 сол | 135 | 59 |
| Ветнам | 2007 | 12,5 сол | 198 | 70 |
| Украина | 2008 | 14,5 сол | 237 | 64 |
| Россия | 2012 | зиёда аз 19 сол | 771 | 164 |
| Тоҷикистон | 2013 | тақрибан 12 сол | 135 | 40 |
| Казоқистон | 2015 | тақрибан 20 сол | 447 | 118 |
| Афғонистон | 2016 | 12,5 сол | 138 | 37 |

**Сарчашма:** Багдасарян К. М. Пахомов А.А. Проблемы участия государств ЕАЭС в деятельности ВТО // Экономическое развитие России. – 2016.– Т. 23, № 11. – С. 31-37.

Аз ҷадвали мазкур мушоҳида кардан мумкин аст, ки ба ғайр аз кишварҳои Қирғизистон ва Гурҷистон, дар дигар кишварҳо ҷараёни ҳамроҳшавӣ ба ТУС зиёда аз 7 солро дар бар гирифтааст. Яъне барои ҳамроҳшавии ин кишварҳо ба ТУС муддати тӯлонӣ барои омодагӣ сарф шудааст.

Савдои байналмилалӣ яке аз фишангҳои зарурии тақсимоти некуаҳволӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад, зеро он ҷараёни ҳаракати молҳо, хизматҳо ва технологияҳоро муайян менамояд, ки аз онҳо афзоиши некуаҳволии миллӣ вобастагӣ дорад. Вобаста ба ин ҳар як мамлакат кӯшиш мекунад, ки мавқеъи худро дар бозорҳои ҷаҳонӣ барои мубодилаи самараноки молҳо ва хизматҳо мустаҳкам намуда, ба технологияҳои муосир дастрасӣ пайдо намояд. Дар ин самт фурӯши маҳсулоти истеҳсолкунандагони дохилӣ бо шароитҳои беҳтарин дар савдои беруна ба афзалиятҳои танзими давлатии савдои беруна шомил мешаванд [4; 5]. Бо баробари ин ҳама иштирокчиёни савдои байналмилалӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва бехатарии миллӣ, бахшҳои осебпазири иқтисодиёти худро ба воситаи ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо ҳифз менамоянд.

Мақсади асосии савдои беруна ин тараққиёти мутасил ва мусбати иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки ба воситаи ба роҳ мондани алоқаҳои савдоӣ-иқтисодӣ бо дигар кишварҳо таъмин карда мешавад. Бо баробари ин савдои озод худ ба худ ба таъмини суръати баланди рушди иқтисодӣ мусоидат наменамояд. Аксар кишварҳои пасошӯравӣ дар натиҷаи гузариш аз низоми хоҷагидории маъмурӣ-фармондеҳӣ ба низоми иқтисоди бозорӣ, имконияти савдои озодро аз рӯи қоидаҳои умумии ТУС пайдо карданд, вале самараи мусбати иқтисодиро дар афзоиши некуаҳволии аҳолиро инчунин рушди иқтисодии самранокро ба пуррагӣ дастрас карда натавонистанд. Зеро шароитҳои гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ бо бӯҳрони трансформатсионӣ ҳамрадиф буд ва рақобатпазирии молҳои дар дохили кишвар истеҳсол мешуда дар бозори беруна дар сатҳи паст қарор дошт. Дар натиҷа тавозуни савдои беруна доимо бо нишондоди манфӣ арзёбӣ мегардад. Новобаста ба ин дар кишварҳои пасошӯравӣ сиёсати савдои озод барои зиёд намудани ҳамкорони байналмилалӣ ва то андозае ба таъмини рушди иқтисодӣ мусоидат намуд.

Ҳамин тавр дар шароити муосири тараққиёти иқтисодӣ сиёсати савдои беруна бо дарназардошти вазъияти кишварҳо амалӣ карда шавад. Дар шароити барзиёдии воридот нисбат ба содирот ва вобастагии воридотӣ афзалият ба сиёсати ҳимоякунандаи савдои беруна зоҳир карда мешавад, ки барои инкишофи соҳаҳои муайяни иқтисодиёти миллӣ

мусоидат менамоянд ва қобилияти иҷро намудани нақши калидиро дар тадбиқи стратегияи воридотивазкунанда доранд. Дар амал тадбиқ намудани чунин сиёсат, иқтисодиёти миллӣ бо хароҷоти муайян дучор мешаванд, ки бо коҳишёбии рақобатпазирии корхонаҳои миллӣ алоқаманд мебошад. Лекин дар дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмуддат чунин хароҷот аз ҳисоби инкишофи истеҳсолоти дохилӣ рӯйпӯш карда шуда, барои иштироки самараноки мамлакат дар тақсимоти байналхалқии меҳнат мусоидат менамояд.

**Адабиёт**


1. Багдасарян К. М. Пахомов А.А. Проблемы участия государств ЕАЭС в деятельности ВТО // Экономическое развитие России. – 2016.– Т. 23, № 11. – С. 31-37.

2. Джон Итуэлл Импортозамещающий и экспортоориентированный экономический рост. // Экономическая теория. Под ред. Дж. Итуелла, М. Милгейта, П. Ньюмена. – М. Инфра-М, 2004. – XII, 931с. – (New Palgrave). С. 431.

3. Исаченко Т.М. Торговая политика Европейского союза. М.: Издательский дои ГУВШЭ, 2010. 684с.

4. Кадочников, П. А. Открытость российской экономики как источник экономического роста / П. А. Кадочников, А. Ю. Кнобель, С. Г. Синельников-Мурылев // Вопросы экономики. – 2016. – № 12. – С. 26-42.53,

5. Кадочников, П. А. Протекционизм и либерализация внешней торговли в России и ведущих странах мира / П. А. Кадочников // Российский внешнеэкономический вестник. – 2015. – № 3. – С. 3-13.

6. Саидмуродов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана. Душанбе: Изд-во «Ирфон», 2005. 386 с.

7. Antras, P. Multinational firms and the structure of international trade / P.Antràs, S. R. Yeaple // Handbook of international economics. – 2014. – Vol. 4. – P. 55-130.

8. De Loecker, J. Firm performance in a global market / J. De Loecker, P. K. Goldberg // Annual Review of Economics. – 2014. – Vol. 6, № 1. – P. 201-227.

9. Global Value Chains and Development. Investment and value added trade in the global economy [Захираи электронӣ] // United Nations Publication. – 2013. – Реҷаи дастрасӣ: https://unctad.org/en/PublicationsLibrary/diae2013d1_en.pdf.

10. Harrison, A. Recent perspectives on trade and inequality / A. Harrison, J. McLaren, M. McMillan // Annual Review of Economics. – 2011. – Vol. 3, № 1. – P. 261-289.

11. Irwin, D. A. Does Trade Reform Promote Economic Growth? A Review of Recent Evidence [Захираи электронӣ] / D. A. Irwin // NBER Working Paper:. – 2019. – Реҷаи дастрасӣ: https://www.nber.org/papers/w25927.pdf.

12. Сулаймонзода, Ш. Ф. Фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ҳамчун воситаи асосии татбиқи стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН / Ш. Ф. Сулаймонзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – No. 4(24). – P. 129-137. – EDN CZAWOI.


## ҲОЛАТИ МУОСИРИ ИСТИФОДАБАРИИ ИҚТИДОРИ СОДИРОТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Давлатшоева З.М.** - дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимова64/14. тел. 93-404-43-32


Дар мақолаи мазкур ҳолати истифодабарии иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таъсири он ба рушди муносибатҳои иктисодии кишвар ва

ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ дида баромада шудааст. Диққати асосӣ ба истифодабарии самараноки имкониятҳои содиротӣ бо назардошти бартариятҳои кишвар ва гуногунсозии (диверсификатсияи) сохтори иқтисодиёт, кластерикунонии раванди истеҳсолот равона карда шудааст.

Дар мақола таъкид мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои табиӣ барои ташаккул ва рушди саноати коркарди ба содирот нигаронидашуда мебошад. Дар сурати дуруст истифода бурдани имкониятҳои мавҷуда дар заминаи гуногунсозии иқтисодиёт кишвари мо метавонад,ки ба кишвари содиркунандаи маҳсулоти тайёри саноати табдил ёбад.

**Калидвожаҳо:** ҳамгироии иқтисодӣ, иқтисодиёти ҷаҳон, иқтидори содиротӣ, содиро, рақобатпазирӣ, тақсимоти байналмилалии меҳнат, воридотивазкунанда, воридот, кластер, гуногунсозӣ (диверсификатсия).

## СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЭКСПОРТНОГО ПОТЕНЦИАЛА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Давлатшоева З.М -** доцент кафедры мировой экономики Государственный университет финансов и экономики Таджикистана. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14. тел. 93-404-43-32

1. **Тамаддунҳои қадим.** Дар давлатҳои ибтидоӣ, яъне Мисри Қадим ва Империяи Рим, танҳо якчанд ҷузъҳои муносибатҳои байнибуҷетӣ вуҷуд дошт, асосан дар шакли ситонидани андозҳо аз ҷониби ҳукумати марказӣ ва аз нав тақсим кардани онҳо дар байни музофотҳои гуногун. Ҳадафи асосӣ - таъмини назорати мутамарказ ва маблағгузории лоиҳаҳои давлатӣ, аз қабили сохтмони роҳҳо, низоми ирригатсионӣ ва эҳтиёҷоти низомӣ буд.

2. **Асрҳои миёна.** Дар он вақт муносибатҳои молиявии байни марказ ва минтақаҳо аксар вақт бо ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои феодалӣ маҳдуд мешуданд. Шоҳзодаҳо ва лордҳои маҳаллӣ дар маҳалҳои худ андоз ҷамъ намуда, як қисми ин даромадҳоро ба ихтиёри ҳукумати марказӣ пардохт мекарданд. Дар баробари ин, қисми зиёди захираҳо дар минтақаҳо боқӣ монда, сабаби афзудани номутаносибии зиёди молиявию маъмурӣ байни минтақаҳо ва зиддиятҳои байни онҳо гардида, боиси зиёдшавии хатарҳо ва низоъҳо байни онҳо мегардид.

3. **Давраи монархияҳои мутлақ (асрҳои XVII—XVIII).** Дар давраи рушди ҳукумати монархии мутлақ тамоюли афзоиши мутамарказии ҳокимият ва ҷорӣ намудани назорати шадид аз болои ҷамъоварӣ ва тақсими андозҳо мушоҳида мешуд. Маъмуриятҳои шоҳӣ барои таҳкими қудрати марказӣ ба молияи минтақавӣ дахолати ҳаматарафа мекарданд. Ин давра бо кӯшишҳои ташкили аввалин низомҳои ягонаи андозбандӣ ва назорати буҷетӣ фарқ мекунад.

4. **Асри XIX — марҳилаи азнавсозиҳо.** Дар қарни XIX зимни шаклгирии давлатҳои миллӣ ҷараёни инкишофёбии низомҳои мухталифи муносибатҳои байнибуҷетӣ, инчунин дар Олмон, ИМА, Италия, Фаронса ва Британияи Кабир оғоз ёфт. Ҳар кадоме аз онҳо дар идоракунии мақомоти марказӣ ва минтақавӣ аз моделҳои гуногуни муносибатҳои байнибуҷетӣ, ҷамъоварӣ ва истифодаи захираҳои молиявӣ ва танзими ҷараёни молиявиро истифода мекарданд. Аввалин шаклҳои буҷетҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ, махсусан дар кишварҳои дорои сохтори федералӣ, аз қабили ИМА ва Олмон ташаккул ёфта, муносибатҳои байнибуҷетӣ дар заминаи консепсияи иштироки бештари давлат дар идоракунии иқтисоди миллӣ вусъат пайдо карданд.

5. **Асри XX то миёнаи асри XXI - бунёди низомҳои муосири муносибатҳои байнибуҷетӣ.** Ин давра бо ташаккули давлатҳои федеративӣ ва унитарӣ дар асри XX, махсусан пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон асос ёфтааст. Дар аксари кишварҳои ҷаҳон, хусусан дар мамолики дорои сохти федералӣ, таҳияи низомҳои гуногуни муносибатҳои байнибуҷетӣ шуруъ гардид, ки ба тақсимоти захираҳо, инчунин, захираҳои молиявӣ, барои баробар кардани рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо нигаронида шуда буд. Яъне, дар асри XXI тамоюли ғайримарказикунонӣ ва пурзӯр намудани нақши мақомоти минтақавӣ ва маҳаллӣ мушоҳида мегардад. Ин боиси ташаккули моделҳои мураккабтару фасеҳтари равобити байнибуҷавӣ бо дарназардошти хусусиятҳо ва талаботи маҳаллӣ гардид. Ин зарурати ҳамоҳангсозии сатҳҳои ҳокимият барои таъмини рушди устувор ва баробарии иҷтимоӣ афзоиш талаб кард.

6. **Аввали асри XXI то ҳоло.** Давраи ҷаҳонишавӣ ва регионализм, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва чолишҳои марбут ба тағйирот дар иқтисод ва соҳаи иҷтимоӣ, тамоюли ғайримарказикунонӣ ва пурзӯр кардани нақши мақомоти минтақавӣ ва маҳаллӣ мушоҳида мешавад. Ин боиси зарурати ташаккули моделҳои муосири муносибатҳои байнибуҷетӣ бо дарназардошти пайдо гаштани мушкилот ва тағйироти зиёд дар иқтисодиёт ва соҳаҳои иҷтимоӣ гардид.

Гуфтан ҷоиз аст, ки равобити байнибуҷетӣ дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар минтақаи ҳозираи Тоҷикистон вуҷуд доштанд, лекин хусусиятҳои худро доштанд, ки аз консепсияҳо ва фишангҳои низомҳои Шарқ фарқ мекарданд. Чунин равобит дар марҳилаи сохти феодалӣ ва мустақилияти нимаи маъмурӣ доштани минтақа то шомилшавӣ ба империяи Русия ба мушоҳида мерасид.

Инчунин, ҳудуди Тоҷикистони муосир дар ҳайати давлатҳои гуногун, аз қабили аморати Бухоро ва хонигарии Қӯқанд буд. Ин давлатҳо сохти феодалӣ дошта, дар онҳо муносибатҳои байнибуҷетӣ ба маънои том вуҷуд надоштанд. Масалан, сарчашмаи асосии даромад андозҳо ва пардохтҳое буданд, ки аз ҷониби феодалҳо ва маъмурияти маҳаллӣ ситонида мешуданд. Дар чунин давлатҳо ҷараёни молиявӣ дар дасти ҳокимон ва ашрофони маҳаллӣ ҷамъ карда мешуданд. Ин захираҳо барои нигоҳдории артиш, бунёди қасрҳо, масҷидҳо, низоми обёрикунӣ ва инчунин, барои ғанӣ гардонидани боигарии шахсии ҳокимон истифода мешуданд.

Ҳокимияти марказӣ (хонҳо, амирон) аз минтақаҳои зери назорат андоз ситонида, як қисми салоҳияти ҷамъоварии даромадро ба ҳокимони маҳаллӣ вогузор мекарданд. Дар навбати худ, мақомоти марказӣ хостори вафо ва ҳимоят аз реҷаҳои минтақавӣ буданд. Аммо назорати марказӣ аз болои минтақаҳо суст буд, ки боиси зуд-зуд пайдо гаштани низоъҳо ва шӯришҳо мешуд ва боиси хатари аз даст додани истиқлолияти давлатиро дошт. Дар миёнаҳои асри XIX сарзаминҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла, қисмати шимолии Тоҷикистони ҳозира ба империяи Русия ҳамроҳ карда шуда, боиси тағйироти низоми маъмурият ва андозбандӣ гардид. Давлати Русия ба ҷорӣ намудани унсурҳои идоракунии мутамарказ, аз ҷумла, ҷорӣ намудани андозу хироҷҳои доимӣ шуруъ карда, бисёре аз фишангҳои анъанавии маҳаллиро дар ҷараёни ҷамъоварии андоз, махсусан дар минтақаҳои дурдаст ва дастнорас нигоҳ дошт. Ҳукумати марказии Русия аз ҳудуди забтшудаи сарзаминҳои Осиёи Миёна андоз ситонида, дар баробари ин, ҳокимони маҳаллӣ заминҳои худро қариб мустақилона идора менамуданд, ки он ба ҷорӣ намудани низоми ягонаи буҷетӣ монеъ мешуд. Яъне, муносибатҳои байнибуҷетии марказ ва минтақаҳо суст инкишоф ёфта буданд, аз ин хотир, механизмҳои тамаркузнамоии буҷет дар ин минтақа он қадар васеъ ба кор бурда намешуд.

Равобити байнибуҷетӣ дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон бо ташаккули давлати Иттифоқи Шуравӣ куллан тағйир ёфта, хусусиятҳои худро дошт, ки ба ташаккул ва инкишоф ёфтани низоми аз ҳад зиёди мутамаркази равобити байнибуҷетӣ асос меёфт, ки бисёр камбудиҳоро бо дарназардошти маҳдуд ва коста кардани салоҳияти ҳукуматҳои минтақавӣ ва маҳаллиро дошт.

Ба андешаи мо, ташаккул ва рушди намудҳои гуногуни шакли давлатдорӣ барои ба вуҷуд омадани асосҳои назариявии муносибатҳои байнибуҷетӣ, равияҳо ва консепсияҳои гуногуни онҳо, танзими ваколатҳои буҷетӣ бо истифода аз фишангҳои гуногун ва манбаъҳои таъмини онҳо, ба самаранок шудани муносибатҳои тақсим ва азнавтақсимкунӣ ва ғайра замина гузошт.

Иловатан, гуфтан ҷоиз аст, ки дар замони муосир таҳқиқот дар доираи рушди муносибатҳои байнибуҷетӣ сифатан раванди навро, ки дар доираи истифодаи фишангу усулҳои муосири иловагӣ, яъне истифодаи усулҳои барномавии таъмини рушди устувори ҳамаи минтақаҳои дохили ҷумҳуривӣ ва аз байн бурдани тафовутҳои ҷойдошта дар гуногунии сатҳи рушди онҳо роҳандозӣ мегардад. Ин усул дар сатҳи глобалӣ аз тарафи Созмони Милати Муттаҳид (СММ) низ роҳандозӣ гардида, ҳамчун нишондиҳандаҳое, ки

бояд аз тарафи ҳар як давлат роҳандозӣ ва таъмин гардад, дар Барномаи Рушди Ҳазорсола акс ёфта, иловатан аз ҳисоби фондҳои глобалӣ, сарчашмаҳои буҷетии сармоягузорӣ, истифодаи фондҳои ғайрибуҷетӣ ва ҷалби воситаҳои молиявии бозорҳои молиявӣ, шахсони алоҳида дар доираи ҳар як давлат низ роҳандозӣ карда мешавад.

Маҷмуи усулҳо, фишангҳо ва воситаҳое, ки дар боло қайд шудаанд, дар замони муосир истифода мегарданд ва дар ҷараёни дигаргун шудани вазъи беруна ва дохилӣ, зери омилҳо ва тазодҳои гуногуни инкишоф ва такмили худро талаб мекунанд, то ин ки боиси таъсиси низоми самаранок ва одилонаи муносибатҳои байнибуҷетӣ бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва талаботи одамон ба истифодаи маҷмуи хизматрасониҳои барои таъмини шароити мусоид барои ҳаётгузаронӣ ва рушди сармояи инсонӣ равона гардад.

Қайд намудан лозим аст, ки ҳар як давлат дар Конститутсияи худ, ҳамчун қонуни асосӣ, таъмини аҳолиро ба талаботи зарурӣ ва ҳуқуқӣ кафолат медиҳад ва онҳо дар раванди ҳамкории байни давлатӣ низ вобаста ба талаботи муосири глобалӣ ва миллӣ бояд сармашқи кори мақомотҳои давлатӣ, инчунин, дар сатҳи марказӣ ва маҳаллӣ роҳандозӣ гардад. Таъмини суръати баланд ва устувори рушди иқтисоди миллӣ бе татбиқи стратегияи муосири рушди мутавозуни минтақаҳо ғайриимкон аст, зеро сатҳҳои гуногуни рушди иқтисодии минтақаҳои кишвар боиси ноустувории иқтисодӣ бинобар афзоиши нобаробарии байниминтақавӣ сабаб мегардад. Инчунин, афзоиши хатарҳо ва таҳдидҳо ба амнияти иқтисоди миллӣ, табдили онҳо ба талафоти назаррас дар низоми иҷтимоию иқтисодии кишвар ҷой дорад.

Маълум аст, ки минтақаҳо унсури асосии низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ маҳсуб ёфта, дар ҳудуди он равандҳои асосии зиндагии аҳолӣ ва истеҳсолот ба амал меоянд. Ҳолат ва сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо ҳамчун объекти асосӣ ва мустақили муносибатҳои иқтисодӣ дар маҷмуи ягонаи идоракунии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад. Дар давоми солҳои истиқлолияти миллӣ иқтисодиёти кишвар рушди нисбатан муътадили иқтисодиро доро мебошад. Лекин мавҷудияти фарқияти назаррас дар сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо мушоҳида мегардад, ки ин аз имконот ва захираҳои бузурги истифоданашудаи рушди босуръати иқтисоди миллӣ шаҳодат медиҳад.

Асоси фаъолияти босамар ва устувори иқтисоди миллӣ ташаккули модели нави рушди минтақаро тақозо мекунад, ки имкон медиҳад пуррагии иқтидори мавҷуда ва манфиатҳои онҳоро таъмин кунад. Агар дар марҳилаи аввал, коҳиш додани нобаробарӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишвар зарур бошад, аммо дар марҳилаи муосир масъалаҳои истифодаи оптималии ҳама фурсатҳои дар мамлакат ва манотиқ дар умум вуҷуддошта, ки аз амалнамоиҳои мақомҳои ҳокимияти марказӣ ва маҳаллот дар доираи таҳкиму таҳияи модели ба равнақи мутавозину пойдори иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар ва манотиқ ниёз дорад, бояд нуқтаи калидӣ дониста шуда, дар madди аввал гузошта шавад. Ҳоло чунин модел ҳанӯз ташаккул наёфтааст, ки дар натиҷаи он механизмҳои муосир, шаклҳо ва усулҳои татбиқи сиёсати минтақавии давлатӣ заиф мебошанд ва ба шароити муосир пурра ҷавобгӯ намебошанд. Инчунин, ҳоло дараҷаи назарраси тафриқаи рушди минтақавӣ ҷой дорад ва он тамоюли манфии афзоиш дорад. Ин хилофи принсипҳои асосии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба шаҳрвандони кишвар дастрасии баробар ба молу хизматрасониро, новобаста аз ҷои зисташон, кафолат медиҳад. Дар шароити муосир, истифодаи усулҳои нави инноватсионии механизми байнибуҷетиро барои таъмини рушди баробари минтақаҳои кишвар аз ҷиҳати сатҳ ва сифати зиндагӣ, бо

мақсади равона кардани рушди онҳо ҳамчун саҳм ба ноил шудан ба амалкарди босуботи иқтисоди миллӣ таъмини рақобатпазирӣ дар сатҳи байналмилалӣ тақозо мекунад. Дар робита ба илми муосир, давлат ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ бояд таҳия ва ҷорӣ намудани усулҳо ва воситаҳои нави қабули қарорҳои самаранок ва муосири идоракуниро, ки ба паст кардани тафовутҳо дар рушди ҳудудӣ, амудӣ ва ба ин васила гузаштан ба рушди устувори иқтисоди миллиро доранд, зарурати объективӣ шуморад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ боиси гуногунии сатҳи рушди минтақаҳо мегардад. Масалан, шароити табиию иқлимӣ фарқияти ибтидоии объективии гуногунии сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳоро ифода мекунад. Инчунин, омилҳои табиии зерин, ба монанди шароити гуногуни иқлим, ҳарорат, боришот, релефи минтақа (кӯҳҳо ва даштҳо), мавҷудияти захираҳои об ва дигар канданиҳои фоиданок, ҳосилнокии замин ва сифати он, ҳодисаҳои табиат - чун обхезӣ, захираҳои биологӣ ва экосистемаҳо дар минтақаҳои гуногуни як давлат боиси ҷой доштани фарқиятҳо дар сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо мегардад.

Аз ин лиҳоз, онҳо бояд таҳлил гарданд ва бо истифода аз маҷмуи усулҳо, фишангҳо ва воситаҳое, ки дар давоми таҳаввулоти муносибатҳои байнибуҷетӣ ташаккул ёфтаанд, то ҳадди имкон бартараф гардида, барои муваффақ шудан ба тараққиёти мутавозин ва баробарии иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои дохили мамлакат ва дар умум, таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум хизмат ва мусоидат кунанд.

**Адабиёт**


1. Кадыров Д.Б., Шодиева Т.Г. Региональная экономика и управление// Д.Б. Кадыров, Т.Г. Шодиева // Учебник. – Душанбе: «Деваштич», 2002. – 260 с.
2. Каримова М.Т. Региональная политика: проблемы и перспективы в Таджикистане. / М.Т. Каримова. – Душанбе. Ирфон, 2014. – 204с
3. Саидмуродов Л.Х. Стратегия развития регионов страны на современном этапе. Материалы научно-практической конференции 22 июня 2018 года. Финансы социального сектора и его влияние на устойчивое развитие регионов Республики Таджикистан. – Душанбе. – 2018. с. 7-11.
4. Ҳасанов А.Р., Содиқов Р.Ҳ. Буҷети давлатӣ. Китоби дарсӣ/ А.Р., Ҳасанов. Р.Ҳ., Содиқов – Душанбе: «ЭР-граф», 2018.– С .3-4.


## САМТҲОИ ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАШКИЛОТҲОИ ИҚТИСОДИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ


**Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик** – муаллими калони кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 985-09-82-89. E-mail: Hakimov_M_A@mail.ru



Дар мақолаи мазкур самтҳои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои иқтисодии байналмилал ва аҳаммияти онҳо дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки пас аз соҳибистиқлолӣ нақши чунин ташкилотҳо дар иқтисоди миллӣ афзуда, дар гузаронидани ислоҳоти самтҳои мухталиф, инчунин ҳалли мушкилоти дар сатҳи макроиқтисод вуҷуддошта муассир мебошад. Зикр шудааст, ки имрӯзҳо унин ташкилотҳо на танҳо дар самти муносибатҳои молиявӣ, ҳамчунин дар самти рушди иқтисоди сабз низ фаъолият менамоянд.



**Калидвожаҳо:** ташкилотҳои байналмилалӣ, рушди иқтисодӣ, иқтисоди сабз, сармоягузорӣ, кумакҳо.

## НАПРАВЛЕНИЯ СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С МЕЖДУНАРОДНЫМИ ЭКОНОМИЧЕСКИМИ ОРГАНИЗАЦИЯМИ

**Хакимзода Матлабшох Абдумалик** – старший преподаватель кафедры международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова, 64/14. Тел.:985-09-82-89, E-mail: Hakimov_M_A@mail.ru

В статье рассматриваются направления сотрудничества Республики Таджикистан с международными экономическими организациями и их значение в экономическом и социальном развитии страны. Отмечено, что после обретения независимости роль подобных организаций в национальной экономике возросла, они эффективны в проведении реформ в различных сферах, а также в решении проблем на макроэкономическом уровне. Отмечено, что сегодня данные организации действуют не только в сфере финансовых отношений, но и в сфере развития зеленой экономики.

**Ключевые слова:** международные организации, экономическое развитие, зеленая экономика, инвестиции, помощь.

## DIRECTIONS OF COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH INTERNATIONAL ECONOMIC ORGANIZATIONS

**Khakimzoda Matlabshokh Abdumalik** - Senior Lecturer, Department of International Financial and Credit Relations, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. Tel.: 985-09-82-89, E-mail: Hakimov_M_A@mail.ru

The article examines the areas of cooperation between the Republic of Tajikistan and international economic organizations and their importance in the economic and social development of the country. It is noted that after independence, the role of such organizations in the national economy has increased, they are effective in carrying out reforms in various areas, as well as in solving problems at the macroeconomic level. It is noted that today these organizations operate not only in the field of financial relations, but also in the field of green economy development.

**Keywords:** international organizations, economic development, green economy, investments, assistance.

Вазъи номусоиди иқтисодиёти ҷаҳонӣ чолишҳои нав ба навро барои хоҷагиҳои миллӣ бавуҷуд меорад. Дар заминаи чолишҳои бавуҷудомада кишварҳои алоҳида имконияти ҳалли мушкилоти мавҷударо бе дастгирӣ ва кумаки ташкилотҳои иқтисодии байналмилалӣ, ки фаъолияти онҳо аслан ба таъмини рушди босуботи низоми иқтисоди ҷаҳонӣ, таҳияи усулҳои нави танзим ва ҳамгироии кишварҳои ҷаҳон, инчунин паст намудани сатҳи камбизоатӣ равона гардидаанд, надоранд.

Имрӯзҳо ташкилотҳои иқтисодии байналмилалӣ дар таъмини суботи иқтисодии ҷаҳон нақши муҳим дошта, ба муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ таъсири хосса расонида ба ин васила васеъшавии тамоюлҳои манфии рушди иқтисодиёти ҷаҳониро пешгирӣ менамоянд.

Равандҳои мураккаби иқтисодию сиёсие, ки имрӯзҳои ҷаҳон, хусусан кишварҳои ИДМ-ро дар пасманзари муноқишаҳои байни Россия ва Украина фаро гирифтаанд, сафарбар намудани захираҳои миллӣ ва ҳам ҷалби сармояи хориҷиро тақозо менамояд. Дар ин замина, зарурати тақвияти ҳамкориҳо бо ташкилотҳои иқтисодии байналмилалӣ ба вуҷуд меояд.

Нақши ташкилотҳои иқтисодии байналмилалӣ дар замони соҳибистиқлолии кишвар дар самтҳои мухталиф бараъло мушоҳида мешавад.

Тоҷикистон дар тақвият бахшидани ҳамкориҳо бо ин ташкилотҳо, ки бештар дар шакли маҷмӯии хизматрасонихои таҳлилию машваратӣ, лоиҳаҳои афзалиятҳои сармоягузорӣ бо мақсади амалисозии ислоҳоти асосӣ мебошад, манфиатдор аст.

Қобили зикр аст, ки ҷиҳати беҳтар шудан муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои байналмилалӣ зарур аст:

- Ҳамкориҳо дар асоси созишномаҳо, барномаҳо ва стратегияҳое ба роҳ монда шавад, ки ба татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат намоянд;
- Консепсияҳои ҳамкорӣ бояд мақсадҳои коҳиш додани захираҳои қарзӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории аҳамияти миллидоштаро фаро гирад;
- Натиҷаҳои ҳамкориҳои кишвар бо ташкилотҳои байналмилалӣ бояд ҳам ба мақомоти давлатӣ ва ҳам ҷамъиятӣ дастрас бошанд;
- Таҷрибаи ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ бо кишварҳои пешрафта, дар идоракунии низоми молиявии кишвар бодя истифода шавад;
- Ҳамкориҳо байни кишвар ва ташкилотҳои байналмилалӣ новобаста аз ҳар гуна вазъият бояд дар ҳолати мусоид нигоҳ дошта шавад;

Ҳамин тавр, мукаммалгардонии ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ бояд дар самти баланд бардоштани самаранокии он татбиқ шавад. Механизмҳои ҳамкорӣ бояд ба таври оддӣ «паст кардани маблағҳои пулии қарз гирифташуда» ва ҷиҳати ноил шудан ба натиҷаҳои мушаххас дар роҳи рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии давлат равона карда шаванд, зеро ҳамкориҳо бо ташкилотҳои иқтисодии байналмилалӣ ба татбиқи ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвар мусоидат мекунад[5].

Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои иқтисодии байналмилалӣ, хусусан ХБА, Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ, Бонки аврупоии таҷдид ва рушд ва ғайра, иштироки Тоҷикистонро дар муносибатҳои байналмилалии моливӣ таъмин намуда, нуфус ва мавқеи онро дар назди кишварҳои хориҷӣ баланд бардошта, имкон медиҳад таҷрибаи ҷаҳонӣ чиҳати беҳбуди низоми молиявии кишвар истифода шавад.

Дар асоси таҷрибаи байналмилалӣ муайян шудааст, ки принсипҳои зерин ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои иқтисодии байналмилалӣ мустаҳкам намуда, дар баланд бардории иқтидори иқтисодию иҷтимоӣ кумак менамоянд:

- Мутобиқ будани шаклу усулҳои кумак ба эҳтиёҷоти рушди ҳаматарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва васеъ намудани механизмҳои ҳамкорӣ бо ин ташкилотҳо;
- Сатҳи қарз бо мақсади пешгирии вобастагии қарзӣ ва таъсири манфии он ба амнияти иқтисодӣ, маҳдуд карда шавад;
- Ҷалби маблағҳои қарзӣ бояд ба шарти таъмини самарнокӣ ва истифодаи пурраи онҳо амалӣ карда шавад ва ғайра;

Муҳаққиқи ватанӣ Дилшод Шарифӣ, ки дар самти ташкилотҳои иқтисодии байналмилалӣ ва нақши онҳо дар иқтисодиёти кишвар татқиқот бурдааст, алгоритми оғози

муносибатҳои кишварро бо ташкилотҳои иқтисодии байналмилалӣ чунин нишон додааст (ҷадвали 1):

**Ҷадвали 1. - Мукаммадгардонии алгоритми оғози муносибатҳои кишвар бо ташкилотҳои иқтисодии байналмилалӣ.**

| | Марҳилаҳо | Қадамҳо |
|---|---|---|
| 1 | **Таҳлили бозор** | Аз назаргузаронидани имкониятҳои истифодабарии захираҳои беруна бо мақсади васеъ намудани иштирок дар майдони иқтисодиёти ҷаҳон, максимизатсияи манфиат |
| | | Муайян намудани талаботи бозингарони сиёсии беруна |
| | | Дурнамоикунонии талаботи ояндаи бозингарони беруна |
| | | Муайян намудаи имконоти иштироки кишвар дар бозиҳои манфиатдор |
| 2 | **Омодагӣ** | Муайян намудани стандартҳо, қоидаҳои сохтори ҷаҳонии муносибатҳои пешомада |
| | | Чобаҷогузории модулҳои амалкунандаи талаботи бештар дошта, дар чахорчубаи сохтори муайян |
| 3 | **Ташаккули рақобати миллии сохтор** | Бартараф намудани модулҳои фарсудашудаи амалкунанда |
| | | Трансформатсияи модулҳои амалкунанда ба иктисодиёти глобалӣ барои таъмини ҳамгироии алоқаҳои беруна |
| 4 | **Амалишавӣ** | Пайвастшавӣ ба сохтори алоқаҳои ҷаҳонӣ тавассути истифодаи шаклҳои оддии муносибатҳои иқтисодии беруна:бастани шартнома ва аутсорсинг |
| | | Пайвастшавӣ ба сохтори алоқаҳои ҷаҳонӣ тавассути истифодаи шаклҳои мураккаби муносибатҳои иқтисодии беруна: франчайзинг, иштирок дар баҳрабарии фоида, консорсиум |
| 5 | **Таҳлили натиҷаҳо** | Таҳлили натиҷаҳои бадастомада бо мақсадҳои аввала |
| | | Қабули қарорҳо оид ба идома додани ингуна ҳамкориҳо |
| | | Қабули қарорҳо оид ба иваз намудаи/боқи мондани стратегияҳо ва методҳои ҳамкорӣ дар сурати идомаи ҳамкориҳо |
| 6 | **Хотима ва мониторинг** | |

**Сарчашма**: коркарди муаллиф дар асосии маълумотҳои диссертатсияи Д.Шарифи., Нақши созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Ҳамкории минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои иқтисодии байналмилалӣ ба иқтисодиёти кишвар манфиатовар буда, аз баъзе хатарҳо низ барӣ нест. Ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ бояд кафолати ислоҳоти сохториро дар иқтисодиёт, суботи дохилӣ ва берунӣ, инчунин дастгирии қурби асъор, пӯшонидани касри буҷети кишварро фаро гирад.

Мавриди зикр аст, ки ташкилотҳои байналмилалӣ на танҳо дар самти муносибатҳои молиявӣ, инчунин дар самти рушди иқтисоди сабз таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Масалан БАТР дар татбиқи лоиҳаи «Шаҳри сабз», ки ба коҳиши таъсир ба муҳити зист мусоидат

мекунад фаъол мебошад. Лоиҳаи мазкур дар асоси пакети молиявии то 4,5% млн. доллари ИМА, ки аз қарзи БАТР, гранти сармоягузории Маркази кумаки технологӣ ва молиявӣ дар самти тағйирёбии иқлим, ки аз ҷониби Фонди глобалии экологӣ (ФГЭ) дастгирӣ мешавад, татбиқ меёбад[2].

Қайд кардан зарур аст, ки ташкилотҳои иқтисодии байналмилалӣ солҳои охир ба самти иқтисоди сабз ва ҳифзи муҳити зист таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд ва ин Ҳукумати кишварро водор месозад, стратегияю барномаҳои худро ҳамрадиф бо ин ташкилотҳо таҳия намояд.

**Адабиёт**

1. Дерен В.И. Мировая экономика и международные финансовые отношения. Учебник и практикум для бакалавриата и магистратуры. - М.: Юрайт. 2019. – 588 с.
2. ЕБРР выделит средства для закупки 100 электромобилей и 30 зарядных станций https://avesta.tj/2022/07/08/ebrr-vydelit-sredstva-dlya-zakupki-100-elektromobilej-i-30-zaryadnyh-stantsij/ (электроный ресур, дата обращения 23.03.2025).
3. Королева И.С. Мировая экономика: глобальные тенденции за 100 лет. М.: Экономистъ, 2020. – 604 с.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2016 [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/13739
5. Романова 3. Иностранные инвестиции: латиноамериканские уроки // Экономист. - 2004. - № 8.- С. 14-23.
6. Ҳакимов М.А. «Асосҳои назариявӣ ва институтсионалии рушди созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон». Конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ дар мавзӯи «Ташаккули механизми молиявӣ ва иқтисодии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» аз рӯи натиҷаҳои корҳои илмӣ –тадқиқотӣ бахшида ба “Солҳои рушди саноат” (2022- 2026) 24-29 апрели соли2023.
7. Якубова К.Г., Хакимов М.А., -Международные экономические организации (Учебное пособие). Душанбе -2024, 130 с.

# ТАШАККУЛИ ШАКЛҲОИ НАВИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Аъзамова Тахмина Туйчиевна** – ассистенти кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 988-48-31-38.

Дар мақолаи мазкур масоли хизматрасониҳои бонкӣ ва ташаккули шаклҳои муосири онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки рушди хизматрасониҳои муосири бонкӣ ҳамчун омили васеъшавии фаъолият ва рақобатпазирии бонкҳо дар шароити муосир ҳисоб меёбад. Зикр шудааст, ки пас аз сол 2020 –ум зиёда аз 50 ташкилотҳои қарзӣ дар кишвар усулҳои муосири хизматрасониҳо истифода менамоянд.

Вобаста ба вазъи муосир, татбиқ ва ҷорӣ намудани шаклҳои муосири хизматрасониҳои бонкӣ ҳам барои худи ташкилоти қарзӣ ва ҳам барои мизоҷ самаркнокии бештар дорад.

**Калидвожаҳо:** бонк, хизматрасонӣ, низоми бонкӣ, ташкилоти қарзӣ, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, корти бонкӣ.

## ФОРМИРОВАНИЕ НОВЫХ ФОРМ БАНКОВСКИХ УСЛУГ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Аъзамова Тахмина Туйчиевна** – ассистент кафедры международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова, 64/14. Тел.:988-48-31-38,

В данной статье рассматривается сфера банковских услуг и развитие их современных форм в Республике Таджикистан. Авторы, в своей статье предприняли попытку раскрыть развитие современных банковских услуг в отечественой экономике и рассмотрели банковские услуги как ведущий фактор расширения деятельности и повышения конкурентоспособности банков в современных условиях. Отмечено, что после 2020 года более 50 кредитных организаций страны будут использовать современные методы обслуживания банковской системе РТ.

В сложившейся ситуации внедрение и реализация современных форм банковского обслуживания является наиболее эффективным как для самой кредитной организации, так и для клиента.

**Ключевые слова:** банк, услуга, банковская система, кредитная организация, безналичные расчеты, банковская карта.

## FORMATION OF NEW FORMS OF BANKING SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Azamova Takhmina Tuychievna** – assistent Department of International Financial and Credit Relations, Tajik State University of Finance and Economics. Address 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. Tel.:988-48-31-38

This article discusses the issue of banking services and the development of their modern forms in the Republic of Tajikistan. It is noted that the development of modern banking services is considered as a factor in expanding the activities and increasing the competitiveness of banks in modern conditions. It is noted that after 2020, more than 50 credit institutions in the country will use modern service methods.

In the current situation, the introduction and implementation of modern forms of banking services is the most effective for both the credit institution itself and the client.

**Key words:** bank, service, banking system, credit institution, cashless payments, bank card.

Дар марҳилаи муосири рушд, бозори хизматрасониҳои бонкӣ яке аз унсурҳои муҳим ва таркибии иқтисоди бозории муосир ҳисоб меёбад. Имрӯзҳо таваҷҷӯҳ ба ҷанбаҳои гуногуни низоми бонкӣ ва усулҳои идоракунии он афзоиш ёфта, маҳсулоти нави бонкӣ ба як соҳаи анъанавии тиҷорати бонкӣ мубаддал гаштааст, ки ба афзоиши даромади бонкӣ, қонеъ гардонидани талаботҳои муштариёни гуногун дар рушди иқтисоди миллӣ нигаронида шудааст. Мавриди зикр аст, ки ташаккули шаклҳои нави хизматрасониҳои бонкӣ дар марҳилаи муосири рушд, ҳамчун омили пешравӣ ва васеъшавии фаъолияти бонкҳо ҳисоб ёфта, рақобатпазирии онҳоро дар низоми бонкӣ нисбат ба дигар ташкилотҳои қарзӣ нишон медиҳад.

Дар шароити муосир бозори хизматрасониҳои бонкӣ ба яке аз ҷузъҳои муҳими иқтисоди бозорӣ табдил ёфта айни замон онро ҳамчун омилии асосии рушди муваффақиятҳои бонкӣ низ гуфтан мумкин аст. Афзоиши доимии рақобат дар сатҳи низоми

бонкӣ ва иқтисодиёт боиси он мегардад, ки тавաҷҷуҳи бонкҳо ба масъалаҳои омӯзиши бозори хизматрасониҳои бонкӣ, истеъмолкунандагони хизматрасонӣ – мизоҷон ва мизоҷони эҳтимолӣ, талаботи тиҷорати онҳо, интихоби бахшҳои афзалиятноки соҳа ва гурӯҳҳои муштариён, рушд ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои нав, пешбурди онҳо ба бозор, таҳким ва васеъ намудани базаи муштариён, шаклҳои муосири хизматрасониҳои бонкиро пешниҳод ва дастраси табақаи муштариён гардонад.

Ташаккули бозори хизматрасониҳои бонкиро метавон ҳамчун мафҳуми бозории идоракунии фаъолияти бонк муайян кард, ки ба омӯзиши шароити бозор ва иқтисодиёт, ниёзҳои мушаххаси муштариёни бонк нигаронида шудааст ва ба талаботи муштариён ҳангоми таҳияи хизматрасониҳои нав ё такмил додани хизматрасониҳои мавҷуда нигаронида шудааст.

Зимни таҳлилҳо муайян шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соли 2020 ба аҳолӣ зиёда аз 50 бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар заминаи навовариҳои технологӣ хизмати бонкӣ мерасонанд, ки қисми зиёди онро амалҳои бидуни корманди бонк ташкил медиҳад[23].

Таҷрибаи рушди низоми бонкӣ нишон медиҳад, ки амнияти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ аз нуқтаи назари коҳиш додани як қатор мушкилотҳои бо пули нақд алоқаманд дар муқоиса бо дигар амалиётҳое, ки хусусияти нақдӣ ва субъективӣ доранд афзалият ва бартарии бештар доранд.

Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон яке аз унсурҳои асосии низоми иқтисодиёти муосир рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар заминаи ҳамоҳангсозии он ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ мебошад. Пайваста зиёд шудани талабот ба амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ ва дар баробари он, зарурати кам кардани сатҳи хавфҳои амалиётӣ ва коҳиш додани шумораи амалиёти хатарнок ислоҳоти ҷиддиро тақозо менамояд.

Ҳамзамон танзими раванди идоракунии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар доираи техникаву технологияҳои муосир бо дарназардошти таҳлили вазъи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои нав ҳамчун маҳсулотҳои босифати бонкӣ авлавияти муваффақиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи низоми бонкӣ ва бозори бонкӣ мебошад.

Имрӯз иштирокчиён ва ташкилкунандагони бозори хизматрасониҳои бонкиро бахши институсионалии молиявию қарзӣ ташкил дода, онҳо бо бартариятҳои гуногун амал менамоянд.

**Расми 1. - Сохтори бозори химзматрасониҳои бонкӣ ва таркиби воситаҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

[23] https://www.nbt.tj (санаи муроҷиат 21.04.2021)




**Сарчашма. Таҳияи муаллиф.**

Ташкили дурусти бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳама ҳолат аз вазъият ва ҳолати иқтисодиии низоми бонкӣ вобаста буда, рушди ҳаматарафаи онро иқтидори захиравии бонк, қаблияти пардохтпазирӣ, сатҳи навоварӣ ва дараҷаи идоракунӣ ташкил медиҳад.

Дар сатҳи хизматрасониҳои бозори бонкӣ шаклҳои нави хизматрасонӣ ва амалиётҳои бонкӣ дар заминаи хизматрасониҳои анъанавӣ ба вуҷуд омада моҳиятан бо пешрафти фановариҳои технологӣ ба сатҳи иловагӣ ва ғайримуқаррарӣ табдил ёфтаанд.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт ва тақвияти бомароми хизматрасониҳои ғайринақдӣ як қисми хизиматрасониҳои бонкиро ҳамчун шакли нав инкишофёфтаи хизматрасонӣ дар арсаи институтсионализми бонкӣ шаклҳои нав ва инкишофёфтаи хизматрасониҳо дар бар мегирад.

Вобаста ба ин, шаклҳои хизматрасониҳои бонкиро, ки айни замон ташкилотҳои қарзии кишвар амалӣ мегардонанд, чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

**Ҷадвали 2. - Тасниф ва гурӯҳбандии хизматрасониҳои бонкӣ вобаста ба талаботҳои замони муосир**

| ТАФСИРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ | ИСТИФОДАИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ |
|---|---|
| Вобаста ба инфрасохтори зарурии бонкӣ | Хизматрасонӣ тавассути интернет ва алоқаи мобилӣ |

| | |
|---|---|
| | Хизматрасонӣ тавассути терминал ва постерминалҳо |
| Вобаста ба имкониятҳои мавҷудаи низоми бонкӣ | Хизматрасониҳои маҳдуд<br>Хизматрасониҳои васеъ |
| Вобаста ба таъсири омилҳои дар ихтиёри бонк буда | Тавассути омилҳои субъективӣ<br>Тавассути техника ва технология |
| Вобаста ба шакли амалиёт | Ба таври накдӣ<br>Ба таври ғайринакдӣ |
| Аз рӯи субъектҳои истифодабарандаи хизматрасонӣ | Хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ<br>Хизматрасонӣ ба шахсони воқеӣ |

**Сарчашма.** Таҳияи муаллиф.

Мавриди зикр аст, ки ҷиҳати бештар рушди ёфтан ба таври муосир фаъолият кардани ташкилотҳои қарзӣ дар кишвар, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои муосири зерин мусоидат менамояnд:

- Ҷорӣ намудани хизматрасонии бонкӣ дар намуди гузоштани депозит тавассути терминалҳои муосир;
- Гирифтани корти нави бонкӣ бидуни ташриф ба бонк тавассути терминалҳои муосир;
- Истифодаи корти бонкии худ дар терминалҳои муосир тавассути изи ангушт ва симо;
- Ҳисоббаробаркунӣ ва истифодаи корт (ҳамёни электронӣ) тавассути усули ғайрииртиботӣ ва ғайра.

Гуногунрангии баҳоидиҳии хизматрасониҳои бонкӣ моро ба он водор менамояд, ки ба таҳқиқи амиқи олимону коршиносон такия намуда мушаххасоти асосии масъаларо ошкор намоем. Вобаста ба ин дар таҳқиқоти худ муҳаққиқи ватанӣ Р.Г. Ғаниев иброз медорад: «Моҳияти хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун натиҷа ё таъсири судманди амалиёти бонкӣ муайян карда шуда, барои қонеъ кардани ниёзҳои молиявии мизоҷон равона карда шудаанд»[24]. Чунин тафсир равишҳои системавиро вобаста ба хизмарасониҳои бонкӣ муайян намуда, онро ба таъсири амалиётҳои судманд нисбат медиҳад. Илова бар ин, ба андешаи мо, тафсири хизматрасониҳои бонкиро дар сатҳи бозори хизматрасониҳои бонкӣ таҳлил ва арзёбӣ намудан ба мақсад мувофиқ мебошад. Ба андешаи мо дар таҳқиқи масъалаи хизматрасониҳои бонкӣ ду равиши амиқи хизматрасониҳои бонкӣ вуҷуд дорад:

1. Равиши баҳодиҳӣ ва тафсири хизматрасониҳои бонкӣ дар алоҳидагӣ таҳқиқ карда мешавад;
2. Равиши дигари тафсири хизматрасонии бонкӣ аз нуқтаи назари бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар заминаи таъсири омилҳои ба рақобат ифодаёфта баён карда мешавад.

Масъалаи арзёбии такмили шаклҳои муосири хизматрасониҳои бонкӣ вобаста ба оне, ки ҳаҷм ва ҳиссаи амалиётҳо дар сатҳи сифатан нав ва диверсификатсияи онҳо амалӣ мегардад, зарурияти як нақшаи амалишавандаро дар лаҳзаҳои кутоҳ барои бартараф кардани як қатор мушкилотҳо тақозо менамояд. Илова бар ин қайд кардан зарур аст, ки тибқи сарчашмаҳои илмӣ ва таҳқиқоти олимон чунин ақида вуҷуд дорад, ки «хизматрасонии бонкӣ ҷуз назорат аз рӯйи ҳаракати маблағҳо дар дохили бонк, тақсими

[24] Ганиев, Р.Г. Основные направления модернизации банковских услуг в рыночной экономике Таджикистана / Р.Г. Ганиев // Вестн. Росс. - Тадж. (Славян.) университета. - 2015. -№4. - С.90-94.

фоизҳою дигар дивидендҳо аз сармоягузорӣ ва расонидани хизмат ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ чизе беш нест.

Бисёр одамон пардохтҳоро аз рӯи қарзҳо ва хизматрасониҳои коммуналӣ ҳамчун хизматрасонии бонкӣ низ дохил кардаанд[25]” Аммо таърифи дар боло зикршуда ба яке аз вазифаҳои пешниҳоди хизматрасонӣ диққати махсус дода, намудҳои хизматрасониро низ номбар мекунад. Ғайр аз ин, чунин тафсир дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва дар амал татбиқ намудани пардохтҳои электронӣ дар тамоми субъектҳои фаъолият маҳдуд ва фарогирии комил надорад.

Илова бар ин, дар адабиёти илмӣ таърифҳои дигари “хизматрасонии бонки”-и мавҷуданд. Масалан, хизматрасонии бонкӣ натиҷаи маҷмӯи амалиёти бонкӣ мебошад, ки ба қонеъ гардонидани талаботи муштарӣ, инчунин, ба истеъмолкунанда овардани фоидаи муайян нигаронида шудааст ва бо ҳаракати дороиҳои молиявӣ ё пешниҳоди иттилооти молиявӣ алоқаманд аст. Чунин ба назар мерасад, ки ин мафҳум то андозае маҳдуд буда, на ҳама ҷанбаҳои мафҳуми «хизматрасонии бонкӣ»-ро фаро мегирад. Ин аст, ки дар ақидаи худ Лаврушин О.И. мӯътақид аст, ки «хизматрасонии бонкиро танҳо дар доираи муносибатҳои муштарӣ бо бонк баррасӣ кардан мумкин аст», яъне ҳузури муштарӣ ба мо имкон медиҳад, ки амалиёти бонкро ҳамчун хидмати он баррасӣ ва пешниҳод намоем.

Рушди босуботи низоми бонкӣ дар заминаи технологияҳои ҳозиразамони хизматрасонӣ метавонад чунин имкониятҳоро фароҳам оварад;

- баланд гардидани ҳиссаи пасандозҳои шахсони ҳуқукию воқеӣ дар шакли ғайринақдӣ бидуни гирифтани онҳо аз бонк дар як давраи муаян;
- зиёд гардидани шаклҳои муосири хизматрасониҳои бонкӣ тавассути дастгоҳҳои алоқаи виртуалӣ ва замимабарномаҳои бонкӣ;
- фароҳам овардани шароит ҷиҳати тақвияти низоми бонкӣ бо роҳи баланд бардоштани рақобатпазирии бонкӣ;
- кам гардидани нархи хизматрасониҳои бонкӣ ва баланд гардидани сифати хизматрасониҳои бонкӣ.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои асосии рақобатпазирӣ ва мавқеи бонки тиҷоратӣ дар бозори молиявӣ бевосита аз сифати маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ, расмиёт ва сатҳи устувории он вобаста аст. Равандҳои тиҷоратӣ дар қаноатмандии муштариён ва эътимоди онҳо ифода меёбад. Бо вуҷуди ин, сатҳи маҳсулот ва хизматрасониҳои муосири бонкӣ дар аксар маврид бо якхела ва якрангии нархҳо хос аст. Ҷузъиётҳое, ки бонкҳои тиҷоратиро водор месозад ба хусусиятҳои ғайринархии худ, аз ҷумла ба сифати таъминот таваҷҷуҳ намоянд, ин сифати хизматрасониҳои бонкӣ мебошад.

Заминаи бунёдии рушди хизматрасониҳои нави бонкӣ аз ягонагии ҷараёнҳои ба ҳам алоқаманд ва вобастаи шаклҳои анъанавии маҳсулот, амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ сурат мегирад ва тавассути он арзёбӣ ва баҳодиҳии масъала дар доираи ҳадафҳои рушди масъала таъмин карда мешавад. Бо ин мақсад моро зарур аст, ки вобаста ба зарурияти масъалаҳои муҳими низоми бонкӣ тавсифи ягонагии омилҳои асосиро дошта бошем (расми 3.4.).

**Расми 3. Тавсифи таркибии ташаккулёбандаи амалиётҳои виртуалии бонкӣ.**

[25] [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http:// holygraal.ru/chto-vklyuchaet-v-sebya-ponyatiebankovskieuslugi. (дата обрашения 25,05.2023)




**Сарчашма: таҳияи муаллиф.**

Барои такмили сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар айни замон зарурияти андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- беҳтаргардонии ҳолати техникию барномавии бонк ҳангоми баланд шудани талабот ба амалиётҳои виртуалӣ;

- пурзӯр кардани амнияти иттилоотию иртиботии хизматрасониҳои бонкӣ ҳангоми истифодаи онҳо дар чараёни хариду фурӯш;

- беҳтар сохтани фазои дастрасӣ бо интернети баландсуръат дар минтақаҳои алоҳидаи аҳамияти умумидошта ва минтақаҳои алоҳидаю дурдаст;

- ба даст овардани эътимод ва бовариии аҳолӣ ҳангоми пешниҳод ва истифодаии хизматрасонӣ ва ғ.

Ҳамин тариқ, экосистемаи бонкӣ на танҳо хизматрасониҳои бонкӣ, балки хизматрасонии суғуртавӣ, тақвияти маҳсулоти сармоягузорӣ, хадамоти алоқа, хидматрасонии сайёҳӣ, интиқоли ғизо ва хӯрокворӣ, хизматрасонии нақлиётӣ, кинотеатрҳои онлайнӣ, хизматрасонии таълимӣ ва тиббӣ, хадамоти машваратӣ ва ғайраро дар доираи ташкил ва татбиқи дурусти экоситемаи марказонидашуда, ки бахши бонкӣ қисмати асосии он мебошад имконпазир мегардад.

Ҳамин тариқ, дар маҷмӯъ метавон ба хулосае омад, ки хидматрасонии бонкӣ ин фаъолияти ташкилоти қарзӣ мебошад, ки барои қонеъ гардонидани талаботи муайяни муштарӣ нигаронида шудааст[26].

Дар баъзе маврид вобаста ба дақиқии масъалаҳои баррасишаванда мо метавонем бо таърифи хизматрасонии бонкие, ки дар адабиётҳои иқтисодӣ пешниҳод шудааст то як андоза розӣ шавем. Дар сатҳи дигар хизматрасонии бонкӣ маҷмӯи амалҳои ҳамроҳшаванда мебошад, ки самаранокии ҳамкории байни мизоҷ ва бонк, инчунин байни сохторҳои дохили бонкро таъмин мекунанд. Маҷмуи чунин тадбирҳо самаранокӣ ва даромаднокии ҳам бонк ва ҳам муштариро афзоиш медиҳад[27]. Вобаста ба ин таҳқиқотҳо ва тафсирҳои пешниҳодшуда, ба андешаи мо, хизматрасониии бонкӣ ин маҷмӯи амал ва вазифаҳои қонунии бонк аст, ки дар заминаи талаботҳои ҷомеа тавассути технологияҳои муосир ва замимабарномаҳои коркардшудаи бонкҳо амалӣ карда мешаванд.

**Адабиёт**

[26] Шевчук Д.А. Банковские операции [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://lib.rus.ec/b/169751/read.

[27] Развитие рынка банковских услуг для корпоративных клиентов – как фактор устойчивости коммерческих банков [Электронный ресурс]. – Режим доступа: www.iprmedia.ru ( дата орашения 25.01.2023)

1. Ф.М. Бокова. Исследование эффективности и качества банковских услуг / Бокова Ф.М/ Финансы и статистика, 2010. – с. 504

2. Перехожев В.А. Современные подходы к пониманию категорий «банковский продукт», «банковская услуга» и «банковская операция» // Финансы и кредит. – 2002. – № 21. – С. 23-32.

3. Раджабов, Р.К. Проблемы развития банковского обслуживания национальной экономики / Р.К. Раджабов, Х.М. Ятимов. - Душанбе: Ирфон, 2003. – 93 с.; Рахимов, З.А. Инвестиционная деятельность банковской системы в условиях рынка / З.А. Рахимов. - Душанбе: Ирфон, 2002. - 110 с.

4. Холиқзода Ҳ.А. Гузариш ба ҳиссоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ кафили рушди иқтисоди миллӣ. Ҷаҳонишавӣ, тараққиёт, бонкдорӣ. № 3 (100). Саҳ 26.

5. Акобирзода Н. Заминаи ҳуқуқии фаъолияти зиддиинҳисорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Н. Акобирзода. Ҳаёти ҳуқуқӣ. 2020. № 1 (29). с. 254.

6. Попова В.Л. Управление инновационными проектами: учеб. пособие / под ред. проф. В.Л. Попова. М.: ИНФРА-М, 2009. — 336 с.

7. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. /Ш.Раҳимзода/ Китоби дарсӣ, нашри сеюм. Душанбе 2018. Саҳ 100

8. Сулаймонов, Ш. Ф. Эффективный сектор бизнес-услуг как условие развития малого и среднего бизнеса в Республике Таджикистан / Ш. Ф. Сулаймонов // Наука и бизнес: пути развития. – 2017. – № 6(72). – С. 59-63. – EDN ZDLYXD.

## НЕФОРМАЛЬНЫЙ СЕКТОР И СФЕРА ПРОМЫШЛЕННОСТЬ

**Хамидов Абдусалим Худойбердиевич** - к.э.н., доцент кафедры менеджмента, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: 985-12-92-22.

В статье рассматривается неформальный сектор в системе современных экономических отношений, также интерпретирована сущность неформального сектора экономики. Даны сравнительные характеристики предприятий формального и неформального секторов, раскрыто мнение отечественных и зарубежных учёных и основные подходы к определению неформального сектора. Также рассмотрена сущность промышленности и ее неформальный сектор. Проанализировано место неформального сектора в промышленности, особенно в сфере производства продуктов питания.

**Ключевые слова:** неформальный сектор, неформальная экономика, промышленность, неформальный сектор в лёгкой промышленности, налог, неформальная занятость, предпринимательство, экономика промышленности.

## БАХШИ ҒАЙРИРАСМӢ ВА СОҲАИ САНОАТ

**Ҳамидов Абдусалим Худойбердиевич** – н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов 64/14. Телефон: 985-12-92-22

Дар мақола бахши ғайрирасмӣ дар низоми муносибатҳои муосири иқтисодӣ баррасӣ ва моҳияти бахши ғайрирасмии иқтисодиёт шарҳ дода шудааст. Хусусиятҳои муқоисавии корхонаҳои бахшҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ оварда шуда, андешаҳои олимони ватанию

хориҷӣ ва равишҳои асосии муайян кардани бахши ғайрирасмӣ ошкор карда шудаанд. Моҳияти саноати сабук ва бахши гайрирасмй дар саноати сабук низ ба назар гирифта шудааст. Мавқеи бахши ғайрирасмй дар саноат, махсусан дар соҳаи саноати хӯрокворӣ таҳлил карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** бахши ғайрирасмӣ, иқтисоди ғайрирасмӣ, саноати сабук, бахши ғайрирасмӣ дар саноати сабук, андоз, шуғли ғайрирасмӣ, соҳибкорӣ, иқтисодиёти саноат.

## INFORMAL SECTOR AND INDUSTRY SPHERE

**Khamidov Abdusalim Khudoiberdievich -** Tajik State University of Finance and Economics, Ph.D. in Economics, Associate Professor of the Department of Management. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: 985-12-92-22

The article examines the informal sector in the system of modern economic relations, and also interprets the essence of the informal sector of the economy. Comparative characteristics of enterprises in the formal and informal sectors are given, the opinions of domestic and foreign scientists and the main approaches to defining the informal sector are revealed. The essence of light industry and the informal sector in industry are also considered. The place of the informal sector in industry, especially in the field of food production, is analyzed.

**Keywords:** informal sector, informal economy, light industry, informal sector in light industry, tax, informal employment, entrepreneurship, industrial economics.

В начале 70-х гг. XX века во время полевых исследований в Аккре, (столица Ганы) - К. Харт определил, что горожане «третьего мира» в большей мере не имеют никакого отношения к формальной системе и «открыл» неформальную занятость. В отсталых странах городская экономика предстала как огромное скопление мелких и мельчайших лавок и мастерских снабжающих жителей городов необходимыми повседневными товарами (едой, одеждой, бытовыми услугами и т.п.), без никакой официальной регистрации, отрицая налоговые и другие требования правительства к предпринимательству. К. Харт так описывал ситуацию: «люди берут в свои руки ту хозяйственную власть, которую централизованные структуры пытались, у них, отнять». Однако с именем К. Харта связывают введение в научный оборот термина «неформальный сектор», отмечавшего, что: «отверженные структурой формальных возможностей, люди из низов городского пролетариата ищут неформальные способы, чтобы увеличить свои доходы». При формулировании понятия «неформальный сектор» К. Харт исходил из той точки зрения, что предприятия, поддающиеся статистическому учёту, составляют «современный сектор» городской экономики, а остальные - избегающие учёта - и формируют неформальный сектор [17, с.61-89].

Поступенно, по мере институционализации данного термина МОТ, это динамическая характеристика была утрачена и «неформальность» получила иное определение - его стали использовать преимущественно в качестве синонима бедности. Определение «неформальности», как мало развитых секторов, сокращенных из современного хозяйства, удачно использовалось в большинство публикациях МОТ, PREALC, Всемирного банка, посвященных исследованиям городской бедности, экономики и рынкам труда. Другие экономисты-специалисты «неформальности» увидели проблему в ином ракурсе и попали под сомнение негативной характеристики неформального сектора экономики. С этих

- Рушди саноатҳои вобаста: Бозори қоғазҳои қиматнок саноатҳои дигарро (масалан, бастабандӣ, китобсозӣ, технологӣ) таъмин мекунад, ки ин ба рушди умумӣ мусоидат менамояд.

2. Такмили технология ва инноватсия

- Истифодаи технологияҳои пешрафта: Истеҳсоли қоғазҳои мураккаб (масалан, қоғазҳои электронӣ, қоғазҳои зебоӣ барои санъат) талаботи баланд ба технологӣ дорад. Ин сармоягузорӣ ба таҳкими пойгоҳи илмию-техникии кишвар мусоидат мекунад.

- Таҳияи кадрҳои мутахассис: Ин соҳа ба тайёр намудани мутахассисони баландихтисос (масалан, муҳандисони химиявӣ, дизайнерҳо) мусоидат менамояд.

3. Экологӣ ва истеҳсоли устувор

-Истеҳсоли ҳаловатманд: Бозори қоғазҳои қиматнок аксар вақт бо стандартҳои экологӣ ва истифодаи моддаҳои тоза (масалан, қоғазҳои аз ҷузъҳои табиӣ сохташуда) алоқаманд аст. Ин ба рушди иқтисодиёти сабз ва ҷалби сармоягузорони байналмилалӣ кумак мекунад.

-Самаранокӣ: Истеҳсоли қоғазҳои баландсифат бо усулҳои нав ва самарабахшӣ ба кам кардани талафоти моддаҳои хом мусоидат менамояд.

4. Ҳамгироӣ бо бозорҳои ҷаҳонӣ

- Иқтидори рақобатпазирӣ: Кишварҳое, ки қоғазҳои нодир ва қиматнок истеҳсол мекунанд (масалан, Финляндия, Шветсия), дар бозорҳои байналмилалӣ мавқеъи мустаҳкам доранд. Ин ба эҳтиёҷоти саноатии дигар кишварҳо ҷавобгӯ аст.

-Ташаккули брендҳои миллӣ: Истеҳсоли маҳсулоти баландсифат ба эҷоди брендҳои маъруф дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат мекунад.

5. Таъсир ба рушди иҷтимоӣ

-Таъмини фурӯсонатҳои корӣ: Соҳаи қоғазсозӣ барои кишварҳои бо захираҳои табиӣ (масалан, ҷангалҳо) фурӯсонатҳои зиёди корӣ фароҳам меорад.

-Ташвиқи фарҳанг ва маориф: Қоғазҳои баландсифат барои нашри китобҳо, санъат ва матбуот зарур аст, ки ин ба рушди маданият ва маълумот мусоидат мекунад.

Намунаҳои амалӣ:

-Финляндия аз рушди саноати қоғазсозӣ ба яке аз қувваҳои пешрафтаи иқтисодӣ табдил ёфт.

-Ҷопон қоғазҳои махсуси барои технологӣ (масалан, барои электроника) истеҳсол мекунад, ки ба рушди саноати дигараш кумак кардааст.

Дар заминаи татбиқи сиёсати саноатикунонии босуръат, маблағгузории сабз инчунин бо баланд шудани мубрамияти татбиқи барномаи экологӣ дар равандҳои тиҷорат, пайдоиш ва рушди фаъоли воситаҳои нави молиявӣ, ки дар татбиқи стратегияҳои ESG мусоидат мекунанд, алоқаманд мебошад. Таъсиси системаи маблағгузории сабз татбиқи лоиҳаҳои гуногун, равишҳо ва роҳҳои нави тиҷорати сабз ва ислоҳи сиёсати фискалӣ бо назардошти принсипҳо ва талаботи иқтисоди “сабз”-ро дар бар мегирад. Рушди воситаҳои молиявӣ, аз ҷумла навъҳои нави вомбаргҳои сабз, ки ба ҳадафҳои рушди устувор алоқаманданд, дорои аҳамияти муҳим мебошад.

Бозори қоғазҳои қиматнок на танҳо ба рушди иқтисодиёт, балки ба такмили технология, ҳифзи муҳити зист ва эҷоди фурӯсонатҳои иҷтимоӣ низ мусоидат менамояд. Барои кишварҳое ки захираҳои табиии моддаи хом (масалан, ҷангал) доранд, ин соҳа метавонад як мошини муҳимми санъатикунонӣ бошад.

Бозори қоғазҳои қиматнок ба ҳайси як "раги молиявӣ" барои иқтисодиёт ва санъатикунонӣ хидмат мекунад. Таҳкими ин бозор ба кишвар имконият медиҳад, ки сармояи дохилию хориҷиро ҷалб намуда, лоиҳаҳои саноатии калонро амалӣ кунад ва ба рушди устувори иқтисодӣ ноил шавад.

**Адабиёт**

1. Аскинадзи В.М. Рыннок ценных бумаг: Учебно-методический комлекс / В.М. Аскинадзи. -М., 2008. -С. 5-6.

2. Бобохонзода М.Ҷ. Танзими давлатии рушди рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ: дис..барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисод / М.Ҷ. Бобохонзода. -Душанбе, 2020. -13 с.

3. Бозори коғазҳои қиматнок ва фаъолияти биржавӣ / Р.Х. Қараев, Н.А. Солиев, А.Ш. Валиев, М.Р. Нуров. -Душанбе, 2019. -С.18.

4. Миркин Я. М. Ценные бумаги и фондовый рынок. - М.: Перспектива, - 2010 - с.204.

5. Семенкова Е. В. Операции с ценными бумагами. - М.: Перспектива; ИНФРА-М, 2016.

6. Солдатенков И. С. Понятие рынка ценных бумаг и виды ценных бумаг в РФ и США // Юрид. науки. - 2012. - № 4. - С. 81-86.

7. Жуков Е.Ф. Рынок ценных бумаг.: учебник для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям / Е.Ф. Жукова. -2-е изд., перераб. и доп. -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2009. -136 с.

8. Икромов Ф.Н. Институциональные основы развития рынка ценных бумаг Республики Таджикистан. Монография / Ф.Н. Икромов. -Душанбе, 2020. -С.10.

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бозори коғазҳои қиматнок". №745 ш.Душанбе, 28.06.2011 с.

10. Косимова М.И. Особенности формирования и развития рынка капитала в экономике Таджикистана: дисс.. к.э.н. / М.И. Косимова. -Душанб, 2020. -С.140-142.

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2018 Сомонаи расмӣ. [Манбаи электронӣ]. Prezident.tj.

12. Сомонаи расмии "Биржаи фондии Осиёи Марказӣ". [Манбаи электронӣ]. https://case.com.tj/tj.

## БАҲОДИҲИИ АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ТАНЗИМИ САРМОЯГУЗОРИИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗИИ МИНТАҚА

**Сайдаҳмадов Ф.Б. – н**.и.и.муаллими калони мудири кафедраи менеҷменти молявӣ ш.Душанбе Наҳимов 64/14 тел.: (+992) 988175755, E_mail: farukh.2020@mail.ru.

Дар ин мақола, муаллиф асосҳои инистутсионалии танзими давлатии сармоягузории истеҳсолоти кишоварзии минтақаро мавриди омӯзиш қарор додааст. Қайд гардидааст, баҳодиҳии ҷолибияти сармоягузориҳои кишоварзӣ дар минтақа ба таҳияи рейтинги хоҷагиҳо асос ёфта, манбаи иттилоот маълумотҳои ҳисоботи молиявии ташкилотҳои кишоварзӣ дар минтақа баромад мекунанд. Бояд гуфт, ки дар танзиму фароҳам овардани чунин шароитҳои мусоид нақши давлат ва мақомотҳои давлатии минтақавӣ бениҳоят назаррас аст. Дар вақти тадқиқи мавзӯъ муаллиф усулҳои баҳодиҳии фазои сармоягузорӣ таҳлили муфасал гузаронидааст.

**Калидвожаҳо**: баҳодиҳи, арзёбӣ, фарсудашавӣ, фазои сармоягузорӣ, минтақаҳо, танзими давлатӣ, муносибатҳои истеҳсолӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, стратегия, сармоягузорӣ, минтақавӣ.

## ОЦЕНКА ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОЙ ОСНОВЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ ИНВЕСТИЦИЙ В СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЕ ПРОИЗВОДСТВО В РЕГИОНЕ

**Саидахмадов Ф.Б.** – старший преподаватель, заведующий кафедрой финансового менеджмента, г. Душанбе, Нахимова 64/14, тел.: (+992) 988175755, E-mail:

farukh.2020@mail.ru.

В статье автор исследует институциональные основы государственного регулирования инвестиций в сельскохозяйственное производство региона. Отмечено, что оценка привлекательности инвестиций в сельское хозяйство региона проводится на основе разработки рейтинга хозяйств, а источником информации является финансовая отчетность сельскохозяйственных организаций региона. Следует отметить, что роль органов государственной власти и управления субъектов Российской Федерации в регулировании и создании таких благоприятных условий чрезвычайно значительна. В ходе исследования темы автор провел подробный анализ методов оценки инвестиционного климата.

**Ключевые слова:** оценка, оценка, амортизация, инвестиционное пространство, регионы, государственное регулирование, производственные отношения, экономические отношения, стратегия, инвестиции, региональный.

## EVALUATION OF THE INSTITUTIONAL FRAMEWORK FOR REGULATING INVESTMENTS IN AGRICULTURAL PRODUCTION IN THE REGION

**Saidakhmadov F.B** - Senior Lecturer, Head of the Department of Financial Management, Dushanbe, Nakhimov 64/14, Tel .: (+992) 988175755, E-mail: farukh.2020@mail.ru.

In the article, the author examines the institutional foundations of state regulation of investments in agricultural production in the region. It is noted that the assessment of the attractiveness of investments in agriculture in the region is carried out on the basis of the development of a rating of farms, and the source of information is the financial statements of agricultural organizations in the region. It should be noted that the role of state authorities and administration of the constituent entities of the Russian Federation in regulating and creating such favorable conditions is extremely significant. During the study of the topic, the author conducted a detailed analysis of the methods for assessing the investment climate.

**Key words:** assessment, evaluation, depreciation, investment space, regions, state regulation, production relations, economic relations, strategy, investments, regional.

Бухрони амиқи инвеститсионии мавҷуда метавонад дарояндаи наздик боиси коҳиш ёфтани истеҳсолоти кишоварзӣ гардад. Умуман, ҳамасола рӯйдодҳои манфии дар соҳаи кишоварзӣ бо дараҷаи сармоягузорӣ алоқаманд бо фарсудашавӣ ва корношоям гардидани воситаҳои истеҳсолӣ, риоя накардани технологияи истеҳсолӣ, коҳишёбии ҳосилнокии меҳнат ифода ёфтаанд, ки маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли ватаниро дар бозори озуқаворӣ рақобатнопазир мегардонанд.

Яке аз самтҳои рушди иқтисоди миллӣ ва иқтисоди минтақаҳо дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 омадааст, чунин аст: “Дар самти рушди маҷмуии манотиқи деҳот; – муайян намудани афзалиятҳои ҳар як минтақа дар асоси иқтидорҳои мавҷуда, вазъи бамиёномада дар бозори меҳнат ва хусусиятҳои хоси рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ, имкониятҳои воқеии амалисозии вазифаҳои аввалиндараҷа бароиояндаи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат; – амалисозии тадбирҳо оид ба бунёди инфрасохтор, ки тавассути сохтмони роҳҳои оҳану автомобилӣ, фурудгоҳҳо, шабакаҳои алоқа, ки гардиши мол, хизматрасониҳо, сармоя ва мардумро дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ, байналмилалӣ ва минтақавӣ ба ҳам мепайвандад; – ташаккулдиҳӣ ва амалисозии сиёсати самараноки минтақавии экологӣ, ки ба коҳиш додани таъсири антропогенӣ ба

муҳити атроф, беҳтар намудани сифати замин ва оби нӯшиданӣ нигаронида мешавад[1]. Тавре аз ин стратегия бармеояд, ҳадафи рушди минтақа, такмили шароитҳои бавуҷудомада ва бартарафнамоии онҳо арзёбӣ шуда, дар он нақши сармоягузорӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи муқаррароти "Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳифзи сармоягузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №775, аз 29.12.2012), "Барномаи беҳтаргардонии ҷолибияти сармоягузорӣ ба соҳаи истифодабарии қаъри замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2015» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №385, аз 01.08.2012), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" аз 15.03.2016, №1299 ва дигар қонунҳо, барномаву стратегияҳои давлатии сармоягузорӣ амалӣ карда мешаванд. [2].

Фаъолияти сармоягузорӣ маҷмуи чорабиниҳои амалӣ барои татбиқи сармоягузорӣ мебошад. Дар навбати худ, сармоягузорӣ ҳамаи навъҳои моликият ва арзишҳои зеҳниро ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияти дигар ҷалб мегардонад, ки дар натиҷаи он фоида (даромад) ташаккул ёфта, самараи иҷтимоӣ ба даст оварда мешавад. Ба ин арзишҳо инҳо дохил мешаванд:

1. Амволи манқул ва ғайриманқул (бино, иншоот, таҷҳизот ва дигар арзишҳои моддӣ);

2. Пули нақд, амонатҳои мақсадноки бонкӣ, қарзҳо, ҳиссагузориҳо, саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қиматнок;

3. Ҳуқуқи истифодаи замин ва дигар захираҳои табиӣ, инчунин, дигар ҳуқуқҳои моликият[3].

Нуктаҳои болозикр дар моддаи 3-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" (аз 15.03.2016, №1299) низ инъикоси худро ёфтааст. Дар ин моддаи қонун зикр мешавад, ки ба сифати дороиҳое, ки ба фаъолияти сармоягузорӣ гузошта мешаванд, молу мулки ғайриманқул; воситаҳои пулӣ; саҳмияҳо, ҳиссаҳо дар сармояи оинномавӣ (шарикона) ва дигар шаклҳои иштирок дар шахси ҳуқуқӣ; ҳуқуқҳои молумулкӣ; моликияти зеҳнӣ ва дигар намудҳои ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ; дигар объектҳои ҳуқуқҳои граждание, ки дар муомилот бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда нашудаанд, мансуб мебошанд[4].

Сармоягузории асосӣ дар ду самт баррасӣ карда мешавад:

1. Ҳамчун категорияи иқтисодӣ - низоми муносибатҳои пулӣ, ки бо ҳаракати арзиш ва бо пешпардохт ба такрористеҳсоли васеи фондҳои асосӣ алоқаманд аст;

2. Ҳамчун раванди марбут ба ҳаракати захираҳои молиявӣ.

Сармоягузориҳо бояд дар динамика баррасӣ карда шаванд. Аз ин нуқтаи назар, онҳо як силсилаи тағйиротро доро мебошанд: захираҳои сармоягузорӣ (арзишҳо) – ба даст овардани даромад (таъсири) дар натиҷаи сармоягузорӣ. Бинобар ин, марҳилаҳои асосии сармоягузорӣ инҳоянд:

1. Сармоягузориҳои худӣ, яъне раванди табдил додани захираҳо ба объектҳои мушаххаси фаъолияти сармоягузорӣ;

2. Табдил додани воситаҳои ба гардиш гузошташуда ба афзоиши сармояи асосӣ;

3. Ба даст овардани фоида ё самараи иҷтимоӣ (иҷрои мақсади ниҳоии фаъолияти сармоягузорӣ). [5].

Объектҳои монанд сармояҳои хориҷиро дар бар мегиранд, агар онҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф набошанд. Сармоягузорони хориҷӣ ҳуқуқ

доранд, ки дар ҳудуди вилояти Хатлон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорӣ кунанд:

а) ҳуқуқи баробар дар корхонаҳое, ки якҷоя бо шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони алоҳидаи минтақа таъсис дода шудаанд;

б) таъсиси корхонаҳо аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ, инчунин, филиалҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ;

в) хариди корхонаҳо, биноҳо, иншоотҳо, саҳмияҳои корхонаҳо, вомҳо ва дигар коғазҳои қиматнок, инчунин, молу мулки дигар, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармоягузорони хориҷӣ тааллуқ доранд;

г) ба даст овардани ҳуқуқи истифодаи замин ва дигар захираҳои табиӣ; [6].

Ин раванд дар шароити ноустувории иҷтимоӣ ва сиёсӣ, бо сатҳи баланди андозҳо ва меъёри фоизҳо барои қарз, пўшонидани ҳисобҳо, дар сурати мавҷуд набудани интизоми қарордодӣ ва истеҳсолӣ ба миён меояд.

**Ҷадвали 1. - Нақшаи умумии раванди сармоягузорӣ***

| **Сармоягузорон** | **Сармоягузорӣ** | | | **Гирандагони сармоягузориҳо** |
|---|---|---|---|---|
| Ниҳодҳои молиявии ватанӣ | Ба даст овардани даромади максималӣ | Навсозии истеҳсолот | Гирифтани сармояи ибтидоӣ | Корхонаҳои давлатии амалкунанда |
| Ниҳодҳои молиявии хориҷӣ | Фаро гирифтани бозорҳои фурўши маҳсулот | Низоми манфиатҳо | Афзоиши сармояи гардон | Корхонаҳои навтаъсиси шаклҳои гуногуни моликият |
| Сармоягузорони хусусии ватанӣ | Баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёт | Танзими ҷараёни сармоягузорӣ | Татбиқи лоиҳаҳои ба самти иҷтимоӣ нигаронидашуд а | Корхонаҳои хусусӣ |
| Сармоягузрони хусусии хориҷӣ | Мустақим ва ғайримустақим | Иштирок дар лоиҳаҳои давлатӣ ва хусусӣ | Шарикии давлат ва бахши хусусӣ | Шаклҳои гуногуни моликият |

***Сарчашма: муаллиф таҳия намудааст.**

Нақши асосиро дар ин ҳолат маҷмуи омилҳои фаъолнокии сармоягузориро боздоранда - таваррум мебозад. Муттасил баландравии нархҳои пешгўишаванда хавфи сармоягузориро афзоиш дода, барои захираи сармоя ҳавасмандиро аз байн мебарад.

Масъалаҳои вобаста ба рушди раванди сармоягузорӣ дар иқтисодиёти минтақа солҳои охир дар мадди аввал гузошта шуда, дар барномаҳои гуногуни рушди соҳаҳои иқтисодӣ инъикос ёфтааст. Аммо, амалан сармоягузорӣ сол то сол коҳиш ёфта, боиси харобшавии иқтидори илмию истеҳсолии соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон гардид, ки мисоли равшани он сатҳи баланди "хўрдашавӣ"-и маънавӣ ва ҷисмонии фондҳои асосии соҳа ба ҳисоб меравад.

Модели дигари иқтисодии кишварҳои дорои низоми иқтисоди бозорӣ дошта, ки дар онҳо хусусиятҳои рушди даврӣ хос мебошад, аз ҷумла раванди сармоягузорӣ ва буҳрон

ҳамчун як фоҷиаи табиӣ барои барҳам додани фазои иқтисодӣ аз унсурҳои ғайриқонунии сохтори иқтисодӣ, мошинҳои кӯҳна ва технологияҳо, инчунин, гузариш ба сохтори нави иқтисодӣ дида баромада мешавад. [7].

Мувофиқи қонунгузории ҷории соҳа, фаъолияти сармоягузории минтақа аз манбаъҳои зерин маблағгузорӣ карда мешаванд:

- захираҳои молиявии худи сармоягузор ва захираҳои хоҷагӣ (фоида, пардохтҳои истеҳлокӣ, пасандозҳои шаҳрвандон ва депозитҳои шахсони ҳуқуқӣ, маблағҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои суғурта дар шакли ҷуброни зарари садамаҳо, офатҳои табиӣ ва дигар маблағҳо) пардохт карда мешаванд;
- маблағҳои қарзии сармоягузор (маблағҳое, ки аз фурӯши саҳмияҳо ва дигар пардохтҳои аъзои коллективҳои меҳнатӣ, шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ гирифта шудаанд);
- воситаҳои пулӣ, ки аз ҷониби иттиҳодияҳои (иттифоқҳои) корхонаҳо ба таври муқаррарӣ марказонида шудаанд;
- маблағгузориҳо аз буҷети давлатӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва фондҳои ғайрибуҷетӣ;
- сармоягузориҳои хориҷӣ.

Маъмулан маблағҳои худии корхонаҳо сарчашмаи асосии сармоягузорӣ боқӣ мемонанд. Давоми солҳои охир ҳиссаи фондҳои худии корхонаҳо ва ташкилотҳо дар соҳаи маблағгузории сармоягузории худӣ тақрибан 63%-и ҳамаи манбаъҳоро ташкил медиҳад[8]. Ин нишондиҳанда, албатта, дар ояндаи наздик бо сабаби кам гардидани маблағгузориҳои буҷетӣ ва фаъолияти нокифояи сармоягузории бонкҳо ва аҳолӣ паст намегардад. Дар Ғарб нақши калидиро дар сармоягузорӣ муассисаҳои қарзӣ ва молиявӣ мебозанд. Бахши молиявии мо наметавонад вазифаи худ, яъне табдили маблағҳои муваққатан озодро ба сармоягузориҳо иҷро намояд.

Дар айни замон, сармоягузорон қарзҳоро ба он соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ки ба онҳо фоида мерасонанд, ҷалб мекунанд (дар шакли фоида ё даромад). Самтҳои фаъолияти сармоягузории бонкҳо асосан ба қарздиҳии лоиҳаҳои сармоягузории кӯтоҳмуддат (зуд пардохт кардан) аз рӯи хусусиятҳои зерин шарҳ дода мешаванд:

- саҳми назарраси бонкҳои хурд ва ҳаҷми нисбатан ками сармояи онҳо, инчунин, бо ҳиссаи пасти ин нишондиҳанда дар вазни қиёсии дороиҳои онҳо;
- сатҳи баланди хавфҳои сиёсӣ дар минтақа;
- мавҷудияти маҳдудиятҳои ҷиддии фаъолияти сармоягузории бонкҳо (меъёри баланди фоиз, талабҳои қатъӣ барои таъмини қарз ва ғайра);
- муаммоҳои зиёди хавфи молиявии бонкҳои Тоҷикистон

**Адабиёт**

1.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030: стратегия - [захираи электронӣ]. – URL: - http://kor.tj/doc/Strategiya_tojik-.pdf. (санаи муроҷиат 25.04.2019)

2.Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳифзи сармоягузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №775, аз 29.12.2012, Барномаи беҳтаргардонии ҷолибияти сармоягузорӣ ба соҳаи истифодабарии қаъри замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2015, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №385, аз 01.08.2012, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ”, аз 15.03.2016, №1299/ [захираи электронӣ] - https://investcom.tj/konun/3.html. (санаи муроҷиат 17.10.2018)

[3] Поташник Я.С. Сущность и классификация инвестиций / Я.С. Поташник // Вестник

Мининского университета. - Нижний Новгород, 2014. - № 1 (5). - С. 6-16.
[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” аз 15.03.2016, №1299. [захираи электронӣ] - http://mmk.tj / (санаи муроҷиат 12.06.2022)
5. Поташник Я.С. Сущность и классификация инвестиций / Я.С. Поташник // Вестник Мининского университета. - Нижний Новгород, 2014. - № 1 (5). - С. 6-16.
6. Шипович Л.Ю. Особенности циклического развития экономики России / Л.Ю. Шипович // Вестник Челябинского государственного университета. - Челябинск, 2009. - № 2. - С. 28-36.
7.Игонина Л.Л. Методы финансирования инвестиционных проектов / Л.Л.Игонина. - М.: «ИНФРА-М», 2007. - 380 с.
[8] .Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1620, аз 20.06.2019 / [захираи электронӣ] -https://andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__19-07-2019-RT_tj.pdf. (санаи муроҷиат: 22.07.2019)

## ИДОРАКУНИИ ХАВФҲОИ САРМОЯГУЗОРИИ КОРХОНА ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Нуров Ш.С.** - дотсенти кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Дар мақолаи мазкур муаллиф дар бораи истифодаи идоракунии хавфҳои молиявӣ дар шароити муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст,инчунин дар бораи омилҳои таъсиррасонӣ,муаммоҳо ва пешгирии корхона аз хавфҳои молиявӣ дар фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ дар шароити муосир баррасӣ шудааст. Дар мақолаи мазкур дар бораи пешгирии хавфҳои молиявии корхонаҳо, ва гирифтани фоида ва даромад истифода шудааст.

**Калидвожаҳо:** идоракунӣ, хавфҳои молиявӣ, шароити муосир, фоида, даромад, фоида,истеҳсолӣ, корхона,муаммоҳо,сармоя, бозор, сармоягузорӣ,иқтисодӣ, номуайнӣ, банақшагирӣ.

## УПРАВЛЕНИЕ ИНВЕСТИЦИОННЫМИ РИСКАМИ ПРЕДПРИЯТИЯ В СОВРЕМЕННОГО УСЛОВИЯХ

**Нуров Ш.С**.- доцент кафедры финансового менеджмента Таджикского государственного университета финансов и экономики.тел.93.710.40.77

В данной статье автор проанализировал и рассмотрел использование управления финансовыми рисками в современных условиях,а также рассмотрел факторы влияния,дилеммы и предотвращения финансовых рисков предприятия в деятельности производственных предприятий в современных условиях. Данная статья была посвящена предотвращению финансовых рисков предприятий и получению прибыли и доходов.

**Ключевые слова:** Управление, финансовые риски, современные условия, прибыль, доход,прибыль, производство,предприятие,головоломки, капитал, рынок,инвестиции, экономический, неопределенность, планирование.

## ENTERPRISE INVESTMENT RISK MANAGEMENT IN MODERN CONDITIONS

**Nurov Sh.S.-** Associate rrofessor of the Department of Financial Management of the Tajik State University of Finance and Economics.tel.93.710.40.77

In this article, the author analyzed and reviewed the use of financial risk management in modern conditions, as well as considered the factors of influence, dilemmas and prevention of financial risks of an enterprise in the activities of manufacturing enterprises in modern conditions. This article was devoted to preventing financial risks of enterprises and generating profits and revenues.

**Keywords:** Management, financial risks, modern conditions, profit, income,profit,production,enterprise,puzzles, capital, market,investments, economic, uncertainty, planning.

Сармоя яке аз мафҳумҳои маъмулу васеъ паҳншудаи илми иқтисодӣ ба шумор меравад, ки доир ба мазмуну моҳияти он иқтисодшиносони зиёде изҳори ақида намуда, андешаҳои судманд баён намудаанд. Дар бозори омилҳои истеҳсолӣ мафҳуми сармояи ҷисмонӣ ва сармояи моддӣ истифода бурда мешавад, ки барои бунёди биноҳои истиқоматӣ, иншооти истеҳсолӣ, мошину таҷҳизот ва инфраструтура истифода карда мешавад.Сармоя ҳамчун захираи маҷмӯи маҳсулоти истеҳсолӣ барои лаҳзаи муайяни вақт мебошад. Сармоягузориҳо ҷараёнест, ки тавассути он мавқеи мавҷудаи моли сармоявӣ дар муддати муайяни вақт афзоиш меёбад. Сармоягузорӣ дар бозори омилҳои истеҳсолот дар бозори молҳои сармоявӣ, ки дар он харид ва фурӯши дороиҳои истеҳсолӣ ба роҳ монда мешаванд,бозори хизматрасонии капиталӣ, ки ин маблағҳо метавонанд барои музди меҳнат, яъне барои истифодаи фаврӣ, доимӣ ва истифодаи кироя ба иҷора гирифта шаванд. Барои такмил додани харид ва фурӯши молҳои субъектҳои хоҷагидорӣ маблағҳои молиявӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд,инчунин дар бозори вомбарг ё сармояи қарзӣ ва мебошад ба мӯҳлати дароз барои ин ё он тиҷорат мебошад.Сармоягузорӣ категорияи васеи иқтисодӣ мебошад ва аз сармоягузориҳои дарозмуддат дар иқтисодиёт (дороиҳои истеҳсолӣ), фарқ мекунад, зеро онҳо метавонанд дар шаклҳои мухталиф ҷорӣ карда шаванд: воқеӣ, молиявӣ, интеллектуалӣ ва инноватсионӣ.Сармоягузорӣ танҳо дар лоиҳаҳои самаранок ба даст оварда шудаанд, ки натиҷаи он даромад ва фоида мебошад.{3}

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» мафҳуми сармоягузорӣ аз ҷониби сармоягузор дар шакли дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ гузоштани сармоя дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани фоида» оварда шудааст. Агар ин таърифро ба таври васеъ тасаввур кардан мумкин бошад, пас ба сармоягузорӣ дохил карда мешавад: молу мулки манқул ва ғайриманқул; ҳуқуқи молу мулк; ҳуқуқи нигоҳдорӣ ва дигарҳо, ба истисноии моли воридшаванда ва барои фурӯш бидуни коркард пешбинишуда; саҳмҳо ва шаклҳои дигари иштирок дар ташкилотҳои тиҷоратӣ; вомҳо ва ухдадориҳои дигари қарз; даъвоҳои пул, мол, хизматрасонӣ ва ҳама гуна дигар амалҳои вобаста ба шартномаҳои марбут ба сармоягузорӣ; ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, аз ҷумла ҳуқуқи муаллифӣ, патентҳо, тамғаҳои, намунаҳои саноатӣ, равандҳои технологӣ, ноу-хау, техникӣ, меъморӣ, лоиҳакашӣ ва ҳуҷҷатҳои лоиҳаи техникӣ; ҳама гуна ҳуқуқ дар асоси иҷозатнома ё дар шакли дигар, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ иҷозат дода мешаванд. Сармоягузории иқтисодӣ ин ташкили раванди истеҳсолӣ бо мақсади гирифтани фоида, яъне таъсиси иқтидорҳои истеҳсолӣ (харид ё лизинг) ва шуғли меҳнат маънидод карда мешавад ва мундариҷаи сармоягузорӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар функсияҳо, меъёрҳо ва таснифоти он зоҳир мешавад. Сармоягузорӣ ба маҷмӯи васеъ ва сода тақсим карда мешавад. Сармоягузориҳои умумӣ ҳаҷми умумии маблағеро, ки дар як давраи муайян ба барқарор, сохтмон, таҷдиди техникӣ ва таҷҳизоти техникии истеҳсолот, дастгирии иншоотҳои мавҷуда, татбиқи инвентарҳо ва ғайра равона мекунанд, муайян менамояд.

Бояд қайд кард, ки сармоягузориҳо аз ҷумлаи ду параметрҳои бо ҳам алоқаманд хавфҳои молиявӣ ва даромаднокӣ иборат мебошанд.Чун қоида, хавфҳои сармоягузорӣ аз

фоидаи интизорӣ бояд пасттар бошад. Андозаи хавфҳои сармоягузорӣ, эҳтимолияти талафоти сармоягузорӣ ва даромад аз онҳоро нишон медиҳад. Ҳаҷми умумии хавфҳои эҳтимолӣ аз ҳафт намуд иборат аст: хавфу хатари қонунгузорӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, ҷиноятӣ ва хавфҳои ҳаноти ва экологӣ. Калимаи хавфҳои молиявӣ дар ду маънии умумӣ - чун имконияти хавфу хатар ноком гум шудан ва ҳамчун амали тасодуфӣ дар натиҷаи хушбахтӣ истифода мешавад. Пайдоиши мафҳуми муосири хавфҳои молиявиро ҳамчун консепсияи иқтисодӣ инъикос мекунад. хавфҳои молиявӣ ин имконпазирии талафот ё бе гирифтани даромад мебошад.Хавфҳои молиявӣ пеш аз ҳама, эҳтимолияти аз даст додани ин ва ё он амвол ё объекте мебошад, ки дар ҳолати ба вуқӯъ омадани ҳодисаҳои махсуси табиат ва ё фаъолияти нодурусти ҷамъият ба миён меоянд. Дар ин маврид хавфҳои молиявиро ҳамчун категорияи таърихӣ ва иқтисодӣ омӯхтан лозим меояд. Хавф ин имконпазирест, ки ба умеди дастрас намудани натиҷаи беҳтарини эҳтимолӣ пайдо мешавад.Хавфҳои молиявӣ ин сарзании эҳтимолятӣ ва ногаҳонӣ дошта, ба муҳаққиқон муаммоҳои хавф ва сифати нишонаҳои он пешниҳод карда мешаванд. {2}

Номуайянӣ, нокифоягӣ ё нодурустии иттилоот, рақамҳои оморӣ,нодуруст банақшагирӣ дар бораи шароити фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ мебошад, ки корхона ба ҳадафҳои худ ноил намешавад.Хавфҳои молиявӣ - ин имконияти иқтидории иқтисоди ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои ногаҳонӣ бо натиҷаҳои манфӣ ё мусбӣ барои амволи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ буда, донистани хусусият ва оқибатҳои он ҳатмӣ мебошад.

Хавфҳои молиявӣ ҳамчун имконияти ноком, таҳдидҳо ба молу мулк ё дигар талафоте, ки дар рафти фаъолиятҳо равона карда шудаанд, маънои имконпазирии гирифтани талафот ё натиҷаҳои сифр; хавфҳои ҳаннотона, ки ин дар эҳтимолияти гирифтани натиҷаҳои мусбӣ ва манфӣ маънидод мекунанд.

Акнун оид ба хавфу хатарҳои сармоягузори андешаронӣ мекунем:

Хавфҳои сармоягузорӣ эҳтимолияти бе фоидаи сармоягузорӣ мондан е ҳатто аз даст додани он мебошанд. Барои он ки ба минус наравед ва пул кор кунед, шумо бояд стратегияро дар ибтидо ҳисоб кунед.

Ҳама гуна сармоягузорӣ бо хатарҳо меояд, ҳатто пасандозҳои бонкӣ е хариди манзил дар назари аввал бехатар мебошанд. Сармоягузорони навкор метавонанд хавфҳоро ҳангоми интихоби воситаҳо нодида гиранд ва на танҳо бидуни фоида, балки бо қарз низ бимонанд.Хавфҳои молиявии сармоягузорӣ аз худи мафҳуми сармоягузорӣ асос меёбад. {2}

Бояд қайд намуд, ки новобаста аз он, ҳиссаи сармоягузориҳо дар ҳаҷми умумии ба кор даровардани сармояи асосӣ коҳиш ёфтааст, аммо ҳаҷми он зиёд шудааст ва иштироки давлат дар афзун намудани фондҳои асосии иқтисодиёти мамлакат фаъол аст. Ин дороие, ки хавфи гум шудан доранд, ба гурӯҳи суғуртаи амвол дохил мешаванд.

Сармоягузорӣ метавонад ҳамчун маҷмӯи захираҳо (арзишҳо) ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолиятҳо бо мақсадҳои ҷамъоварии дар шакли фоида (ё даромад), инчунин гирифтани таъсири мусбати иҷтимоию иқтисодӣ ва ғайра муайян карда шавад. Ҳамчунин ба ҳайси захираҳои сармоягузорӣ пул, молу мулки манқул ва ғайриманқул, объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ, литсензияҳо, патентҳо, маҳсулот, технологияҳо ва арзишҳои дигари зеҳнӣ, ҳуқуқи истифодаи замин, захираҳои табиӣ, инчунин дигар молу мулк ҳамчун захираҳои сармоягузорӣ амал мекунанд. Дар ҳамаи ин унсурҳои номбаршудаи омилҳои хавфноки сармоягузорӣ мавҷуданд.

Сармоягузорӣ, ки ҳамчун яке аз омилҳои муҳим дар рушди системаи иҷтимоию иқтисодии корхона амал мекунад дар ин ҳолат дурнамо ва рақобатпазирии иқтисоди миллиро аз рӯйи миқёс, сохтор ва самаранокии онро муайян менамояд. Маҳз ҳамин динамикаи сармоягузорӣ параметрҳои муҳими раванди такрористеҳсолкунӣ ҳам дар сатҳи

иқтисоди миллӣ ва ҳам дар сатҳи корхонаҳои алоҳида мебошад, ки ин тақсимоти захираҳоеро, ки барои ҳалли эҳтиёҷоти ҷорӣ ва оянда равона шудаанд, инъикоси истеъмоли ҷорӣ ва иттилоотро барои рушдиояндаи худ маънидод менамояд. Он раванди динамикиро тағйир додани шаклҳои сармоягузорӣ ва фондҳои сармоягузориро ба афзоиши арзиши капиталии захираҳо, инчунин раванде, ки иваз намудани доимии омилҳои зӯроварии истеҳсолро таъмин мекунад, нишон медиҳад.Далели сармоягузорӣ ва маблағгузории иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ ҳамчун омилҳои муҳити макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ чунин муайян карда шудааст: {2}

1.Омилҳои муҳити макроиқтисодӣ - иқтисодӣ (таваррум, сиёсати андозӣ, сиёсати пулию қарзӣ), сиёсӣ (чораҳои қонунгузорӣ, заминаи ҳуқуқии сармоягузорӣ, устувории танзими давлатӣ дар маҷмӯъ), илмӣ- техникӣ (сатҳи рушди техникӣ, иқтидори саноатӣ);

2.Омилҳои муҳити микроиқтисодӣ дастрасии воситаҳои сармоягузорӣ, сатҳи рақобат ва ғайра.

Ҳамаи ин омилҳо ба ин гуна меъёрҳо вобастаанд, ки хатар ва даромаднокии амалиётҳоро фарқ мекунанд, ки ин гуна фарқиятро фароҳам меорад: қобилияти даромади ҳадди аққал бо хавфу хатари камтар. Баланд шудани хавфҳои молиявӣ ва паст шудани даромад боиси ғайриимкон гардонидани даромади сармоягузорро дар шакли амонат мегардонад. Ҳамин тариқ, дар соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ, таносуби байни захираҳо ва истеъмоли он, сарфаю сарфакорӣ, сармоягузорӣ ва даромад аз сармоягузориҳоро фароҳам меорад.Андозаи хавфҳои сармоягузорӣ эҳтимолияти талафоти сармоягузорӣ ва даромад аз онҳоро нишон медиҳад. Ду намуди хавфҳои молиявӣ асосӣ мавҷуданд, ки ин - хавфи мунтазам ё ин, ки молиявӣ, ки аз тарафи омилҳое, ки сармоягузор ё идоракунандаи молиявӣ метавонанд таъсир нарасонанд: таваррум, фоизи қарзҳо, тағйрёбии нархҳо, қурби асъор. Бо вуҷуди таъсири ин омилҳо мумкин аст баҳо дода шавад ва бо дарназардошти ҳисоби муҳосиб, хавфҳо метавонад идоракунанда ҳисоб карда шавад. {5}

Хавфи молиявии ғайримунтазам. Ин хатвфест, ки на танҳо танзим карда мешавад, балки пеш аз ҳама, аз ҷониби сармоягузориҳои гуногун коҳиш дода мешавад.

Моҳияти хавфҳои молиявӣ яке аз консепсияҳои марказӣ дар назарияи молиявӣ (портфел) ва амалияи идоракунии молиявӣ мебошад. Ҳамин тариқ, хавфҳои молиявӣ яке аз консепсияҳои асосии фаъолияти сармоягузорӣ буда, зарурати таҳияи системаи муносибатҳои ҳифзи суғуртавиро ба миён мегузорад. Раванди сармоягузорӣ хеле хатарнок аст, бинобар ин, хавфҳои сармоягузорӣ таҳқиқоти доимӣ дар соҳаи иқтисодиёт мебошад.Хавфҳои сармоягузорие, ки имконнопазирии воридоти даромади пешбинишуда аст ва дар натиҷа боиси пайдоиши талафот мегардад. Омили муҳими тарҳрезии сармоягузорӣ, ҳисобдорӣ ва таҳлили он аст, ки ҳангоми интихоби алтернативаҳои рушди афзалиятнок зарур мебошад. Сармоягузорон дар баррасии ҳар гуна, ҳатто лоиҳаи ояндадор, мавҷудияти ҷузъи алоҳида дар нақшаи бизнес ё лоиҳа, ки таваккалҳои имконпазирро дар татбиқи лоиҳа, тавсияҳои пешниҳодшуда дар ҳолати пайдоиши вазъ ва мавҷудияти суғуртаи сармоягузорӣ шуда метавонад, талаб мекунанд.

Дар раванди фаъолияти сармоягузорӣ, субъектҳои иқтисодӣ бо як қатор хавфҳои сармоягузорӣ машғуланд, ки таснифоти онро ба намудҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: {7}

Якум, хавфи таваррум метавонад эҳтимолияти талафоте, ки аз ҷониби корхонаҳо дар натиҷаи арзиши воқеии сармоягузориҳо, талафи арзиши аслии воқеӣ (дар шакли сармоягузорӣ), ҳангоми нигаҳдорӣ ё баланд бардоштани арзиши номиналии онҳо, инчунин кам кардани даромад ва фоидаи назаррас аз ҷониби шахси воқеӣ аз сармоягузорӣ буда, шароитҳои бевосита аз ҳадди аққали болоравии сатҳи таваррум бо суръати афзоиши даромад аз сармоягузорӣ гардад.

Дуюм, хавфи профилактикӣ эҳтимолияти талафоте мебошад, ки субъекти хоҷагидорӣ метавонад дар натиҷаи коҳиш додани пул дар муомилот бо сабаби бозхондани қисми пули нақд, дохил карда мешавад.

Тавассути баланд бардоштани андоз, паст кардани сатҳи фоизҳо, кам кардани хароҷоти буҷет, афзоиши пасандозҳо ва ғайра.

Сеюм, хавфи бозорӣ эҳтимолияти тағйир ёфтани арзиши активҳо дар натиҷаи тағйирёбии нархҳо, қурби асъор, нархи молҳое мебошад, ки объекти сармоягузорӣ маҳсуб меёбанд. Хавфҳои гуногуни бозорӣ як қисми хатарҳои асъорӣ ва фоизӣ мебошанд.

Чорум, хавфу хатарҳои амалиётӣ сармоягузорӣ - эҳтимолияти талафоти сармоягузорӣ бо сабаби содир шудани хатогиҳои техникӣ ҳангоми амалиётҳо; дар натиҷаи амалиётҳои ғайричашмдошт аз тарафи кормандон; ҳолатҳои фавқулодда; камбудиҳо дар фаъолияти системаҳои иттилоотӣ, таҷҳизоти компютерӣ; вайронкунии амният ва ғайра рӯҳ медиҳанд;

**Ҷадвали 1. - Таснифи хавфҳои сармоягузорӣ**

| № | | |
|---|---|---|
| | **Аз руйи соҳаҳо** | |
| **1.** | **Техникӣ-технологӣ** | Хатарҳо бо номуайянӣ, ки ба компонентҳои техникӣ ва технологии лоиҳа таъсир мерасонанд, алоқаманд аст. |
| **2.** | **Иқтисодӣ** | Онҳо бо омилҳои ноустуворие, ки ба иқтисодиёт, ҷузъҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар кишвар ва фаъолияти субъекти иқтисодиёт дар татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, вобаста аст. |
| **3.** | **Хавфҳои сиёсӣ** | Бо омилҳои зерини номуайянӣ, таъсир ба ҷузъҳои сиёсӣ дар татбиқи фаъолияти сармоягузорӣ: интихоботҳои гуногун; тағйирот дар вазъияти сиёсӣ; тағйирот дар курсҳои сиёсии давлат ва ғайра. |
| **4.** | **Хавфҳои иҷтимоӣ** | Бо омилҳои номуайян алоқамандӣ доранд, ки ба ҷузъи иҷтимоии фаъолияти сармоягузорӣ, ба мисли: шиддати иҷтимоӣ; зӯроварӣ; татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ ва ғайра мебошад. |
| **5.** | **Хавфҳои экологӣ** | Онҳо бо номуайяниҳои зерин ба вазъияти муҳити атроф дар минтақа ва ба фаъолияти объектҳои сармоягузорӣ таъсир мерасонанд: ифлосшавии муҳити зист, вазъияти радиатсионӣ, офатҳои экологӣ, барномаҳои экологӣ ва ҳаракатҳои экологӣ. |
| **6.** | **Хавфҳои қонунгузорӣ** | Бо номуайянии зерин, ки ба татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, алоқаманд аст: тағйирот дар қонунгузории мавҷуда; зиддият, нокомӣ, нокомии заминаи нокифояи қонунӣ ва ҳуқуқӣ; кафолати қонунӣ; набудани мустақилияти судӣ ва арбитражӣ; беэътиноӣ ё пинҳон кардани манфиатҳои гурӯҳҳои алоҳида дар қабули қарорҳо; номукаммалии системаи мавҷудаи андозбандӣ дар давлат ва ғайра. |
| | **Аз руйи шаклҳои ошкоркунӣ** | |
| **1.** | **Хавфҳои воқеии сармоягузорӣ** | Бо чунин омилҳо алоқамандӣ доранд: мунтазам дар таъминоти мавод ва таҷҳизот; баланд бардоштани нархи молҳои сармоягузорӣ; Интихоби пудратчии ғайрирасмӣ ё ғайриоддӣ ва дигар омилҳое, ки таъини иншоотро коҳиш медиҳанд ё кам кардани даромад дар ҷараёни амалиётро дар бар мегирад. |
| 2. | **Хавфҳои молиявии сармоягузорӣ** | Бо чунин омилҳо вобастагӣ доранд: интихоби номатлуби воситаҳои молиявӣ; тағйироти ғайричашмдошт дар шароити сармоягузорӣ ва ғайра. |
| | **Аз руйи сарчашмаҳо** | |

| | | |
|---|---|---|
| 1. | **Мунтазам (бозор, ғайримутамарказ)** | Барои ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти сармоягузорӣ ва ҳамаи шаклҳои сармоягузориҳо асос ёфтааст. Он бо тағйирот дар марҳилаҳои давраи иқтисодӣ, сатҳи талаботи ҳалкунанда, тағйироти қонунгузории андоз ва дигар омилҳое, ки сармоягузор ҳангоми интихоби объекти сармоягузорӣ таъсир расонида наметавонад, муайян карда мешавад. |
| 2. | **Ғ айримунтазам (махсусан, диверсификатсия)** | Хусусият барои объекти инвеститсионӣ ё фаъолияти сармоягузори махсус. |

**Таҳияи муаллиф**

Панҷум, хавфу хатари функсионалии сармоягузорӣ эҳтимолияти талафоти сармоягузорӣ бо сабаби хатоҳое, ки дар ташаккул ва идоракунии сандуқи сармоягузориҳои воситаҳои молиявӣ рух додаанд, мебошад.

Шашум, хавфу хатари сармоягузориҳои интихоби имконпазирии нодурусти иншооти сармоягузорӣ дар муқоиса бо дигар вариантҳо мебошад.

Ҳафтум, хавфу хатари пардохтпазирӣ эҳтимолияти талафоти имконпазир аз ҳисоби имконпазирии ройгон додани фондҳои сармоягузорӣ дар ҳаҷми дуруст барои муҳлати кӯтоҳмуддат бо сабаби шароити бозор мебошад. Ҳамчунин зери хатари пардохтпазирӣ эҳтимолияти норасоии маблағҳо барои иҷрои уҳдадориҳо ба муқобили ҳамкорон фаҳмида мешавад.

Ҳаштум, хавфу хатари сармоягузории қарзӣ - агар худи сармоягузориҳо аз ҳисоби қарзҳои додашуда эҳсос карда шавад ва эҳтимолияти тағйир додани арзиши актив ё талафи дороиҳои аслӣ дар натиҷаи имконнопазирии қарзгир - сармоягузор барои иҷрои вазифаҳои шартномавӣ, ҳам дар маҷмӯъ ва ҳам дар ҳолатҳои алоҳида бо шартҳои шартномаи қарз амалӣ карда мешавад.

Нуҳум, хавфу хатари эҳтимолияти талафот вобаста ба татбиқи сармоягузориҳо дар дохили қаламрави кишваре мебошад, ки вазъи ноустувори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба шумор меравад.

Даҳум, хавфу хатари фоидаи аз дастдодашуда имконпазирии пайдоиши зарари молиявии ғайримустақим дар натиҷаи аз даст додани фаъолият, масалан, суғурта мебошад.

Суғурта яке аз воситаҳои муҳимтарини идоракунии хавфҳои молиявӣ мебошад, ки дар ҳолатҳои зерин истифода мешавад:Коҳиш додани сатҳи хавфҳо ба таҳлили фаъолияти молиявӣ - хоҷагидорӣ ва сармоягузории корхонаҳо асос меёбад. Мантиқи таҳлил асосан ба ҳадафҳои роҳбарони хоҷагидорӣ ва сармоягузорон вобаста аст. Таҳлилҳо бо мақсади муайян намудани иқтидори молии корхонаҳо гузаронида мешаванд. Таҳлил дар тағйироти сохтори дороиҳо, сарчашмаҳо, имконияти молии корхона, шароитҳои корӣ, натиҷаҳои молиявӣ, устувории молиявӣ ва пардохтпазирӣ, дурнамои фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидории корхонаҳои кишоварзиро дарбар мегирад. Илова бар ин, таҳлилҳои мантиқӣ нишон медиҳанд, ки ба фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ дигар омилҳо, аз ҷумла сатҳи иттилоот, таъмини методологӣ ва имкониятҳои хароҷотҳои муваққатӣ низ таъсир мерасонанд.Дар асоси принсипи мантиқӣ раванди таҳлил дар ду самт ё марҳила ташкил карда мешавад. Якум, таҳлили фаврии фаъолияти молиявӣ - хоҷагидорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ ки мақсади он нуктаи назари умумии корхонаро, барои ба даст овардани арзёбии оперативӣ ва дақиқи вазъи молиявию иқтисодӣ ва динамикаи рушд равона кардан аст.

Самти дуюм таҳлили амиқи фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ мебошад. Ин тарзи таҳлил дар муқоиса бо таҳлили фаврӣ, таҳлилӣ

муфассалтар мебошад. Ташкили таҳлил аз ҳисоби истифодаи базаи иттилооти беҳтарин, сохтори муфассал оид ба барномаи таҳлилӣ, ҷалби таҷҳизоти мураккаб ва гуногуни таҳлилӣ таъмин карда мешавад. Усули таҳлили молиявӣ дар маънои васеи низоми системаҳои назариявӣ-потенсиалӣ, воситаҳои илмӣ ва принсипҳои танзимкунандаи омӯзиши фаъолияти молиявии хоҷагиҳо мебошад. Ин намуди таҳлил бо усулҳои ғайрирасмӣ (мантиқӣ) ва расмӣ (математикӣ) амалӣ карда мешавад. Дар байни усулҳои ғайрирасмии таҳлил таҳияи системаи нишондодҳо, усули муқоисавӣ, сохтани ҷадвалҳои таҳлилӣ, усулҳои гуногуни арзёбии коршиносон мавқеи асоси доранд. Дар таҳлили фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ ва сармоягузории корхонаи кишоварзӣ таҳияи системаи нишондиҳандаҳо ё нишондодҳое, ки вазъи онҳоро тасвир мекунанд, аҳамияти муҳим дорад. {5}

Системаи нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявӣ- хоҷагидорӣ ва сармоягузорӣ бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

- интихоби нишондиҳандаҳои кофӣ барои ҳамаҷониба муайян намудани таҳлили объект (ва ҳамзамон зарурати дохил кардани ҳар яке аз онҳо дар система);
- мавҷудияти алоқаҳои муфид байни нишондиҳандаҳои расмии тафтишшавандагӣ;
- таъмини мантиқии паҳн шудани нишондиҳандаҳои шахсӣ дар хулосаҳо;
- омӯзиши дурусти нишондиҳандаҳои мутлақ, нисбӣ ва ғайра.

**Адабиёт**

1.Паёми Асосгузори Сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар, аз 28 декабри соли 2024. Душанбе. 2024.

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон”Дар бораи соҳибкорӣ”АМОҶТ с.2014,№7, қ.2, мод. 404; с.2015, №3,мод.216)

3.Нуров Ш.С.,Хоҷаев Д.Қ. Бегматов А.А., Сафаров Б.Г., Китоби дарсӣ «Идоракунии хавфҳои молиявӣ», Душанбе- 2018, 381 саҳ.

4.Нуров Ш.С.,Содиқов М.С.. Мирзоева Е.Ш., Ҳакимова М.С., Саъдиев Ҳ,Ф. Васоити таълимӣ – методӣ «Идоракунии хавфҳои молиявӣ», Душанбе- 2018, 165 саҳ.

5. Масилевич, Н. А., Финансовый менеджмент : учеб. пособие для студентов экономических специальностей вузов. – Мн. : БГТУ, 2006. – 337 с.

6.Ковалев В.В., Ковалев В.В. Бухгалтерская финансовая отчетность Анализ финансовой отчетности.: Москва - 2008г.

7.Хавфи сармоягузорӣ, Ҷугунов А.В.,ЛобановА.А.,Москва-2019.

## САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ВА РУШДИ БАХШҲОИ ТЕХНОЛОГИЯ

**Сафаров А.А.** – муаллими калони кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, тел.: (+992)909081617, e_mail: abdumalik_198605@mail.ru.

Дар мақолаи мазкур муаллиф доир ба сармоягузории хориҷӣ ва рушди бахшҳои технология дар рушди иқтисодиёти кишварҳо ва корхонаҳо нақши муҳим мебозанд сухан меравад. Ин омилҳо метавонанд ба баланд шудани рақобатпазирӣ, ба даст овардани захираҳои молиявӣ, ва ба рушди иқтидорҳои нав дар бахшҳои мухталиф кумак менамоянд. Сармоягузории хориҷӣ ва рушди бахшҳои технология дар ҳамкории ҳамдигар ба рушди иқтисодии кишварҳо ва беҳтар кардани сифати зиндагии мардум кӯмак мерасонад. Сармояи хориҷӣ имкониятҳои зиёдро барои ҷалби технологияи муосир ва истифодабарии захираҳои инсонӣ дар бахшҳои технологӣ фароҳам меорад, ки ин ба рақобатпазирӣ ва инноватсия дар

бозорҳо мусоидат мекунад. Барои кишварҳо муҳим аст, ки бо истифода аз сармоягузориҳои хориҷӣ ва рушди технологияҳо ба ҷаҳони рақамӣ мутобиқ шаванд, ки боиси рушди устувори иқтисодӣ оварда мерасонад сухан меравад.

**Калидвожаҳо:** сармоягузории хориҷӣ, рушди бахшҳои технология, технологияи муосир,навоварӣ

## ИНОСТРАННЫЕ ИНВЕСТИЦИИ И РАЗВИТИЕ ТЕХНОЛОГИЧЕСКИХ СЕКТОРОВ

**Сафаров А.А.** – старший преподаватель кафедры финансового менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета, г. Ташкент. Душанбе, ул. Нахимова 64/14, тел.: (+992)909081617, e-mail: abdumalik_198605@mail.ru.

В данной статье автор рассматривает важную роль, которую иностранные инвестиции и развитие технологических секторов играют в экономическом развитии стран и предприятий. Эти фактора могут способствовать повышению конкурентоспособности, получению финансовых ресурсов и развитию новых возможностей в различных секторах. Иностранные инвестиции и развитие технологических секторов в сотрудничестве друг с другом помогают странам экономически развиваться и улучшать качество жизни своих людей. Иностранные инвестиции создают множество возможностей для привлечения современных технологий и использования человеческих ресурсов в технологических секторах, что способствует повышению конкурентоспособности и внедрению инноваций на рынках. Странам важно адаптироваться к цифровому миру, используя иностранные инвестиции и технологическое развитие, что приведет к устойчивому экономическому росту.

**Ключевые слова:** иностранные инвестиции, развитие технологических секторов, современные технологии, инновации

## FOREIGN INVESTMENT AND TECHNOLOGY SECTOR DEVELOPMENT

**Safarov A.A.** – Senior Lecturer, Department of Financial Management, Tajik State University of Finance and Economics, Tashkent. Dushanbe, Nakhimov St. 64/14, tel.: (+992)909081617, e-mail: abdumalik_198605@mail.ru.

In this article, the author examines the important role that foreign investment and the development of technology sectors play in the economic development of countries and enterprises. This is factor can help improve competitiveness, obtain financial resources, and develop new opportunities in various sectors. Foreign investment and technology sector development, in cooperation with each other, help countries develop economically and improve the quality of life of their people. Foreign investment creates many opportunities to attract modern technologies and use human resources in technology sectors, which contributes to competitiveness and innovation in the markets. It is important for countries to adapt to the digital world using foreign investment and technology development, which will lead to sustainable economic growth.

**Key words:** foreign investment, development of technology sectors, modern technologies, innovations

Дар ҷаҳони имрӯза бахши технология дар рушди иқтисодиёти кишварҳо нақши муҳимро мебозад. Навоварӣ, автоматикунонӣ ва рақамисозӣ ба баланд шудани рақобатпазирии давлатҳо дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд. Яке аз омилҳои муҳиме, ки ба рушди соҳаи технология таъсир мерасонад, ин сармоягузории хориҷӣ мебошад.

Сармоягузории хориҷӣ на танҳо барои таъмини маблағгузорӣ ба ин ё он соҳа, балкӣ барои ворид шудани донишҳо, воридоти технологияҳои нав ва ҳамгироии иқтисодиёти миллӣ ба ҳамбастагии арзишҳои ҷаҳонӢ мусоидат мекунад.

Дар ин мақола таъсири сармоягузории хориҷӣ ба рушди соҳаҳои технологӣ таҳлил шуда, афзалиятҳо ва мушкилоти асосии он баррасӣ шуда, тамоюлҳои имрӯзаи ин соҳа баҳо дода шудаанд.

Нақши сармоягузории хориҷӣ ба рушди соҳаҳои гуногун мусоидат мекунад, аз ҷумла, сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки дар инҷо стартапҳои технологӣ ва ширкатҳои калон барои таҳқиқ, таҳия ва татбиқи технологияҳои нав сармоягузории зиёдро талаб мекунад. Дар инҷо сармоягузории хориҷӣ имкон медиҳад, ки захираҳои иловагӣ барои: а) таҳияи маҳсулот ва хизматрасониҳои нав; б) тиҷоратикунонии дастовардҳои илмӣ; в) васеъ намудани истеҳсолот ва ворид шудан ба бозорҳои нав.

Воридоти технологияҳо ва донишҳои нав. Яке аз манфиатҳои асосии сармоягузории хориҷӣ интиқоли технологияҳои пешрафта ва таҷрибаи идоракунӣ мебошад. Сармоягузорони хориҷӣ аксар вақт бо худ ноу-хауро меоранд, ки ба онҳо имкон медиҳад:

- якум, суръат бахшидан ба татбиқи технологияҳои муосир;
- дуюм, баланд бардоштани ихтисоси мутахассисони маҳаллӣ;
- сеюм, оптимизатсиякунонии равандҳои соҳибкорӣ ва пайвандкунии истеҳсолот.

Таъсиси ҷойҳои корӣ ва рушди сармояи инсонӣ. Сармоягузорӣ дар бахши технология ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, махсусан дар бахшҳои IT, зеҳни сунъӣ, робототехника ва биотехнология мусоидат мекунад. Дар натиҷа сармояи инсонӣ аз ҳисоби омилҳои дар зер овардашуда инкишоф меёбад:

1. баланд бардоштани сатҳи маълумот ва тарбияи кадрҳо;
2. рушди марказҳои илмӣ ва донишгоҳҳо;
3. ҳавасмандгардонии ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва бахши илмӣ.

Новобаста аз бартариятҳо, сармоягузории хориҷӣ дар бахшҳои техонологӣ бо як қатор мушкилот ва хатарҳо ҳамроҳ ҳастанд:

1. Вобастагӣ аз сармоягузорони хориҷӣ

Ҳиссаи зиёди сармоягузории хориҷӣ метавонад боиси вобастагии иқтисоди миллӣ аз омилҳои беруна, аз ҷумла бӯҳронҳои иқтисодӣ, таҳримҳо ва ноустувории геополитикӣ гардад.

2. Интиқоли технология ва ихроҷи маълумот

Баъзе кишварҳо аз он метарсанд, ки ширкатҳои хориҷӣ метавонанд технологияҳои муҳим ва моликияти зеҳниро назорат кунанд, ки эҳтимолан ин ба амнияти миллӣ таҳдид мекунад.

3. Танзим ва протексионизм

Бисёр кишварҳо барои ҳифзи ширкатҳои технологии ватанӣ аз таъсири таҳдидҳои хориҷӣ қоидаҳои қатъӣ ҷорӣ мекунанд. Ин метавонад дар шакли маҳдудият ба моликияти ширкатҳои технологӣ, талаботи қатъӣ барои маҳалликунонии истеҳсолот ва назорати интиқоли маълумот бошад.

Дар солҳои охир, як қатор тамоюлҳои асосии марбут ба сармоягузории хориҷӣ дар бахши технологӣ ба назар мерасанд:

а) афзоиши сармоягузориҳо ба зеҳни сунъӣ ва Big Data - ширкатҳои хориҷӣ ба рушди AI ва таҳлили маълумотҳои зиёд фаъолона сармоягузорӣ мекунанд.

б) рушди технологияҳои сабз – сармоягузориҳои хориҷӣ ба рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ тоза мусоидат мекунанд.

в) дастгирии давлатӣ ба соҳаҳои стратегӣ – бисёр кишварҳо барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои муҳими технологӣ маблағҳои махсус ва барномаҳо эҷод мекунанд.

Хуллас, сармоягузории хориҷӣ дар рушди бахшҳои технологӣ тавассути таъмини маблағгузорӣ, интиқоли дониш ва таъсиси ҷойҳои корӣ нақши муҳим мебозад. Аммо барои самаранок истифода бурдани сармояи хориҷӣ кишварҳо бояд: 1. Бо роҳи таъмини фазои устувори ҳуқуқӣ барои сармоягузорон шароити мусоид фароҳам оваранд; 2. Назорати бахшҳои стратегӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ. 3. Таҳияи экосистемаҳои инноватсионии худӣ барои коҳиш додани вобастагӣ аз сармоягузориҳои хориҷӣ.

Ҳамин тариқ, идоракунии салоҳиятноки сармоягузориҳои хориҷӣ метавонад як муҳаррики тавоно барои пешрафти технология ва рушди иқтисодиёт гардад.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2007, №5. Моддаи 365; 2008, №2.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2004, №5. Моддаи 335.
3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе, 2016.
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: “Мушфиқӣ”, 2012. Моддаи 103. С.130-131.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шаҳри Душанбе, 21 декабри соли 202.
6. Солеҳзода, А.А. Раҳмонов С.А. // Таҳлили сармоягузориҳо ва рушди соҳаҳои истеҳсолоти саноати дар Тоҷикистон. // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иктисодӣ ва ҷамъиятӣ 2015. №2/9 (190). С. 14-17.
7. Соловьева Ю.Н. Фейгин. Г.Ф. – Влияние прямых иностранных инвестиций на развитие информационно-коммуникационного сектора России // Проблемы современной экономики, 2015, №2(54). С. 73.
8. Сулаймонов, Ш. Ф. Эффективный сектор бизнес-услуг как условие развития малого и среднего бизнеса в Республике Таджикистан / Ш. Ф. Сулаймонов // Наука и бизнес: пути развития. – 2017. – № 6(72). – С. 59-63. – EDN ZDLYXD.


# РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИИ ИННОВАТСИОНӢ-САРМОЯГУЗОРӢ БА КОРХОНАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Ҳакимова Мавзуна Саторовна** – муаллими калони кафедраи менеҷменти молиявӣ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға:734067,Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 987819656. mavzuna.khakimova.83 @mail.ru

Дар мақолаи мазкур қайд карда шудааст, ки Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсад мегузорад, ки кишвари мо дар равандҳои тақсимоти байналхалқии меҳнат ва ворид гардидан ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба сифати субъекти мустақилу баробарҳуқуқ иштирок кунад.

Бояд қайд намуд, ки аҳамияти сармоягузориҳо метавонад бо тадриҷ ва ҳамзамон бо афзудани ҳаҷмҳои сармоягузориҳои навро ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ҷалб намоянд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки корхонаҳои нав роҳи муҳимтарини воридшавии сармоягузориҳоро ба иқтисоди кишвар нишон дода, як такони ҷиддӣ ба фаъолияти нави инноватсионии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда метавонанд.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёт, сармоягузорӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, технология, корхонаҳои истеҳсолӣ, инноватсия.

## РАЗВИТИЕ ИННОВАЦИОННОЙ ФИНАНСОВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ИНВЕСТИЦИЙ НА ПРЕДПРИЯТИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Хакимова Мавзуна Саторовна** - старший преподаватель кафедры финансового менеджмента, Таджикский государственный финансово – экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 987819656. mavzuna.khakimova.83 @mail.ru

В данной статье отмечается, что независимость Республики Таджикистан направлена на участие нашей страны в процессах международного разделения труда и вхождение в мировую экономику в качестве самостоятельного равноправного субъекта.

Следует отметить, что значимость инвестиций может постепенно и одновременно увеличивать объем новых инвестиций в экономику Республики Таджикистан. Мировой опыт показывает, что новые предприятия представляют собой важнейший путь входа инвестиций в экономику страны и могут стать серьезным импульсом новой инновационной деятельности предприятий Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** экономика, инвестиции, международные отношения, деловая активность, технологии, производственные предприятия, инновация.

## DEVELOPMENT OF INNOVATIVE FINANCIAL INVESTMENT ACTIVITIES IN ENTERPRISES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Khakimova Mavzuna Satorovna** - Senior Lecturer, Department of Financial Management, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Telephone: 987819656. mavzuna.khakimova.83 @mail.ru

This article notes that the independence of the Republic of Tajikistan is aimed at our country's participation in the processes of international division of labor and entry into the global economy as an independent, equal subject.

It should be noted that the importance of investments can gradually and simultaneously increase the volume of new investments in the economy of the Republic of Tajikistan. World experience shows that new enterprises are the most important way of investment entry into the country's economy and can become a serious impetus for new innovative activities of enterprises in the Republic of Tajikistan.

**Key words:** economics, investments, international relations, business activity, technologies, industrial enterprises, innovation.

Истиқлолияти ба Ҷумҳурии Тоҷикистон насибгардида мақсад мегузорад, ки кишвари мо дар равандҳои тақсимоти байналхалқии меҳнат ва ворид гардидан ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба сифати субъекти мустақилу баробарҳуқуқ иштирок кунад.

Табиист, ки мақоми нави ҷумҳурӣ дар низоми муносибатҳои байналмиллалии иқтисодӣ, таҷдиди муносибатҳои пештара ва коркарди асосҳои мутобиқгардидаи қонунбарориро ба масъалаҳои робитаҳои иқтисодиёти берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти махсусиятҳои вазъияти геосиёсӣ, вазъи ҳарбӣ - сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии дар айни замон дар мамлакат ба вуҷудомада ва дурнамои мушоҳидашавандаро ба роҳ монад.

Ҳангоми сохтани корхонаҳои нав, ё ки тавтаҷҳизонидани корхонаҳои амалкунанда сармоягузориҳои ватаниву хориҷӣ бояд, ки пешакӣ ташхиси (экспертизаи) мутобиқ (аз он ҷумла экологӣ) ва низ хулосаи хадамоти беҳдошти эпидемиологиро аз хусуси ҳолати беҳдоштӣ ва экологии вазъи муҳити табиӣ, захираҳои мутобиқи дар вақти сохтан ва васеъ кардани ҳамин истеҳсолот истифода бурдашавандаро ба вуқӯъ бипайванданд.

Афзоиши самараноки иқтисоди миллӣ дар ояндаи истифодабарии роҳу равиши комплексиро оид ба масъалаи ҷалби сармоягузории ватаниву хориҷӣ ба иқтисодиёт Тоҷикистон, махсусан ба минтақаҳои он тақозо менамояд. Инчунин субъектҳои хоҷагидор низ бояд фаъолияти сармоягузории худро фаъол намоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки аҳамияти сармоягузории дохилӣ метавонад бо тадриҷ ва ҳамзамон бо афзудани ҳаҷмҳои сармоягузориҳои хориҷиро боз бештар гаронад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки корхонаҳои муштарак роҳи муҳимтарини воридшавии сармояи ватаниву хориҷиро ба иқтисоди кишвар ва роҳи фаъолияти инноватсиониро ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ фаъол менамоянд. Фароҳам овардани муҳити иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва психологӣ дар кишвар барои рушди корхонаҳо нави инноватсионӣ на танҳо баҳри зиёд намудани шумораи онҳо, балки барои суръатбахшии сармояи нав, баланд бардоштани рейтинги сармоягузории кишвар низ муҳим мебошад [3].

Сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва ноил гардидан ба самараи манфиати умум дар соҳаи сармоягузорӣ нигаронида шуда, иштироки бевоситаи давлатро дар фаъолияти сармоягузории дорои аҳамияти ҷамъиятӣ ва инчунин ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузории аз тарафи бахши хусусӣ анҷом додашударо дар бар мегирад [5].

Чунонки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш иброз намуданд" Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳадафҳои олиамон тақвияти сармояи инсонӣ, баланд бардоштани самаранокии бахши воқеӣ, таҳкими сохтории идоракунии давлат, таъмини устувори нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва рушди иқтисодиву иҷтимоӣ бо ташкили ҷойҳои нави кории дараҷаи баланди истеҳсолӣ ва фароҳам овардани замина барои таҳкими иқтидори содиротии кишвар ҳамчун самтҳои муҳимтарини сиёсати иқтисодиву иҷтимоии давлат муайян гардидаанд " [4].

Сармоягузорӣ дар густариш ёфтани фарогирии иқтисоди ҷаҳонӣ ва иқтисодиёти ҳар як кишвари алоҳида нақши муҳим дорад. Сарчашмаи муҳими молиякунонии сармоягузорӣ дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон, сармоягузориҳои нав ба нав ба ҳисоб

мераванд.

Дар ин ҷо бояд қайд карда гузашт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз бештар барои он манфиатдор аст, ки дар кишвар дараҷаи баланди заминаи корхонаҳо бо иқтидорҳои нав ва истеҳсолоти инноватсиониро ташкил карда,барои мукаммалгардонӣ ва афзун сохтани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.

**Адабиёт**

1.Басовский, Л.Е. Экономическая оценка инвестиций / Л.Е. Басовский, Е.Н. Басовская. – М.: ИНФРАМ, 2018.- 240 с.

2.Бочаров, В.В. Инвестиции. Инвестиционный портфель. Источники финансирования. Выбор стратегии / В.В. Бочаров, М.: Питер, 2018.- 288 с.

3.Деятельность свободных экономических зон. [Электронный ресурс]. URL:http://fez.tj/news/150-deyatelnost-svobodnyh-ekonomicheskih-zon-espubliki-tadzhikistan.html.

4.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ», Душанбе, 28.12.2023.

5.Ҳисобот оид ба фаъолияти кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон., соли 2022.

## ИДОРАКУНИИ ХАВФҲОИ МОЛИЯВИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

**Саъдиев Ҳумайни Фозилбекович** - ассистенти кафедраи менеҷменти молияви ДДМИТ. Суроға: 734067 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел: (+992) 918-42-17-05. E- mail: humayni-89@mail.ru

Дар мақола муаллиф доир ба иқтисоди рақамӣ ба соҳибкорон имкониятҳои зиёдеро барои рушд ва кӯмак дар афзоиши тиҷорат фароҳам меорад, вале дар канори ин, хавфҳои ҷиддӣ низ вуҷуд доранд. Барои кам кардани таъсири манфии ин хавфҳо, соҳибкорон бояд стратегияҳои дуруст ва истифодаи технологияи амниятиро қабул намоянд, ҳамчунин ба қонунгузорӣ ва танзимотҳои ҳукуматӣ мутобиқ бошанд. Идоракунии хавфҳо ва мутобиқшавӣ ба муҳити рақобатӣ, инчунин истифодаи имкониятҳои нави рақамӣ, барои муваффақияти тиҷорат дар шароити рақамӣ хеле муҳим аст сухан меравад.

**Калид вожаҳо:** хавфи соҳибкорӣ, иқтисоди рақамӣ, хавфи амният ва ҳифзи маълумот, хавфи рақобат

## УПРАВЛЕНИЕ ФИНАНСОВЫМИ РИСКАМИ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В УСЛОВИЯХ ПЕРЕХОДА К ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

**Саъдиев Хумаини Фозилбекович** - ассистент кафедры финансового менеджмента ТГФЭУ. Адрес: 734067 Республика Таджикистан, ш. Душанбе, к. Нахимова 64/14. Тел: (+992) 918-42-17-05. Электронная почта: humayni-89@mail.ru

В статье автор цифровая экономика предлагает предпринимателям множество возможностей для развития и роста бизнеса, но вместе с этим существуют и серьезные риски. Чтобы смягчить негативное влияние этих рисков, предприятиям необходимо применять правильные стратегии и использовать технологии безопасности, а также

соблюдать государственное законодательство и нормативные акты. Управление рисками и адаптация к конкурентной среде, а также использование новых цифровых возможностей имеют решающее значение для успеха бизнеса в цифровой среде.

**Ключевые слова:** бизнес-риск, цифровая экономика, риск безопасности и защиты данных, риск конкуренция

## MANAGING FINANCIAL RISKS OF BUSINESS ACTIVITIES IN THE CONTEXT OF TRANSITION TO A DIGITAL ECONOMY

**Sadiev Humayni Fozilbekovich** - Assistant of the Department of Financial Management, TSFEU. Address: 734067 Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Nakhimova street 64/14. Tel: (+992) 918-42-17-05. E-mail: humayni-89@mail.ru

The digital economy offers entrepreneurs many opportunities to develop and grow their businesses, but it also comes with significant risks. To mitigate the negative impact of these risks, businesses need to implement the right strategies and use security technologies, as well as comply with government laws and regulations. Risk management and adaptation to the competitive environment, as well as taking advantage of new digital opportunities, are critical to business success in the digital environment.

**Key words:** business risk, digital economy, security and data protection risk, competition risk

Идоракунии хавфҳои молиявии фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ як масъалаи муҳими иқтисодӣ ва идорӣ мебошад, ки барои амалиёти муассир ва муваффақи корхонаҳо дар шароити нави иқтисодӣ зарур аст. Барои баҳогузорӣ ва таҳлил кардани хавфҳои молиявӣ дар иқтисоди рақамӣ, баъзе омор ва усулҳо бояд истифода шаванд иқтисоди рақамӣ ин иқтисодест, ки асосан дар он барои истеҳсол ва мубодила кардани маълумот, хадамот ва молҳо аз технологияҳои рақамӣ ва интернет истифода мешавад. Иқтисоди рақамӣ имкониятҳои нави тиҷоратиро барои соҳибкорон фароҳам меорад, вале дар канори ин, як қатор хавфҳо ва чолишҳо низ вуҷуд доранд, ки метавонанд барои фаъолияти соҳибкорӣ таҳдид ба вуҷуд оранд.

Мувофиқи маълумотҳои созмонҳои молиявиявии байналмилмалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қатори давлатҳои беҳтарини ислоҳотгар дар соҳаи дастгирири шаклҳои гуногуни молиякият аз ҷумла моликияти хусусӣ ворид гаштааст. Ин моро водор месозад,ки барои фаъолияти соҳибкорӣ хусусан соҳибкории истеҳсоли ҳама фазои мусоидро фароҳам созем (диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1. - Нишондиҳандаҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сектори хусусӣ**



**Манбаъ:** https://investcom.tj/tj/sokhibkori/43-nishondiandaoi-rushdi-soibkor-va-sektori-husus.html

Дар диараммаи 1 меъёри камшавӣ ва зиёдшавии соҳибкорони фаъолияткунанда оварда шудааст.

Бояд қайд кард, ки сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вақти ироаи Паём ба Маҷлиси олии кишвар, ки санаи 26.12.2019 баргузор гардид, Ҳукумати кишварро вазифадор карданд, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад [21].

Хавфҳои молиявии соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ оварда шудаанд:

1. **Таҳлил ва шиносоии хавфҳо**: Пеш аз ҳама, муҳим аст, ки соҳибкорон хавфҳои молиявиро, ки метавонанд фаъолияти онҳо ва тиҷорати онҳо дар иқтисоди рақамӣ бо онҳо рӯ ба рӯ шаванд, дуруст шиносоии намоянд.

Хавфҳои асосӣ метавонанд инҳоро дар бар гиранд:

- Хавфи номуайянӣ дар нархҳо ва арзишҳои молиявӣ;
- Хавфи тағйирот дар фурӯш ва талабот;
- Хавфи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ (масалан, тағйироти қонунгузорӣ);
- Хавфи технологӣ ва таъриф кардани системаи коркард.

2. **Пешгӯйӣ ва таҳлилҳои молиявӣ**: Дар иқтисоди рақамӣ, бо истифода аз системаҳои авангардии таҳлил ва моделсозии маълумотҳо, метавон пешгӯӣ кард, ки чӣ гуна хавфҳо метавонанд ба фаъолияти молиявии соҳибкорон таъсир расонанд. Моделҳои статистикӣ, алгоритмҳои таҳлилӣ ва технологияҳои абзорҳои маълумот метавонанд барои идоракунии хавфҳо кӯмак кунанд.

3. **Низомҳои автоматизатсия ва мониторинг**: Истифодаи низомҳои автоматизатсия ва мониторинг барои шеносоии бавақт ва пешгирии хавфҳо хеле муҳим аст. Вебсайтҳо, барномаҳои мобилӣ ва дигар платформаҳои онлайн метавонанд ба соҳибкорон кӯмак кунанд, ки хавфҳоро зуд ва самаранок шиносо ва рафъ кунанд.

4. **Амният ва салоҳияти технологӣ**: Бо рушди технологии рақамӣ, истеҳсол ва захираҳои амниятӣ бояд тавассути таъмини софӣ ва рақамӣ таъминот ва мутобиққунии пайвастшавӣ ба осонӣ иҷро шаванд. Ҳар як иштибоҳ дар технологияи амниятӣ метавонад хавфи молиявиро зиёд кунад, бинобар ин, таҷҳизоти амниятӣ ва муҳити онлайн бояд пайваст ва қавӣ бошанд [2].

**Хулоса.** Идоракунии хавфҳои молиявӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ барои соҳибкорон тақозо мекунад, ки стратегияҳои муосир ва технологӣ истифода баранд. Таҳлил ва пешгӯии хавфҳо, мониторинг ва автоматизатсия дар шеносоии хавфҳо, ҳамзамон бо таъмини амният ва рақамиии дуруст, роҳи беҳтар барои назорат ва рафъи хавфҳои молиявии соҳибкорӣ дар шароити рақамӣ мебошад, хавфҳои иқтисоди рақамӣ ва соҳибкорӣ дар баробари фоидаҳо ва имкониятҳо низ хатарҳои хос доранд. Барои коҳиш додани ин хавфҳо, соҳибкорон бояд стратегияҳои идоракунии хавфро таҳия ва технологияҳои амниятиро дар амал бигиранд. Ба ҳамин тартиб, соҳибкорон метавонанд дар муҳити рақамии муосир муваффақ ва устувор амал намоянд.

Дар маҷмӯъ, соҳибкорон бояд ба идоракунии ин хавфҳо таваҷҷӯҳ кунанд ва барои коҳиш додани таъсири манфии онҳо стратегияи дуруст ва технологияҳои амниятиро

истифода баранд. Ташкил кардани механизми мониторинг ва таҳлили хавфҳои молиявӣ ва технологӣ, инчунин мутобиқшавӣ ба қонунгузорӣ ва мувозинат дар муҳити рақобатӣ, барои муваффақият дар иқтисоди рақамӣ зарур аст.

Хавфҳои соҳибкорӣ ва иқтисоди рақамӣ ҳамчун ду ҷанбаи муҳими рушди тиҷорати муосир ба ҳисоб мерафанд. Дар шароити иқтисоди рақамӣ, соҳибкорон бо як қатор хавфҳо рӯбарӯ мешаванд, ки метавонанд фаъолияти онҳо ва муваффақияти онҳо дар бозорро таҳдид кунанд. Баъзе аз хавфҳои асосӣ, ки соҳибкорон дар иқтисоди рақамӣ метавонанд бо онҳо рӯбарӯ шаванд, ба шарҳҳои зерин ишора мекунанд:

**1. Хавфҳои технологӣ**

• **Ҳакерӣ ва амният**: Як хатар асосӣ дар иқтисоди рақамӣ — ин хавфи хакерӣ аст. Ҳуҷумҳои кибериии ба интернет, хакерӣ ё дуздии маълумот метавонад ба соҳибкорон зарар занад ва маълумоти арзишманди мизоҷон ва ширкатро ба даст орад. Барои кам кардани ин хавф, ширкатҳо бояд ба амният ва муҳофизати маълумот аҳамияти махсус диҳанд.

**2. Хавфи қарзи рақамӣ**

Ширкатҳое, ки дар фазои рақамӣ амал мекунанд, барои рушди худ кӯмакҳои молиявӣ талаб мекунанд. Маъзарат аз ҷиҳати рақамӣ ва қарзи рақамӣ метавонад омили ба амонат доштану ё қарз аз ширкатҳо ва ташкилотҳои молиявии онлайн бошад. Агар соҳибкорон нақшаҳои дуруст ва хатари қарзи рақамиро нагиранд, онҳо метавонанд дар хатари кам шудани манфиатҳо ва афзоиши қарзи молиявӣ қарор гиранд.

**3. Хавфи ҳуқуқӣ ва танзимӣ**

• Дар иқтисоди рақамӣ, қонунгузорӣ ва танзимҳои ҳукуматӣ, ки дар бораи фаъолияти онлайн ва истифодаи платформаҳои рақамӣ дар ҷараёни ҷаҳонӣ таҳия шудаанд, метавонанд мураккаб ва тағйирёбанда бошанд. Агар ширкатҳо ба қонунҳои ҷорӣ ва хати сиёсии ҳукумат мувофиқат накунанд, метавонанд бо таҳдидҳо ва ҷаримаҳое рӯбарӯ шаванд.

• Ҳамчунин, танзимоти маҳдудкунанда, ки дар баъзе кишварҳо нисбат ба ҷамъоварии маълумоти шахсиро ҷорӣ мекунанд, метавонанд ба фаъолияти тиҷорат таъсир расонанд.

**4. Хавфи рақобат дар муҳити рақамӣ**

• Рақобат дар иқтисоди рақамӣ боиси кам шудани маржаҳои фоида ва сатҳи риояи тиҷорат мешавад. Барои корхонаҳое, ки дар бозори рақамӣ қарор доранд, зарур аст, ки барои ҷалби мизоҷон ва нигоҳ доштани бренди худ рӯйдодҳои нав ва тарҳҳои рақобатпазирро истифода баранд.

• Бо рушди технологиҳои рақамӣ, ширкатҳои нав метавонанд ба осонӣ вориди бозор шаванд, ки ин як хатар барои соҳибкорони мавҷуда мебошад [17].

**5. Хавфи амният ва ҳифзи маълумот**

• Вақте ки корхонаҳо маълумоти мизоҷон ва таҷҳизоти рақамиро дар платформаҳои онлайн нигоҳ медоранд, хавфи дуздии маълумот ё ҷамъоварии номуайяни маълумотро наметавон рад кард. Нагузоштан ба муҳофизат ва таъмини иттилооти мизоҷон метавонад ба эътибор ва яклухтии тиҷорат зарар занад.

**6. Хавфи нархгузорӣ ва тағйироти иқтисодии ҷаҳонӣ**

• Дар муҳити рақамӣ, нархи маҳсулот ва хидматҳо метавонад хеле номуайян бошад. Тағйироти ноқис ё пешгӯишавандаи нархҳо метавонанд таъсир ба фоида ва тиҷорати умумии соҳибкорон расонанд.

• Шароитҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, мисли фалокатҳо ё ҷангҳои иқтисодӣ, метавонанд дар фаъолияти рақамӣ низ таъсир расонанд. Ҳангоми ноамнӣ ва дигар оморҳои макроиқтисодӣ, дар муҳити рақамӣ ҷойи ин таҳдидҳо зиёд аст [18].

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2019 ш. Душанбе
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2018 ш. Душанбе
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" ш. Душанбе 26 июли соли 2014, № 1107
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ " ш. Душанбе, 19 майи соли 2009, № 508
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ш. Душанбе 28.декабри соли 2012. №907
6. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ ш. Душанбе, 26 июли соли 2014 №1107
7. Маҷалаи Боҷу хироҷ аз санаи 8- уми августи соли 2019 саҳифаи 15 №32
8. Маҷалаи Боҷу хироҷ аз санаи 8- уми августи соли 2019 саҳифаи 7 №32
9. Суханронии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандани соҳаи саноати кишвар ш. Душанбе 14.10.2019
10. Суханронии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси тантанавӣ ба ифтихори 25-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе 04.11.2019
11. Муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкории истеҳсолии ш. Душанбе
12. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи моволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: https://investcom.tj,
13. Вазорати рушди иқтисод ва савдо https://medt.tj
14. Горфинкель, В. Я. Инновационное предпринимательство: учебник и практикум для среднего профессионального образования / В. Я. Горфинкель [и др.]; под редакцией В. Я. Горфинкеля, Т. Г. Попадюк. - Москва: Издательство Юрайт, 2019. 523 с.
15. (Профессиональное образование). — ISBN 978–5–534–10221–5. —// ЭБС Юрайт [сайт]. — URL: https://biblio-online.ru/bcode/442427 (дата Боброва, О. С. Настольная книга предпринимателя: практическое пособие / О. С. Боброва, С. И. Цыбуков, И. А. Бобров. — Москва: Издательство Юрайт, 2019. — 330с.
16. Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
17. BI-технологии и корпоративные информационные системы в оптимизации бизнес-процессов цифровой экономики : материалы X Междунар. науч.-практ. очно-заочной конф. (Екатеринбург, 2 декабря 2022 г.) / М-во науки и высш. образования Рос. Федерации [и др.] ; отв. за вып.: А. Ю. Коковихин, Д. М. Назаров ; отв. ред. С. В. Бегичева. - Екатеринбург : Изд-во УрГЭУ, 2023. - 175 с.
18. Актуальные финансовые и управленческие проблемы развития отраслей, агломераций и предприятий РФ в условиях цифровизации экономики : монография / Л. С. Артамонова, Р. Р. Бигеев, О. В. Борисова [и др.] ; под ред. И. В. Политковской [и др.]. - Москва : РУСАЙНС, 2024. - 186 с.
19. Афанасенко И. Д. Цифровая логистика : учебник / И. Д. Афанасенко, В. В. Борисова. - Санкт-Петербург [и др.] Питер, 2019. - 269 с.

20. Бакулина А. А. Блокчейн как объект оценки : монография / А. А. Бакулина, В. В. Григорьев. - Москва : РУСАЙНС, 2024. - 197 с.
**21. Google Scholar**: scholar.google.com - Платформаи ҷустуҷӯии мақолаҳои илмӣ, "Digital Economy Risks" ё "Cybersecurity in Business"

## ТАШАККУЛЁБИИ САРЧАШМАҲОИ МОЛИЯКУНОНИИ КОРХОНА

**Гадоев Нозил Таваралиевич** – ассистенти кафедраи менеҷменти молиявӣ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға:734067,ҶумҳурииТоҷикистон. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 971800900.

Дар мақолаи мазкур муаллиф доир ба нақши корхона соҳаи асосӣ ва муҳимтарини хоҷагии халқи Ҷумҳурии мо ба шумор меравад. Зеро аз инкишофи он пешрафти тамоми хоҷагии халқ ва ҳаматарафа қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни мардуми мо вобастагӣ дорад. Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурӣ барои ривоҷу равнақи корхонаҳо ҳавасманд мебошанд. Корхона ин коллективи кормандон мебошад, ки барои истеҳсоли маҳсулот ё хизматҳои муайян ташкил карда шудааст, дорои захираҳои моддӣ, техникӣ ва молиявӣ мебошад, ҳуқуқи шахси юридикиро дорад ва дар асоси худкифоӣ кор мекунад.

**Калидвожаҳо:** корхона, соҳибкорӣ, фонди истеҳлок, фонди захирави, фоидаи умуми, хоҷагии халк, захираҳои модди, корхонаҳои истеҳсоли.

## ОРГАНИЗАЦИЯ ИСТОЧНИКОВ ФИНАНСИРОВАНИЯ ПРЕДПРИЯТИЯ

**Гадоев Нозил Таваралиевич** -ассистент кафедры финансового менеджмента, Таджикский государственный финансово – экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон:971800900

В данной статье автор рассматривает роль предпринимательства как основной и важнейшей отрасли народного хозяйства нашей республики. Потому что от его развития зависит прогресс всего народного хозяйства, всестороннее удовлетворение растущих потребностей нашего народа. Государство и Правительство Республики стремятся к развитию и процветанию предприятий. Предприятие — коллектив работников, организованный для производства определенной продукции или оказания услуг, располагающий материально-техническими и финансовыми ресурсами, обладающий правами юридического лица и действующий на условиях самоокупаемости.

**Ключевые слова:** предприятие, предпринимательство, амортизационный фонд, резервный фонд, валовая прибыль, народное хозяйство, материальные ресурсы, производственные предприятия.

## ORGANIZING ENTERPRISE FINANCING SOURCES

**Gadoev Nozil Tavaralievich** - Assistant of the Department of Financial Management, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: 971800900

In this article, the author examines the role of entrepreneurship as the main and most important sector of the national economy of our republic. Because the progress of the entire

national economy, the comprehensive satisfaction of the growing needs of our people depend on its development. The state and the Government of the Republic strive for the development and prosperity of enterprises. An enterprise is a team of workers organized to produce certain products or provide services, possessing material, technical and financial resources, possessing the rights of a legal entity and operating on a self-sufficiency basis.

**Keywords:** enterprise, entrepreneurship, depreciation fund, reserve fund, gross profit, national economy, material resources, manufacturing enterprises.

Инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ дар Ҷумҳурии мо шаклҳои нав ба навъи ривоҷи корхонаҳоро талаб менамояд.

Корхона соҳаи асосӣ ва муҳимтарини хоҷагии халқи Ҷумҳурии мо ба шумор меравад. Зеро аз инкишофи он пешрафти тамоми хоҷагии халқ ва ҳаматарафа қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни мардуми мо вобастагӣ дорад.

Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурӣ барои ривоҷу равнақи корхонаҳо ҳавасманд мебошанд.

Корхона ин коллективи кормандон мебошад, ки барои истеҳсоли маҳсулот ё хизматҳои муайян ташкил карда шудааст, дорои захираҳои моддӣ, техникӣ ва молиявӣ мебошад, ҳуқуқи шахси юридикиро дорад ва дар асоси худкифоӣ кор мекунад.

Ба корхона дохил мешавад; завод, фабрика, комбинат ва дигар муассисаҳои истеҳсолӣ.

Вазифаҳои асосии корхона инҳоянд:

1. Тайёр кардани маҳсулоти истеҳсолӣ ва истеъмолӣ;
2. Фурӯши маҳсулот;
3. Хизматрасонии баъди фурӯши маҳсулот (барои молҳои техникӣ);
4. Таъминоти моддӣ – техникии истеҳсолот дар корхона;
5. Идора ва ташкили меҳнати кормандон;
6. Инкишофи корхона ва афзоиши ҳаҷми истеҳсолот;
7. Пардохти андоз ва дигар пардохтҳо ба буҷет ва фондҳои мақсадноки давлатӣ;
8. Ҳифзи муҳити зист; замин, обу ҳаво;
9. Риоя кардани қонун, стандартҳо ва муқаррароти амалкунанда.

Мақсади асосии корхона – гирифтани фоида мебошад.

Чуноне, ки таҷриба нишон медиҳад ба маблағҳои молиявӣ корхонаҳои истеҳсолӣ дар нақшаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат эҳтиёҷманд мешаванд. Сарчашмаҳои асосии пайдо кардани онҳо маблағҳои худии корхонаҳои истеҳсолӣ ва вомҳо шуда метавонанд.

Яке аз расмҳои одатшудаи ҳамаи соҳибкорон ин аст, ки дар мавриди ташкил ва ё фаъолияти иқтисодӣ, гиргардиши фоидаҳоро танҳо аз ҳисоби дороии ба худашон тааллуқдошта таъмин карда наметавонанд ва маҷбур мешаванд, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои қарзӣ сармоягузориро таъмин намоянд [5].

Корхонаҳое, ки дорои сарчашмаҳои молиявии худианд, ҳолати беҳтар дошта метавонанд. Бояд тазакур дод, ки корхонаҳо ҳамагӣ се сарчашмаи воситаҳои худиро доранд, ки худсармоягузориро таъмин карда метавонанд; фонди истеҳлок, фонди захиравӣ, ва фоидаи умумӣ.

Ба маблағҳои худии корхонаҳои истеҳсолӣ шомилшаванда сармояи оинномавӣ; сармояи изофа; сармояи захиравӣ; фонди захиравӣ; фондҳои

андӯхт; маблағгузориҳои воридоти ҳадафманд; маблағҳо аз ташкилот ва ашхоси хусусии дигар; ӯҳдадориҳои иҷоравӣ; фоидаи тақсимнашудаи солҳои гузашта; фоида аз соли ҳисоботӣ; фоидаи истифодашуда ва тақсимнашудаи соли ҳисоботӣ, ва ғайраҳо мебошанд. Дороиҳои ғайримоддӣ (арзиши боқӣ), воситаҳои асосӣ (арзиши боқӣ), таҷҳизоти омодаи васлшаванда, сармоягузориҳои ба сомон нарасида, маблағгузориҳои дарозмуддат, ҳисоббаробаркуниҳо бо муассисаҳои дорои ғайригардон буда, ҳисоботҳо ба сарчашмаҳои маблағҳои худии корхонаҳои истеҳсолӣ мансуб дониста намешаванд.

Ба ғайр аз сарчашмаҳои худӣ, чунин сарчашмаҳои қарзиро корхонаҳо истифода менамоянд:

1. Аврокӣ – қарзаи корхонаҳо;
2. Қарзи бонк ва ташкилотҳои қарзию молиявӣ;
3. Қарз ба ивази амволи беҳаракат ва ё гаравӣ;
4. Қарзҳои хориҷӣ;
5. Қарзҳои ҳукуматӣ;
6. Қоғазҳои тиҷоратӣ.

Маблағҳои бо вом гирифташуда аз қарзҳои дарозмуддати бонкҳо, вомҳои дарозмуддат, қарзҳои кӯтоҳмуддати бонкҳо, қарзи бонкҳо барои кормандон ва вомҳои кӯтоҳмуддат иборат мебошанд. Интихоби ин ва ё он шакли таъминоти молиявии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ба андозаи баҳра ё талаботи изофа, ки ба гирифтани онҳо марбут аст, вобастагӣ доранд. Дар давоми фаъолияти ҷорӣ маблағҳои молиявӣ мумкин аст барои пур кардани захираи анбор ё пардохти хароҷоти пешбининашуда лозим шавад. Ин эҳтиёҷот хислати кӯтоҳмуддатро дошта ва ба шакли таъмини молиявии кӯтоҳмуддати корхонаҳои истеҳсолӣ мансуб дониста мешавад. Дар таҷриба якчанд шакли таъмини молиявии кӯтоҳмуддати корхонаҳои истеҳсолӣ тавсия шудааст, ки онҳо аз қарзҳои тиҷоратӣ, вомбаргҳои бонкӣ, аспектпазириши бонкии васиқаҳо (векселҳо), факторинг – истифода аз санадҳои пардохтшавандаи мизоҷон, варақаҳои тиҷоратии қимматдор, сарчашмаҳои дохилӣ, қарзи кӯтоҳмуддат зери гарави қарздорӣ ва захираҳои молу ашё иборатанд.

Шакли аз ҳама бештар паҳнгардида - ин қарзи тиҷоратӣ мебошад, ки одатан, тавлиддиҳандагони ашёи хом, корхонаҳои истеҳсолӣ истифода менамоянд. Дар ин маврид, чунин қарз шакли аз ҳама арзони таъмини молиявии раванди бунёди захираҳои моливу моддии корхонаҳои истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад. Бартарии он боз дар он мебошад, ки дастраси ба он нисбатан кӯтоҳ мебошад, онҳоро ҳама вакт аз тавлиддиҳандагони ашёи хом гирифтан мумкин аст, зеро онҳо манфиатдор ҳастанд, ки бо тавлидкунандагони маҳсулоти тайёр алоқаҳои устувор барқарор намоянд[3].

Таҷрибаи хориҷиён дар истифодабарии чунин навъи қарз нишон медиҳад, ки ҳангоми ба кор бурдани он фоизи ҳисобкардашуда миқдори камтаринро ташкил медиҳад.

Андозаи баҳраро, ки барои корхонаҳои истеҳсолӣ муқаррар шудааст, аз бисёр ҷиҳат онро бозор муайян мекунад, бонк ҳангоми додани қарзи кӯтоҳмуддат пардохти онро ба ӯҳдаи худ мегирад.

Ба шаклҳои таъмини молиявии бонкӣ инҳо мансубанд: вомбарги бегардиш, хати қарзӣ, эътиборнома, қарзи худ ба худ таҳдидшаванда, қарзи бо пардохти мӯҳлатдор ва ғайраҳо.

Воми бегардиш. Аксари вомҳои бегардиши кӯтоҳмуддат (бе гаравмонии дорои)-ро корхонаҳои хоҷагии қишлоқ мегиранд, ки қудрати хуби қарзпардозӣ доранд. Одатан воми бегардиш дар амалияи маблағгузорӣ намудани лоиҳае, ки воридоти босуръати маблағҳои пулиро таъмин мекунанд, ба кор меравандва дар мавридҳое, ки аз онҳо баҳрабардорӣ мешаванд, ки корхонаҳои истеҳсолӣ маблағҳои накди пулиро дар ихтиёр дорад ва метавонанд дар муддати наздиктарин баргардонанд, ё ки аз таъмини молиявии дарозмӯҳлат истифода баранд.

Чуноне, ки таҷрибаи хориҷиён нишон медиҳанд, яке аз сабабҳои ба корандозии вомбаргҳои бегардиш – ин кам будани мавсими маблағҳои пули нақд ва зарурияти андӯхтани захираҳои молиявию моддӣ мебошанд. Аз нуқсонҳои ин намуди қарзи кӯтоҳмуддат, андозаи баҳра нисбатан зиёд (дар муқоиса бо вомбаргҳои гардишдор) мебошанд, чунки ин намуди қарз бо гарави моликият таъмин нест ва пардохти он якбора маблағи калонро талаб менамояд.

**Адабиёт**


1. Тамоюлоти асосии фаъолияти истеҳсолӣ ва иқтисодию иҷтимоии заводи алюминии Тоҷикистон дар соли 2018 бо муқоисаи соли 2017 вазифаҳои дурнамо дар соли 2019.

2.Қонуни ҶТ «дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ»аз 02.12.2002 сол. тахти № 68

3.Қонуни ҶТ «дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аз ш. Душанбе, 5 марти соли 2007 № 237

4. Исоматов Б.«Асосҳои назаряи иқтисодӣ» қисми дувум, Душанбе -1996

5.М.Маҳмудов,М.Раҳимов.«Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон», Душанбе-1995

6.Ғаниев. Т. Б «Асосҳои агробизнес» Душанбе, Диловар ДДМТ- -1998

7.Юлдошев.Я.Н.«Гасудаственный бюджет»:Учебное пособие, Душанбе- 2002

8.Ф.М. Нодиров «Нақши шартнома дар таҷдиди ташкилотҳои кишоварзӣ» Душанбе – 2003

9.Еви Боди, Роберт К, Мертон. Финансы. Москва Санк- Петербург, Киев- 2003

10.Максимо В, Энг. Финансис, А. Лис. Лоуренс, Дж. Мауер «Мировые финансы» Москва « Дека»-2004

11.Совицная Г.В. «Анализ хозяйственной деятельности предприятия» Минск. ООО «Новое знание»- 2004

12.Гулмирзоев Д.Г. «Менеҷменти молиявӣ» Душанбе, Маориф ва фарҳанг,- 2004

13.Оймаҳмадов Г.Н. «Молия» Душанбе «Нодир» -2005

14.Раҳимов З.А., Ятимов Х.М., Ҷӯраев Ш.Ҷ., «Молия, муомилоти пул ва қарз» Душанбе «Сино» - 2006

15.Абдураҳмон Ҳакимов «Иқтисоди миллӣ: Асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ» Душанбе «Ирфон»-2007

## МУНДАРИЧА-СОДЕРЖАНИЕ


| № | Ном, насаб ва номи падар | Номи мавзуъ | Саҳифа |
|---|---|---|---|
| 1. | Содиқов М.С. | Иқтидори транзитии ҶТ ва аҳамияти он дар рушди иқтисодиёти давлатҳои Осиёи Марказӣ | 3-6 |
| 2. | Ғафуров Ғ.С. | Асосҳои назариявии идоракунии бахши ҷамъиятии иқтисодиёт ҳамчун низоми мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ | 6-9 |
| 3. | Убайдов Ф.С. | Рушди муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун заминаи вусъатёбии бахши хусусӣ дар минтақаиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 9-14 |
| 4. | Муртазоев Н.А., Азизқулов Б. | Арзёбии сармояи бонкӣ дар ташаккул ва истифодаи сармояи молиявӣ | 14-19 |
| 5. | Исмоилова С.А. | Методологияи таҳлили фаъолияти молиявӣ ва шаклҳои маблағгузории хоҷагидории манзилию-коммуналӣ | 19-23 |
| 6. | Қаюмова С.Р. | Рақамикунонӣ ҳамчун самти асосии рушди соҳаи аграрӣ | 23-26 |
| 7. | Саидмахмадова С. М. | Иқтисодиёти минтакавӣ ва ҷаҳонишавӣ: ба проблемаи алоқамандӣ | 27-30 |
| 8. | Рофизода С.Ҳ. | Механизми маблағгузории хизматрасониҳои фарҳангӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон | 30-38 |
| 9. | Рахимова М.П. | Нақши қарзи бонкӣ дар рушди сохибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 39-41 |
| 10. | Шарипов С.Б. | Асосҳои назариявии ташаккули сиёсати савдои хориҷӣ барои татбиқи бомуваффақияти стратегияи ивазкунии воридот | 42-46 |
| 11. | Давлатшоева З.М. | Ҳолати муосири истифодабарии иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 46-50 |
| 12. | Файзуллоева С.Дж. | Развития современного городского пассажирского транспорта в городе Душанбе | 50-54 |
| 13. | Ходжахонова Г.К. | Экономическая доступность продовольствия в Согдийской области Таджикистана | 54-57 |
| 14. | Расулзода Ф.А. | Асосҳои назариявии сармоягузории хориҷӣ | 58-61 |
| 15. | Акдодова Н.Н. | Вклад Основоположника мира и национального единства - Лидера нации Эмомали Рахмона в развитии сферы туризма в Республике Таджикистан | 61-65 |
| 16. | Файзуллоев Б.З. | Методы государственного регулирования внешнеэкономической деятельности в Таджикистане | 65-69 |
| 17. | Убайдуллоев Ф.К. | Роҷеъ ба зарурати рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон | 70-75 |
| 18. | Усмонов П. Н. | Таъсири мусбӣ ва манфии маблағгузории беруна ҳамчун шарти асосии таъмини амнияти иқтисодии мамлакатҳо | 75-80 |
| 19. | Убайдуллоев Ф.К., Сафарова Г.Х. | Сравнительный анализ исламского и традиционного банковских секторов в мировой практике | 80-85 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 20. | Якубова К.Г. | Внешнеэкономическая безопасность страны: понятие, угрозы и пути обеспечения | 85-89 |
| 21. | Ҳазратзода Т.Ҳ. | Таҳаввулоти назарияи ташаккул ва рушди танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ | 89-94 |
| 22. | Ҳакимзода М.А. | Самтҳои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои иқтисодии байналмилалӣ | 94-98 |
| 23. | Аъзамова Т.Т. | Ташаккули шаклҳои нави хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 98-105 |
| 24. | Хамидов А.Х. | Неформальный сектор и сфера промышленность | 105-112 |
| 25. | Ҳамидова М.М. | Идоракунии молияи ҷамъиятҳои саҳомӣ дар шароити муосир | 112-117 |
| 26. | Ҳамидова М.М. | Нақши бозори қоғазҳои қиматнок дар саноатикунонии иқтисодиёти кишвар | 117-123 |
| 27. | Сайдаҳмадов Ф.Б. | Баҳодиҳии асосҳои институтсионалии танзими сармоягузории истеҳсолоти кишоварзии минтақа | 123-128 |
| 28. | Нуров Ш.С. | Идоракунии хавфҳои сармоягузории корхона дар шароити муосир | 128-134 |
| 29. | Сафаров А.А. | Сармоягузории хориҷӣ ва рушди бахшҳои технология | 134-137 |
| 30. | Ҳакимова М.С. | Рушди фаъолияти молиявии инноватсионӣ-сармоягузорӣ ба корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 137-140 |
| 31. | Саъдиев Ҳ.Ф. | Идоракунии хавфҳои молиявии фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ | 140-145 |
| 32. | Гадоев Н.Т. | Ташаккулёбии сарчашмаҳои молиякунонии корхона | 145-148 |